ISSN 2075 – 9584

Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ТОҶИКИСТОН
ВА ҶАҲОНИ ИМРӮЗ

*(Нашри махсус ба Конфронси байналмилалии илмию амалӣ дар мавзӯи: **«Дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 25 соли Истиқлолияти давлатӣ»**, ки аз ҷониби Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд, бахшида шудааст).*

Центр стратегических исследований
при Президенте Республики Таджикистан

ТАДЖИКИСТАН
И СОВРЕМЕННЫЙ МИР

*(Спецвыпуск посвящен Международной научно-практической конференции на тему: **«Достижения Республики Таджикистан за 25 лет государственной независимости»**, проведенной Центром стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан).*

Center for Strategic Research under the
President of the Republic of Tajikistan

TAJIKISTAN
AND CONTEMPORARY WORLD

*(Special edition devoted to the International scientific and practical conference: "**The achievements of the Republic of Tajikistan during 25 years of state Independence**", organized by the Center for Strategic Research under the President of Tajikistan)*

№ 3 (53)

Душанбе – 2016

Муассис: Маркази тадқиқоти стратегии
назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

Учредитель: Центр стратегических исследований
при Президенте Республики Таджикистан

Founder: Center for Strategic Research under the
President of the Republic of Tajikistan

Главный редактор: Х. ХОЛИКНАЗАР

Редколлегия: *С. Сафаров, кандидат философских наук, профессор (заместитель главного редактора по политическим вопросам), М. Сафолов, кандидат исторических наук, Ф. Муминова, кандидат экономических наук (заместитель главного редактора по экономическим вопросам), М. Диноршоев, доктор философских наук, академик АН Республики Таджикистан, К. Олимов, доктор философских наук, академик АН Республики Таджикиста, Ш. Рахимзода, доктор экономических наук, А. Курбонов, доктор философских наук, А. Махмадов, доктор политических наук, Р. Нуриддинов, доктор политических наук, Х.Одинаев, доктор экономических наук, Л. Саидмурадов, доктор экономических наук, Э. Сангинзода, кандидат экономических наук, А. Бобоев, кандидат экономических наук, А. Хаким, кандидат политических наук, К. Камолов (ответственный секретарь).*

Технический редактор: Х. Мирзоев

Журнал «Таджикистан и современный мир» включен в Перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии (ВАК) Министерства образования и науки Российской Федерации. Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан. Свидетельство о регистрации (№ 0080/жр от 8 июня 2015 года.)

Подписной индекс журнала: 77968
Адрес редакции: 734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 40. Тел.: (992 37) 221-11-00, 221-16-36; E-mail: info@mts.tj

МУНДАРИҶА
СИЁСАТ ВА МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Х. ХОЛИҚНАЗАР.
НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ…….....12

С.С. САФАРОВ.
ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ ВА ТАҲКИМИ ОН ДАР 25 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ ……..……..…18

М.Қ. САФОЛЗОДА.
АФҒОНИСТОН ДАР СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ АВВАЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТ (соли 1993)……..……23

Ҳ. Ҳ. ХОҶАЕВ, И.И. ШАРИПОВ.
ФАЪОЛИЯТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДОИРАИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ВА МИНТАҚАВӢ ДАР ДАВРАИ 25 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ……..…….…35

Г. МАЙТДИНОВА.
25 – СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН: ТАЪРИХ ВА ИНКИШОФИ ДУРНАМО…….……..42

Д. ХОЛНАЗАРОВ.
ОМИЛҲОИ ҲАМГИРОИИ ИҶТИМОӢ ДАР ШАРОИТИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ……..……50

С. АКБАРОВ.
НАҚШИ АРТИШИ МИЛЛӢ ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН.....55

Қ.А. МИРАЛИЁН.
ИШТИРОКИ ҶАВОНОН ДАР ҲАЁТИ СИЁСӢ – ТАШАККУЛЁБИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ДАВРОНИ 25 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ.....65

Б.Ҳ. САЙФИДДИНОВ.
САҲМИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ЭҲЁ ВА РУШДИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ…….....75

ИҚТИСОДИЁТ

И.Ҷ. КАМОЛИДДИНЗОДА, З.Ш. БУРҲОНЗОДА.
ТАВСИФИ МУХТАСАРИ ҶАНБАҲОИ КАЛИДИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР 25 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ.....84

Н. Б. НОЗАНИНЗОДА.
СОҲАИ КИШОВАРЗӢ - МУҲИМТАРИН СОҲАИ ТАЪМИНКУНАНДАИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.....89

Р.Ф. ВАЛИЗОДА.
ДАСТОВАРДҲОИ РУШДИ НАҚЛИЁТИ КИШВАР ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН.....93

А. РАУФӢ.
РОҲРАВҲОИ НАҚЛИЁТӢ ВА ҲАМКОРИИ БАЙНИ МИНТАҚАҲО.....99

Ҷ. НАЗИРОВ.
ЭНЕРГЕТИКАИ ТОҶИКИСТОН: ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ КИШВАР ВА ҲАМКОРИҲО ДАР МИНТАҚА.....108

М.И. ИЛОЛОВ., Ҳ.М. АХМЕДОВ.
ТАҲҚИҚ ВА ТАТБИҚИ МАНБАЪҲОИ БАРҚАРОРШАВАНДАИ ЭНЕРГИЯ ДАР 25 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН 115

Ф.М. МУМИНОВА.
ДАСТОВАРДҲОИ РУШДИ СОҲИБКОРӢ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ.....132

С.Ҳ. ҲАБИБОВ, М.Ҷ. ҶАМШЕДОВ.
БАХШИ ХУСУСИИ СОҲИБКОРӢ: МОҲИЯТ, ХУСУСИЯТ ВА РОҲҲОИ ИНКИШОФИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР.....142

М.Н. ТОШМАТОВ.
ПӮЁ, ТАРКИБ ВА АНДОЗАИ ҶАЛБИ САРМОЯИ ХОРИҶӢ БА ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ.....152

М.Т. КАРИМОВА.
НАҚШИ СИЁСАТИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ТАЪМИНИ РУШДИ ИҚТИСОД……..183

Ғ. РАСУЛОВ.
ТАШАККУЛ ВА ТАКОМУЛИ СИЁСАТИ САРМОЯГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ……192

Ф.М. ҒАФОРОВ.
ТАҲЛИЛИ ПӮЁИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ МИНТАҚАҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН……...……207

Ф.Х. ҚУРБОНОВА., И.У. ЗОРОВ.
ҶОЙГОҲ ВА НАҚШИ МАБЛАҒГУЗОРӢ ВА ФАЪОЛИЯТИ ИНВЕСТИТСИОНӢ ДАР РУШДИ СОҲАИ ХИЗМАТРАСОНӢ…….....…225

С. Ғ. ҲАМИДОВ.
ТАШАККУЛИ ТАҶРИБАИ ТАЙЁР НАМУДАНИ БАРНОМАҲО ВА НАҚШАҲОИ РУШДИ ИҚТИСОДИЮ ИҶТИМОИИ МИНТАҚАҲОИ ТОҶИКИСТОН……...…246

Қ. ДАВЛАТЗОДА, А.С. НОСИРОВ.
ТАШАККУЛИ ҲИСОБИ МАҶМӮИ МАҲСУЛОТИ ДОХИЛӢ БО УСУЛИ ИСТЕҲСОЛӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН…….....253

А.Б. МИРСАИДОВ.
ТАМОЮЛҲОИ РУШДИ БАХШИ ИҶТИМОӢ ВА ПАРАМЕТРҲОИ ТАШАККУЛИ ДАВЛАТИ ИҶТИМОӢ ДАР ТОҶИКИСТОН……..……265

Х.М. КАРИМОВ.
МУЗОКИРОТИ ТИҶОРАТӢ ДАР ДОИРАИ СУС: ҶАНБАҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА ИНСТИТУТСИОНАЛӢ……274

Қ. ПАРТОЕВ, Ҳ.М. АХМЕДОВА, С.С. САФАРОВ, Ш.М. ЯСИНОВ.
ОМӮЗИШИ ИСТИФОДАИ ТОПИНАМБУР БАРОИ ТАЪМИНИ АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН……..…290

У.М. ГУЛАКОВ.
ИНТГЕРАТСИЯИ МИНТАҚАВӢ: ҶАНБАҲОИ ОБИЮ-ЭНЕРГЕТИКИИ ИНТЕГРАТСИЯИ МАМЛАКАТҲОИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ.....299

ИЛМ ВА МАОРИФ

А.Ш.ҚУРБОНОВ.
НЕРӮИ ЗЕҲНИИ ҶУМҲУРӢ ВА ҲАЛЛИ МУШКИЛОТИ СОҲАИ ИЛМ ДАР ЗАМОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ……...313

Р.М. МИРБОБОЕВ.
РУШДИ МАОРИФ ВА ИЛМ ДАР ЗЕРИ ПАРЧАМИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА ОРМОНҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ.....323

СОДЕРЖАНИЕ

ПОЛИТИКА И МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ

Х. ХОЛИКНАЗАР.
РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ, ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ЭМОМАЛИ РАХМОНА В ФОРМИРОВАНИИ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ НЕЗАВИСИМОГО ТАДЖИКИСТАНА……12

С.С. САФАРОВ.
НАЦИОНАЛЬНАЯ ГОСУДАРСТВЕННОСТЬ И ЕЁ УКРЕПЛЕНИЕ ЗА 25 ЛЕТ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ……18

М.К. САФОЛЗОДА.
АФГАНИСТАН ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПЕРВЫЕ ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ (1993 ГОД)……..23

Х.Х. ХОДЖАЕВ, И.И. ШАРИПОВ.
ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В РАМКАХ МЕЖДУНАРОДНЫХ И РЕГИОНАЛЬНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ ЗА 25 ЛЕТ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ……...……35

Г. МАЙТДИНОВА.
СУВЕРЕНИТЕТУ ТАДЖИКИСТАНА 25 ЛЕТ: ИСТОРИЯ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ……42

Д. ХОЛНАЗАРОВ.
ФАКТОРЫ СОЦИАЛЬНОЙ ИНТЕГРАЦИИ В УСЛОВИЯХ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ……..……50

С. АКБАРОВ.
РОЛЬ НАЦИОНАЛЬНОЙ АРМИИ В УКРЕПЛЕНИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА.....55

К.А. МИРАЛИЁН.
УЧАСТИЕ МОЛОДЕЖИ В ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЖИЗНИ-ФОРМИРОВАНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ МОЛОДЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ ЗА 25 ЛЕТ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ……65

Б.Ҳ. САЙФИДДИНОВ.
ВКЛАД ОСНОВАТЕЛЯ МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА – ЛИДЕРА НАЦИИ В ВОЗРОЖДЕНИИ И РАЗВИТИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО ЯЗЫКА……...75

ЭКОНОМИКА

И.Д. КАМОЛИДДИНЗОДА., З.Ш. БУРХОНЗОДА.
КРАТКИЙ ОБЗОР КЛЮЧЕВЫХ АСПЕКТОВ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПЕРИОД ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ.....84

Н.Б. НОЗАНИНЗОДА.
СЕЛЬСКОЕ ХОЗЯЙСТВО – КЛЮЧЕВАЯ ОТРАСЛЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН.....89

Р.Ф. ВАЛИЗОДА.
ДОСТИЖЕНИЯ В РАЗВИТИИ СИСТЕМЫ ТРАНСПОРТА В ПЕРИОД ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН.....93

А. РАУФИ.
ТРАНСПОРТНЫЕ КОРИДОРЫ И СОТРУДНИЧЕСТВО МЕЖДУ РЕГИОНАМИ……99

Д. НАЗИРОВ.
ЭНЕРГЕТИКА ТАДЖИКИСТАНА: ОБЕСПЕЧЕНИЕ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ СТРАНЫ И СОТРУДНИЧЕСТВА В РЕГИОНЕ…….....108

М.И. ИЛОЛОВ, Х.М. АХМЕДОВА.
ИССЛЕДОВАНИЯ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ВОЗОБНОВЛЯЕМЫХ ИСТОЧНИКОВ ЭНЕРГИИ ЗА 25 ЛЕТ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА…….115

Ф.М. МУМИНОВА.
ДОСТИЖЕНИЯ В РАЗВИТИИ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА ЗА ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ……..132

С.Х. ХАБИБОВ, М.ДЖ. ДЖАМШЕДОВ.
ЧАСТНЫЙ СЕКТОР ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА И ЕЁ РОЛЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ …….142

М.Н. ТОШМАТОВ.
ДИНАМИКА, СТРУКТУРА И МАСШТАБЫ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В ЭКОНОМИКУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ЗА ГОДЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ……...152

М.Т. КАРИМОВА.
РОЛЬ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ПОЛИТИКИ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РОСТА……183

Г. РАСУЛОВ.
ФОРМИРОВАНИЕ И СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ИНВЕСТИЦИОННОЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ГОДЫ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ.....192

Ф.М. ГАФАРОВ.
АНАЛИЗ ДИНАМИКИ ПРИВЛЕЧЕНИЯ ИНВЕСТИЦИЙ В ЭКОНОМИКУ РЕГИОНОВ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН……207

Ф. Х. КУРБОНОВА, И.У. ЗОИРОВ.
МЕСТО И РОЛЬ ИНВЕСТИЦИЙ И ИНВЕСТИЦИОННОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РАЗВИТИЕ СФЕРЫ УСЛУГ……225

С. Г. ХАМИДОВ.
ФОРМИРОВАНИЕ ОПЫТА РАЗРАБОТКИ ПРОГРАММ И ПЛАНОВ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕГИОНОВ ТАДЖИКИСТАНА……246

К. ДАВЛАТЗОДА, А.С. НАСРИДДИНОВ.
ФОРМИРОВАНИЕ РАСЧЕТА ВАЛОВОГО ВНУТРЕННЕГО ПРОДУКТА ПРОИЗВОДСТВЕННЫМ МЕТОДОМ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН……253

А.Б. МИРСАИДОВ.
ОСНОВНЫЕ ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ СОЦИАЛЬНОГО СЕКТОРА И ПАРАМЕТРЫ ФОРМИРОВАНИЯ СОЦИАЛЬНОГО ГОСУДАРСТВА В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН…….265

Х.М. КАРИМОВ.
ТОРГОВЫЕ ПЕРЕГОВОРЫ В РАМКАХ ВТО: ЭКОНОМИЧЕСКИЕ И ИНСТИТУЦИОНАЛЬНЫЕ АСПЕКТЫ…….....274

К. ПАРТОЕВ., Х.М. АХМЕДОВ., С.С. САФАРОВ., Ш.М. ЯСИНОВ.
МНОГОЦЕЛЕВОЕ ИЗУЧЕНИЕ ТОПИНАМБУРА В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА В ЦЕЛЯХ ОБЕСПЕЧЕНИЯ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ…….290

У.М. ГУЛАКОВ.
РЕГИОНАЛЬНАЯ ИНТЕГРАЦИЯ: ВОДНО-ЭНЕРГЕТИЧЕСКИЙ АСПЕКТ ИНТЕГРАЦИИ СТРАН ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ…….....299

ОБРАЗОВАНИЕ И НАУКА

А. Ш. КУРБОНОВ.
ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫЙ ПОТЕНЦИАЛ РЕСПУБЛИКИ И РЕШЕНИЕ ПРОБЛЕМЫ НАУКИ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ…….313

Р.М. МИРБОБОЕВ.
РАЗВИТИЕ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ В ПЕРИОД ОБЕСПЕЧЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА И ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ……..323

CONTENT
POLITICS AND INTERNATIONAL RELATIONS

KH. KHOLIKNAZAR.
THE ROLE OF THE NATION`S LIEDER, THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN EMOMALI RAHMON IN ESTABLISHING FOREIGN POLICY FOR INDEPENDENT TAJIKISTAN……12

S.S. SAFAROV.
NATIONAL STATE AND ITS STRENGTHENING FOR 25 YEARS OF STATE INDEPENDENCE……18

M.K. SAFOLZODA.
AFGHANISTAN IN THE FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE FIRST YEARS OF INDEPENDENCE (1993)……..23

H. H. KHODJAEV, I.I. SHARIPOV.
ACTIVITIES OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE INTERNATIONAL AND REGIONAL ORGANIZATIONS IN THE PERIOD OF 25 YEARS OF STATE INDEPENDENCE……35

G. MAITDINOVA.
25 YEARS OF SOVEREIGNTY OF TAJIKISTAN: HISTORY AND PROSPECTS OF DEVELOPMENT……..42

D. KHOLNAZAROV.
FACTORS OF SOCIAL INTEGRATION IN THE CONDITIONS OF STATE INDEPENDENCE……50

S. AKBAROV.
THE ROLE OF THE NATIONAL ARMY IN STRENGTHENING THE STATE INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN……55

Q.A. MIRALIYON.
YOUTH PARTICIPATION IN THE POLITIC LIFE – FORMATION STATE POLICY FOR YOUTH IN THE 25 YEARS OF THE STATE INDEPENDENCE……65

B.H. SAIFIDDINOV.
CONTRIBUTION OF THE FOUNDER PEACE AND NATIONAL UNITY - THE NATION'S LEADER IN THE REVIVAL AND DEVELOPMENT OF THE STATE LANGUAGE……75

ECONOMY

I.D. KAMOLIDDINZODA, Z.SH. BURHONZODA.
OVERVIEW OF KEY ASPECTS OF ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN DURING THE STATE INDEPENDENCE.....84

N. B. NOZANINZODA.
AGRICULTURE - KEY SECTORS OF FOOD SECURITY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN.....89

R.F. VALIZODA.
ACHIEVEMENTS IN THE DEVELOPMENT OF TRANSPORT SYSTEM IN THE PERIOD OF THE STATE INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN…….93

A. RAUFI.
TRANSPORT CORRIDORS AND COOPERATION BETWEEN REGIONS…99

D. NAZIROV.
ENERGY: SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN AND INTERNATIONAL COOPERATION IN THE REGION……108

M.I ILOLOV., KH.M. AKHMEDOV.
INVESTIGATIONS AND UTILIZATION OF RENEWABLE ENERGY RESOURCES DURING 25 YEARS OF STATE INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN……115

F.M. MUMINOVA.
ACHIEVEMENTS IN THE DEVELOPMENT OF BUSINESS FOR THE YEARS OF INDEPENDENCE……132

.

S.KH. HABIBOV, M.J. JAMSHEDOV.
PRIVATE SECTOR OF ENTREPRENEURSHIP AND ITS ROLE IN SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF NATIONAL ECONOMY……142

M.N. TOSHMATOV.
DYNAMICS, STRUCTURE AND SCOPE OF ATTRACTING FOREIGN INVESTMENTS IN ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN FOR THE YEARS OF INDEPENDENCE……152

M.T. KARIMOVA.
ROLE OF THE INVESTMENT POLICY OF THE ECONOMIC GROWTH…….183

G. RASULOV.
FORMATION AND IMPROVEMENT OF INVESTMENT POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN YEARS OF THE STATE INDEPENDENCE.192

F.M. GAFAROV.
THE ANALYSIS OF DYNAMICS OF INVESTMENT ATTRACTION IN ECONOMY REGIONS OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN……207

F.KH.QKURBONOVA, I.U. ZOIROV.
PLACE AND ROLE OF INVESTMENT AND INVESTMENT ACTIVITY IN THE DEVELOPMENT OF SERVICE SPHERES……225

S.G. HAMIDOV.
CREATING THE EXPERIENCE OF DEVELOPMENT PROGRAMMES AND PLANS FOR SOCIAL AND ECONOMIC DEVELOPMENT OF REGIONS OF TAJIKISTAN……246

Q. DAVLATZODA., A. S. NASRIDDINOV.
CALCULATION OF GROSS DOMESTIC PRODUCT BY THE METHOD OF PRODUCTION ON THE EXAMPLE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN……253

A.B. MIRSAIDOV.
MAIN TRENDS OF THE SOCIAL SECTOR AND DATA CREATING SOCIAL STATE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN…….....265

KH.M. KARIMOV.
TRADE NEGOTIATIONS UNDER THE WTO: ECONOMIC AND INSTITUTIONAL ASPECTS……274

K. PARTOEV, H.M. AKHMEDOV, S.S. SAFAROV, SH. M. YASINOV.
MULTI-PURPOSE STUDYING AND UTILIZATION OF TOPINAMBOUR IN YEARS OF INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN…….290

U.M. GULAKOV.
REGIONAL INTEGRATION: WATER AND ENERGY INTEGRATION ASPECT OF CENTRAL ASIA……299

EDUCATION AND SCIENCE

A.SH. QURBONOV.
INTELLECTUAL POTENTIAL OF TAJIKISTAN AND RESOLVING SCIENCE'S ISSUES DURING THE INDEPENDENT…….313

R.M. MIRBOBOEV.
DEVELOPMENT OF EDUCATION AND SCIENCE IN THE PERIOD OF NATIONAL UNITY AND STATE INDEPENDENCE……323

УДК: 323(575.3)

НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ТАШАККУЛИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

Х. ХОЛИҚНАЗАР,
доктори илмҳои таърих,
директори Маркази тадқиқоти стратегии назди
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40,
тел.: (+992) 918 17 78 13; E- mail: khalik@mail.ru

Дар мақола нақши барозандаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули рукнҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол мавриди баррасӣ қарор дода шуда, марҳалаҳои муҳими таърихии Тоҷикистони соҳибистиқлол, ки дар онҳо ташаббусу ибтикорҳои Пешвои миллат дар самти сиёсати хориҷӣ боиси ҳаллу фасли гиреҳҳои сиёсии кишварамон гардида буданд, аз лиҳози методологӣ пешниҳод шудаанд.

Калидвожаҳо: *Пешвои миллат, сиёсати хориҷӣ, истиқлолияти давлатӣ, манфиатҳои миллӣ, Созмони Милали Муттаҳид, Созишномаи истиқрори сулҳ, Консепсияи сиёсати хориҷӣ.*

Сиёсати хориҷӣ яке аз муҳимтарин самтҳои сиёсати давлатӣ буда, дар ҳифзу таҳкими давлат ва ҳимояи манфиатҳои миллии он аҳамияти таъйинкунанда дорад. Нақши сиёсати хориҷӣ хусусан, дар ҳифзи истиқлолияти давлатии ҳар кишвар муҳим буда, умуман, доштани сиёсати хориҷӣ худ яке аз нишонаҳои асосии истиқлолияти ҳар давлат аст.

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 25 соли Истиқлолияти давлатӣ давраҳои асосии ташаккули худро аз сар гузаронида, марҳала ба марҳала ба як мактаби усулманд, суфта, коркардшуда ва таҷрибашудаи сиёсӣ табдил гаштааст. Аз ин рӯ, имрӯз метавон дар бораи таҷрибаи амалии татбиқи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як мактаби ташаккулёфтаву таҷрибашуда зикр кард.

Бешубҳа, бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистони соҳибистиқлол Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аст. Бо кушишу ғайрати ин абармарди миллат баъд аз интихобашон дар Иҷлосияи таърихии XVI ба ҳайси Сарвари давлат дурнамои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамон рӯзҳо дар шакли Муроҷиатномаи Роҳбарияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ садо дод.

Аз рӯзи аввали интихобашон Сарвари давлат ба Созмони Миллаи Муттаҳид дархостнома ирсол намуд ва ҳоҳиш кард, ки намояндагони Созмони Милали Муттаҳид ба Тоҷикистон омада, вазъияти сиёсиро аз наздик мушоҳида намуда, ба кишвар барои баргардондани гурезагон ҳамаҷониба кумак намоянд, чунки Сарвари давлат, пеш аз ҳама, дар бораи сарҷамъ кардани миллат ва таъмини сулҳу субот дар Тоҷикистон ғамхорӣ мекард.

Аз аввали соли 1993 то имзои «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» - 27 июни соли 1997 ҳадафи асосии сиёсати хориҷии

Ҷумҳурии Тоҷикистон ин таъмини суботи сиёсӣ дар кишвар, баргардондани гурезагон ба Ватан, оғози музокироти сулҳ бо мухолифон ва имзои Созишномаи сулҳ ва таҳкими вахдати миллӣ буд. Асосгузори ин Консепсияи сулҳмеҳвар ва вахдатофарин абармарди миллат Эмомалӣ Раҳмон буд.

Барои амалӣ намудани ин Консепсия Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарони кишварҳои узви Иттиҳоди давлатҳои мустақил, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳуриҳои исломии Афғонистон, Эрон ва Покистон, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва Иттиҳодияи Европа диду боздидҳо барпо намуд. Бо заҳматҳои зиёди Сарвари давлат ин Консепсияи сиёсати хориҷии кишвар дурустии худашро дар ҷараёни имзои Созишномаи сулҳ дар таърихи 27 июни соли 1997 комилан собит намуд. Ин аст, ки миллати ҷабрдидаи тоҷик, ки солҳои дароз аз ҷанги таҳмилӣ зачр мекашид, барҳақ ҳанӯз баъд аз имзои Созишномаи сулҳ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро Асосгузори сулҳ ва Вахдати миллӣ дониста буданд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бошад имзои Созишномаи сулҳро бузургтарин дастоварди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳогузорӣ карда буд.

Дар даврони баъд аз низоъ ва шурӯи бозсозӣ дар кишвар дастоварди муҳими дигари сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба тадриҷ коркард ва мушаххас шудани асосҳои назариявӣ ва методологии он мебошад. Албатта, арзишҳои бузурги умумибашарие чун дӯстӣ, бародарӣ, таҳаммул, ҳамсоягии нек эҳтиромӣ мутақобил, ва ғайра, ки гузаштагони мо дар тамоми тӯли таърих яке аз парчамдорони он будаанд, аз аввалин қадамҳо дар меҳвари сиёсати хориҷии Тоҷикистон қарор доштанд. Бо вуҷуди ин, чун сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар оғози худ аз пешзаминаҳои коркардшудаи назариявӣ ва методологӣ бархӯрдор набуд, ташаккули ин ҷанбаи бунёдии сиёсати хориҷӣ, ки ҳанӯз ҳам идома дорад, маҳз маҳсули замони истиқлолияти давлатӣ мебошад.

Ҳангоми баррасии бунёдҳои назариявӣ ва асосҳои методологии сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар ин давра таваҷҷуҳ ба нуктаҳои зерин шуда буд:

Якум. Аз назари **арзишӣ ва рӯҳия** сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон моҳияти сулҳҷӯёна ва дӯстона дорад, ки ин нуктаи муҳим дар Конституцияи давлат ба таври мушаххас сабт шудааст. Яъне, Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати комилан сулҳдӯстонаро пеш бурда, мусоидат ба таҳкими сулҳу субот дар тамоми сайёраро яке аз рисолатҳои асосии худ медонад. Ин рӯҳияи сиёсати хориҷии Тоҷикистон арзишҳо ва рӯҳияи тамоми тамаддуни чандҳазорсолаи мардуми тоҷик ва ахлоқу иродаи имрӯзаи ҷомеаи моро, ки маҳз бо паёми сулҳу дӯстӣ вориди саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ шудааст, ифода мекунад. Бинобар ин, дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳеҷ кишвари ҷаҳон ҳамчун кишвари бад ва ё душман таъриф нашуда, муносибатҳои Тоҷикистон бо ҳеҷ кишвар бар пояи хусумат бунёд наёфтааст.

Мувофиқи банди 2.12. Консепсияи сиёсати хориҷии кишвар *«Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷонибдори он аст, ки низоми нави ташаккулёбандаи ҷаҳонӣ аз ҷангу низоъҳо, хушунату зӯроварӣ ва таассубу бадбинии милливу диниву тамаддунӣ комилан озод бошад ва ба ҳамкориву шарокати баробар ва мутақобилан судманди ҳамаи кишварҳои ҷаҳон асос ёбад, ҳама гуна таҳдидҳо бар сулҳу субот ва амнияти ҷаҳониву минтақавӣ бо роҳи созишу муколамаи созанда ва дар асоси аҳкоми ҳуқуқи байналмилалӣ, пеш аз ҳама Оинномаи СММ ҳамчун созмони асосии танзимкунандаи муносибатҳои байналмилалӣ бартараф карда шаванд.*»[1]

Дуюм. Аз назари моҳияти фалсафӣ ва мақсудӣ сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати **манфиатмеҳвар** мебошад. Меҳвари асосии сиёсати хориҷии

Ҷумҳурии Тоҷикистонро **ҳифзи манфиатҳои миллии Тоҷикистон** ташкил медиҳад ва ё ба ибораи дигар, **манфиатҳои миллӣ** дар маркази сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор гирифтаанд.

Консепсияи нави сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин маврид пешбинӣ менамояд, ки «*ҳадафи аслӣ ва асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дурнамои дарозмуддат ҳифзи манфиатҳои стратегии кишвар дар арсаи байналмилалӣ буда, он аз тариқи фароҳам овардани шароити мусоиди берунӣ барои рушди устувори ҳамаҷонибаи мамлакат, мусоидат ба таҳкими беш аз пеши пояҳои истиқлолияту соҳибихтиёрии давлатии Тоҷикистон ва кӯшишҳои пайгирона ҷиҳати дарёфти ризоят ва манфиатҳои мутақобила бо кишварҳои хориҷӣ ва созмонҳои байналмилалӣ дар ҷараёни иҷрои вазифаҳои авлавиятноки сиёсати хориҷии кишвар амалӣ мегардад.*»[2]

Дар Консепсияи нави сиёсати хориҷии ҶТ, ки аз оғози соли 2015 татбиқ мешавад, мафҳуми манфиатҳои миллии Чумҳурии Тоҷикистон ба таври васеъ бозкушоӣ шудааст, ки пеш аз ҳама арзишҳои зеринро дарбар мегирад:

- ҳимоя ва таҳкими истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва таъмини амнияти миллии он; эҷоди навори амнияти ва ҳусни ҳамҷаворӣ дар тӯли марзҳои кишвар;

- инкишофи муносибатҳои боварӣ, дӯстӣ ва ҳамкорӣ бо тамоми кишварҳои олам дар асоси манфиатҳои мутақобила;

- фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, таъмини амнияти иқтисодии кишвар;

- таъмини истиқлолияти энергетикии Тоҷикистон, дастёб шудан ба амнияти озуқаворӣ ва аз бунбасти коммуникатсионӣ раҳоӣ бахшидани кишвар;

- таъмин ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳо, эътибор ва манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон дар дохил ва хориҷи кишвар;

- таҳвияти шинохти мусбати Тоҷикистон дар ҷаҳон ба ҳайси давлати демократӣ, дунявӣ ва ҳуқуқбунёд;

- мусоидат ба фаъолияти созанда ва қонунии ҷамъиятҳои тоҷикон ва ҳамватанон дар кишварҳои дигар.»[3]

Сеюм. Аз назари **равиш ё методология** сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бар **воқеънигарӣ ё прагматизми сиёсӣ** асос ёфта, ба масъалаи манфиатҳои миллӣ ва робита бо ҷаҳони берунӣ маҳз аз дидгоҳи воқеъбинона ва амалгароёна муносибат мекунад. Ин равиш ба он маъност, ки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди худ ҳадафҳои ғайривоқеии тахайюлӣ, ормонгароёна ва сирфан идеологӣ нагузошта, маҳз дар асоси воқеънигарӣ ва прагматизми сиёсӣ пеш бурда мешавад. Чуноне ки дар банди 2.6.-и Консепсияи сиёсати хориҷӣ зикр шудааст, «бо дарназардошти мавқеи геополитикии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мкониятҳои табииву демографӣ ва сатҳи тараққиёти иқтисодию иҷтимоии он, сиёсати хориҷии кишвар ба таври воқеъбинона ва амалгароёна ба роҳ монда мешавад.»[4]

Яке аз муҳимтарин нуктаҳое, ки моҳияти прагматикии сиёсати хориҷии моро ба таври барҷаста ифода менамояд, дар боби аввали Консепсияи нави сиёсати хориҷӣ ворид шудани асли **«орӣ будани муносибатҳои байнидавлатӣ аз идеология»**[5] мебошад. Ин асл, ки бегумон, яке аз дастовардҳои муҳими Консепсияи нав аст, сиёсати хориҷии давлатро аз пойбандӣ ва маҳдудияти идеологии сиёсӣ раҳо карда, дар айни замон, имкони ба буҳронҳои сиёсию идеологии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ гирифтор шудани кишварро пешгирӣ мекунад. Мо аз таҷрибаи таърихӣ хуб медонем, ки масалан, равиши идео-

логии «дастгирии ҳаракатҳои сотсиалистӣ дар саросари ҷаҳон» барои иттиҳоди Шӯравӣ чӣ гарон тамом шуд ва ҳатто чунин абарқудрати пуриқтидорро аз пой афтонд.

Хулоса, прагматизми сиёсӣ асоси методологии сиёсати хориҷии ҶТ мебошад. Бинобар ин, баъзе изҳори назарҳои эҳсосию идеологӣ, ки гоҳо дар ҷомеаи таҳлилию иттилоотӣ садо медиҳанд, назари шахсии коршиносон буда, рӯҳияи консептуалии сиёсати хориҷии кишварро ифода намекунанд. Аз ин рӯ, ба дӯстони хориҷии мо низ зарур аст, ки ҳадаф, мазмун ва рӯҳияи сиёсати хориҷии моро маҳз аз манбаъҳои воқеии он ва аз баёни афроди босалоҳият бардошт намоянд.

Чорум. Асоси дигари бунёдӣ ва чорчӯбии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътирофи усулҳо ва арзишҳои пазируфтаи ҳуқуқи байналмилалӣ ташкил медиҳад. Рӯ овардани сиёсати хориҷии мо ба ин масъала ҳам ҷанбаи арзишию назарӣ ва ҳам ҷанбаи зарурию амалӣ дорад.

Ҷанбаи арзишии масъала дар он аст, ки маҷмӯаи ҳуқуқи байналмилалии муосир аксари арзишҳои асосии умумибашариро ифода карда, пояҳои асосии сулҳу суботу ҳамзистии халқҳову кишварҳо ва механизмҳои нигоҳдории суботу амнияти ҷаҳониро дар шакли ҳуқуқӣ ифода мекунад. Табиист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати муосиру мутамаддин ва ҳамчун давлати миллии миллати тамаддунофар аксари ин арзишҳоро эҳтиром ва эътироф менамояд ва дар нашри онҳо саҳм мегирад.

Ҷанбаи заруратӣ ва амалии масъала дар он аст, ки маҳз эътирофи қонунгузории байналмилалӣ ва ё қабул кардани қоидаҳои рафтор роҳи ҳар кишвари тозаистиқлолро ба саҳнаи сиёсати ҷаҳонӣ боз мекунад. Бинобар ин, ҳатто кишварҳое, ки нисбати меъёрҳои пазируфташудаи байналмилалӣ нигоҳи хосси худро доранд, барои иштирок дар муносибатҳои байналмилалӣ ин меъёрҳои танзими рафторро ногузир эътироф мекунанд. Нуктаи дигаре, ки аҳамияти амалии масъаларо барҷаста месозад, ин аст, ки қонунгузории байналхалқӣ таҷрибаи тӯлонии танзими муносибатҳои байналмилалиро ифода карда, барои кишварҳои тозаистиқлол яке аз муҳимтарин сарчашмаҳои омӯзишӣ ва корбурдӣ ба ҳисоб меравад. Хулоса, аҳамияти ҷанбаи заруративу амалии ин масъала нисбат ба ҷанбаи арзишию назарии он камтар нест.

Панҷум. Асли консептуалии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро **«сиёсати хориҷии бисёрсамтӣ»** ташкил медиҳад, ки дар банди 2.5-и Консепсияи сиёсати хориҷии ҶТ нишон дода шудааст. Ин сиёсат ба ибораи маъмултар сиёсати **«дарҳои кушода»** номида мешавад, ки ин истилоҳ низ ҳам дар Консепсия ва ҳам дар Паёмҳо ва суханрониҳои барномавии бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо корбурд ёфтааст.[6]

Омӯзиши маводу назарҳое, ки солҳои охир дар бораи ин сифати моҳиятии сиёсати хориҷии ҶТ ироа шудаанд, нишон медиҳанд, ки дар доираҳои илмию коршиносӣ дар мавриди мафҳуми «сиёсати бисёрсамта» ва истилоҳи «дарҳои кушода» фаҳмиша ягона вуҷуд надорад. Бинобар ин, зарур аст, ки дар ин масъала ба баъзе нуктаҳои мушаххас ишора гардад:

1.Канори ҳам гузоштани асосҳои назариявию методологии сиёсати хориҷӣ ва заруратҳои амалии кишвар нишон медиҳад, ки дар ин марҳалаи таърихӣ маҳз интихоби сиёсати хориҷии бисёрсамтӣ метавонад манфиатҳои миллии Тоҷикистонро ба таври беҳтар таъмин намояд. Хусусан, зарурати ҳамзамон таъмин намудани рушди сиёсиву институтсионалӣ, касби ҷойгоҳи сазовори байналмилалӣ, баргузории ислоҳоти амиқи иқтисодиву иҷтимоӣ, гузаштан аз марҳилаи мураккаби эҳёи миллӣ, таъмини амнияти миллӣ дар шароити шиканандаи минтақавӣ ва ғайра тақозо менамуданд, ки Тоҷикистон ҳамзамон бо тамоми самтҳо, марказҳо ва қутбҳои сиёсӣ ва иқтисодии ҷаҳони му-

осир ҳамкориҳои зарурӣ дошта бошад. Ин аст ки дар даврони Истиқлолияти давлатӣ аз тарафи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти сиёсати хориҷӣ мактаби сиёсати «дарҳои кушода» ҳамчун равиши таъминкунандаи тавозуни манфиатҳо пеш бурда мешавад.

2.Сиёсати бисёрсамтӣ ҳаргиз баробарии физикиву сиёсию миқёсии сатҳ ва ҳаҷми робитаҳо бо тамоми шариконро ифода намекунад, балки нигоҳи баробари кишвар ба тамоми миллатҳо ва кишварҳои ҷаҳонро ифода менамояд. Яъне, мардум ва давлати Тоҷикистон ба тамоми кишварҳои ҷаҳон ва шарикони хориҷӣ бо нигоҳи баробар менигарад. Аммо, табиист, ки бинобар воқеиятҳои таърихӣ, сиёсӣ, ҷуғрофӣ, иқтисодӣ ва ғайра, ҳаҷми ҳамкориҳо ва аҳаммияти ҳамкориҳо бо ҳамагон баробар нестанд. Ин аст, ки дар сиёсати хориҷии мо мафҳумҳое чун шарикони стратегӣ, шарикони табиӣ ва ғайра вуҷуд доранд.

3.Сиёсати дарҳои кушода бештар озодии кишвар дар ҳамкорӣ бо ҳамаи самтҳоро ифода мекунад. Он бештар ҳуқуқи кишвари сиёсатгузор ба доштани робитаҳои мустақилона ба ҳамаи шарикони минтақавӣ ва байналмилалиро инъикос менамояд. Дар шарҳи ин аҳамияти сиёсати «дарҳои кушода» Роҳбари давлати Тоҷикистон таъкид намудааанд, ки *«сиёсати хориҷии Тоҷикистон сиёсати «дарҳои кушода», сулҳхоҳона ва беғараз буда, дар роҳи татбиқи он давлати мо омода аст, ки бо ҳамаи кишварҳои дунё робитаҳои дӯстонаро бар пояи эҳтиромии ҳамдигар, баробарӣ ва ҳамкориҳои судманд густариш диҳад».* [7]

Таҷрибаи ду даҳсолаи гузашта нишон медиҳад, ки маҳз ҳамкории фаъол бо кишварҳо ва самтҳои гуногун имкон додааст, ки Тоҷикистон муҳимтарин масъалаҳои марҳалаи гузаришро ба таври зарурӣ ҳал намояд.

Ҳамин тавр, ин панҷ бунёди усулӣ, яъне **меҳварияти манфиатҳои миллӣ(1), рӯҳияи сулҳомезу дӯстона(2), прагматизми сиёсӣ(3), эътирофи қонунгузории байналмилалӣ(4) ва моҳияти бисёрсамтӣ(5)** асосҳои назариявӣ ва методологии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар даврони Истиқлолият ташаккул медиҳанд.

Пешбинӣ мешавад, ки бо гузашти замон ва бо андухтани таҷрибаи бештар ин асосҳои назарию методологӣ боз ҳам такмил ёфта, мактаби сиёсати хориҷии кишвар бо сарварии Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба марҳалаҳои нави рушду такомули худ ворид мегардад.

АДАБИЁТ

1. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст. Нишонии доимӣ дар Интернет: http://mfa.tj/tj/zaminahoi-hukuki-skh/konsepsiyai-siyosati-khorijii-jumhurii-tojikiston.html.
2. Ҳамон ҷо.
3. Ҳамон ҷо.
4. Ҳамон ҷо.
5. Ҳамон ҷо.
6. Паёми Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 январи 2016. Нишонии доимӣ дар Интернет: http://president.tj/node/10585.
7. Ҳамон ҷо.

РОЛЬ ЛИДЕРА НАЦИИ, ПРЕЗИДЕНТА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН ЭМОМАЛИ РАХМОНА В ФОРМИРОВАНИИ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ НЕЗАВИСИМОГО ТАДЖИКИСТАНА

Х. ХОЛИКНАЗАР,
доктор исторических наук,
директор Центра стратегических исследований при Президенте
Республики Таджикистан
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 40,
тел.: (+992) 918 17 78 13; E- mail: khalik@ mail.ru

В данной статье исследуется видающееся роль Лидера нации, Президента Республики Таджикистан в формировании основных, концептуальных воззрений по внешней политики независимого Таджикистана, а также рассматриваются методологические аспекты важнейших исторических этапов независимого Таджикистана, в которых инициативы Лидера нации, в сфере внешней политики, сыграли важную роль в решении многих политических проблем нашего Отечества.

Ключевые слова: *Лидер нации, внешняя политика, государственная независимость, национальные интересы, Организация Объединённых Наций, Соглашение по установлению мира, Концепция по внешней политики.*

THE ROLE OF THE NATION`S LEADER, THE PRESIDENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN EMOMALI RAHMON IN ESTABLISHING FOREIGN POLICY FOR INDEPENDENT TAJIKISTAN

KH. KHOLIKNAZAR,
doctor of historical sciences
director Center for Strategic Research under the President
of the Republic of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan , Dushanbe, Rudaki aven. 40,
ph.: (+992) 918 17 78 13; E- mail: khalik@ mail.ru

The great role of the Nation`s Lieder, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon in establishing the main conceptual vision of the foreign policy for independent Tajikistan is researching in this article.

The methodological aspect ot he main historical stage of the independent Tajikistan, in which the Nation`s Leader initiatives in the foreign policy sphere played the great role for the solving many countries political problem.

Keywords: *Nation`s Leader, foreign policy, State independence, national interest , United Nations, Peace establishing Agreement, Foreign policy Conception.*

УДК: 341.231(470+531)

ДАВЛАТДОРИИ МИЛЛӢ ВА ТАҲКИМИ ОН ДАР 25 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

С.С. САФАРОВ,

номзади илмҳои фалсафа, муовини якуми директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40,
тел.: 918459814, E-mail: ssaifullo@mail.ru

Дар мақола масъалаҳои рушди давлатдории миллӣ ва таҳкими давлати миллӣ дар солҳои истиқлолияти давлатӣ таҳлил шуда, муҳимтарин рукнҳои он нишон дода шудааст. Ба хусус ба ислоҳоти конституцсионӣ, ташаккули Ваҳдати миллӣ ва ҳифзи манфиатҳои миллию давлатӣ ва амалишавии ғояи миллӣ диққати махсус дода шудааст.

Калидвожаҳо: *давлатдорӣ, давлати миллӣ, истиқлолияти давлатӣ, дастовардҳо,сиёсати дохилӣ ва хоричӣ , Президент, ватандӯстӣ, Ваҳдати миллӣ.*

Дар давраи 25 соли Истиқлолияти давлатӣ Тоҷикистон ба як қатор дастовардҳои бузург ноил гардид. Дар самти сиёсати дохилӣ пешрафтҳо бевосита ба сатҳи зиндагии мардум таъсир расонида, барои таҳкими фазои озоду босубот мусоидат намуданд. Аз дастовардҳои муҳим дар сиёсати дохилӣ ҳифзу нигоҳдошти Истиқлолияти давлатӣ, қабули Конституцсия, гузаштан ба низоми идоракунии президентӣ, анҷоми ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, гузаштан ба низоми демократӣ ва бисёрҳизбӣ, бозсозии давлати миллӣ ва таҳкими минбаъдаи он, парлумони дупалатагӣ, таҷзияи се шохаи ҳокимият, таҳкими низоми худидоракунии маҳаллӣ, расидан ба Ваҳдати миллӣ ва ба вуҷуд овардани сохторҳои зарурии давлатдориро метавон ном бурд, ки рукнҳои муҳимми Истиқлолияти давлатии кишвар ба шумор мераванд.

Тоҷикистон дар як давраи шикасти низоми сиёсии ҷаҳонӣ ба саҳнаи сиёсати умумиҷаҳонӣ баромад, даврае, ки Иттиҳоди Шӯравӣ пош хӯрда, давлатҳои узви он ба ҳар тараф барои ҷустуҷӯи роҳи хеш рафтанд ва ҳамагон зери фишорҳои геополитикӣ монданд. Муборизаи ду система ва ҷанги сард анҷом ёфта, ба ҷойи он бозингарони зиёде ба саҳнаи муборизаҳои геополитикӣ қадам гузоштанд, ки муборизаи байни онҳо равандҳои асосии ҷаҳони муосирро муайян месозанд. Чунин тағйироту дигаргунӣ дар низоми нави ҷаҳонӣ аз пайи худ дастоварду арзишҳои навро низ овард. Тоҷикистон низ яке аз давлатҳои нави ҳамин марҳалаи таърихӣ ба шумор меравад.

Вале набояд ғуломи он фикр шавем, ки ин аввалин давраи давлатдорӣ ва истиқлолияти давлатии тоҷикон мебошад. Заминаҳои истиқлолият ва давлати миллии мо решаҳои чуқури таърихӣ доранд. Мо - тоҷикон ҳеҷ гоҳ бедавлат набудем. Шаклҳои гуногуни давлатдории тоҷикон, ки ҳоло макони ҷойгиршавии онҳо дар марзҳои гуногун ҷойгир буданд, барои нигоҳдории таҷрибаи давлатдории миллат асос ва дарси таърихии хубе мебошанд. Ин кишвари ҳазорҳо шаҳрҳо, боғҳо буд. Дар сарзамини мо ва ҳамсоякишварҳои қадимтарин давлатҳои тоҷикон - Бохтару Суғд арзи вуҷуд карда, баъдтар дигар давлатҳо пайдо шуда, таназзул ёфтаанд. Ва бузургтарин империяи

тоҷикӣ, албатта, давлати Сомониён буд, ки сохтори муосири давлатдорӣ бо низоми вазоратхонаву идоракуниро ба ҷаҳониён додааст.

Бо шикаст хӯрдани империяи Сомониён давлатҳои хурд-хурди тоҷикӣ аз байн нарафтанд. Худи бекигариҳои Ҳисор, Балҷувону Кӯлоб ва Қӯрғонтеппаву Қубодиён, Дарвозу Қаротегину шоҳигариҳо ё бекигариҳо дар Бадахшон аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки то асри ХХ дар ин ё он шакл тоҷикон дар марзу буми ватани азалӣ ва аҷдодии хеш ҳокимияти сиёсиро дар дасти худ нигоҳ медоштанд. Чунин манзара дар Афғонистон низ ба назар мерасид. Аз ин рӯ, мавҷуд будани давлатдории тоҷикон дар тамоми таърихи мавҷудияти халқи мо ин як ҳақиқати бебаҳс аст. Албатта, касе рад намекунад, ки тоҷикон баъди шикасти Сомониён қисман ба ҳайати империяҳои бузург, аз Ғазнавиёну Салҷуқиён то аморати Бухоро ва Иттиҳоди Шӯравӣ ба таври давлатдориҳои гуногун чун хонигарӣ, бекигарӣ, шоҳигарӣ, ҷумҳурии мухтор ва ҷумҳурии иттифоқӣ дохил будем, вале ҷавҳари озодипарастӣ ва истиқлолхоҳии моро ҳеҷ яке аз империяҳо шикаста ва аз хотираи таърихӣ зудуда натавонистанд. Раванди истиқлолиятхоҳӣ ҳама вақт ҷавҳари худшиносии миллии тоҷикон буда ва мондааст, ки аз ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ то аллома Садриддини Айнӣ он танҳо қувват гирифта, оқибат ба давлатдории миллӣ ва имрӯз ба давлати миллии соҳибихтиёри тоҷикон расидааст. Яъне, имрӯз тоҷикон дар зинаи аввали давлатсозӣ буда ба эҳё ва бозсозии давлатдории худ сар кардаем ва ин 25 соли давраи тиллоии таърихи навини мост. Эҷодкории таърихии миллат маҳз дар ин замон бештару беҳтар бедор шуда, қувват гирифт ва неруи бунёдкорӣ ва созандаро ато кард.Чи хеле ки Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон фамудааст: «Бо ҳукми таърих имрӯз мо амали гардонии армони ҳазорсолаи ниёгони хешро натанҳо мебинем, балки худамон давлате бунёд карда истодаем, ки аллакай дар арсаи ҷаҳон мавқеъ ва эътибори ба худ хос дорад».[1]

Ба ҳамагон маълум аст. ки раванди истиқлолиятхоҳӣ ва давлатсозӣ кори содаву осон нест. Дар таърих чунин ҳодисаҳову падидаҳо зиёд нестанд. Садҳо халқу миллатҳо ин орзуву омолро бо худ бурдаанд ва аз баъзеи онҳо нишоне ҳам намондааст. Як қатор давлатҳои бонуфузи замон раванди истиқлолиятхоҳиро бо муборизаҳои шадид аз сар гузаронидаанд. Агар каме назарияпардозӣ кунем, давлатҳое, ки дар сарзамини мо арзи вуҷуд карда буданд, аслан интегративӣ буданд. Онҳо намояндагони миллиятҳои зиёд ва мазҳабҳои гуногунро дар бар мегирифтанд. Аз ин рӯ, имрӯз барои тадқиқи онҳо бояд меъёри асосӣ забони давлатии онҳо бошад. Зеро маҳз забон ва завқи эстетикии халқ метавонад ҳаёти маънавии халқ ё кишварро ифода намояд. Вале, дар замони шӯравӣ давлати тоҷикон дар ҳақиқат шуроӣ шуд ва халқияту миллиятҳои зиёде дар идоракунии ин давлат, ки шакли давлатдории маҳдудро дошт, иштирок мекард. Яъне, мо истиқлолияти миллӣ ва давлатӣ надоштем, гарчанде давлатдории миллӣ доштем. Ин нишондиҳандаи он аст, ки истиқлолияти комилро ба даст овардан бисёр муҳим, вале хеле душвор аст. Дар шароити Тоҷикистон ва давлатҳои собиқ Шӯравӣ бошад, раванди истиқлолият хислат ва хусусияти дигаре дошт. Метавон гуфт, ки Истиқлолияти давлатӣ дар шароити ин давлатҳо гарчанде решаҳои амиқи таърихӣ дошт, вале маҳз дар охири асри бисти милодӣ ҳодисаи ғайриинтизор буд. Дар ин марҳалаи таърихӣ заминаҳо барои истиқлолият чандон устувор дониста намешуданд, вале ба ин нигоҳ накарда, истиқлолияти давлатӣ аз тарафи мардум қабул шуд, вале дарки ин падида барои мардуми ба мустақилият одатнакарда хеле душвор ва мушкил буд. Мардум намедонистанд, ки чӣ кор кунанд. Касе дигар раҳнамо набуд, касе кумак намекард, касе парвои мардум, кишвар ва давлат надошт. Ҳама мехостанд, ки ба ҳокимият расанд, вале дар пушти ин

хоҳишҳо кӣ меистод ва ба лӯхтакбозиҳо кӣ машғул буд, касе намедонист. Қувваҳои муайян гуноҳро гоҳ ба гардани дин ва гоҳе ҳизбҳои сиёсӣ, гоҳе ба ҳамсояҳову кишварҳои дур ҳавола мекарданд, вале касе аз пастии маърифати сиёсӣ, динӣ, ҳуқуқӣ, надонистани таърихи худу бозиҳои геополитикӣ, қувваҳои дохилии марказгурезу ҷудоихоҳ, гурӯҳҳои аз манкуртизми сиёсии хеш бехабармонда, ки ҷомеаро ба бунбаст кашиданд, фикр намекард. Ба таври дигар гӯем, омилҳои дохилиро, ки ҳама вақт нақши аввалиро доштанд, ба назари эътибор намегирифтанд. Ин дарси таърихие шуд барои давлатдории тоҷикон. Ин таҷриба бояд дар хотираи таърихии миллат боқӣ монад ва барои ин бояд низоми нигоҳдорӣ ва таҳлили пайвастаи таҷрибаи таърихии миллатро дошта бошад. Яъне, пажӯҳишгоҳи хосе барои таҳлили ин раванд дошта бошем, ки дар он кормандони собиқи давлатӣ ба тадқиқот машғул бошанд.

Тамоми омилҳои дохилиеро, ки ба амнияти кишвар ва минтақа таҳдид мекунанд, омӯхта, барои пешгирӣ кардани равандҳои манфӣ дар ҷомеа чораҳои муассир андешидан мувофиқи мақсад ба назар мерасад. Бояд донем, ки маҳз омода набудани табақаҳои ҷомеа ба истиқлолият ва низоми демократӣ боиси ҷанги шаҳрвандӣ гардид.

Бетаҷрибагии сиёсӣ, содагӣ ва зудбоварӣ мардумро ғуломи равандҳои сиёсӣ намуд. Давлат дар ин вазъият пурра фалаҷ гардида буд. Ҳокимият дар баъзе маҳалҳо ба дасти дуздону авбошону одамкушон гузашта, тамоми ҳуқуқҳои заҳматкашонро зери по карда буданд. Ба сухани мардуми хонабардӯш касе гӯш намедод, мардум маҷбур шуданд, ки хонаву ҷойи худро монда, ғарибу мусофир ва муҳоҷир шаванд. Бесоҳибии заминҳо ва ба муҳоҷирати корӣ рафтани мардум аз ҳамон вақту замон реша мегирад ва ба гардани Ҳукумати имрӯза бор кардани ин гуноҳи муҳоҷират асос надорад. Гарчанде, ҳоло имконияти истифодаи қувваҳои корӣ бамаротиб зиёд шудааст, вале пешгирии раванди муҳоҷират мушкилиҳои зиёде дорад.

Бояд гуфт, ки бозгардонидани ҳокимияти халқ ба худи халқ кори осоне набуд, зеро худи мардум ҳам дар чорроҳа монда, дӯстро аз душман фарқ намекард. Бештари мардум ба маҳаллу миллиятҳо ва гурӯҳҳои этникӣ ҷудо шуда буданд. Ин бузургтарин таҳдид барои Истиқлолияти давлатӣ ба шумор мерафт. Ба корҳои дохилии кишвари мо хадамоти махсуси дигар давлатҳо дахолат карда, оташи зиддиятҳои дохилиро доман мезаданд ва кишварро ба бесуботӣ ва нобоварӣ ба ояндаи худ мекашониданд.

Вазифаи Ҳукумати нав аз ин хатар раҳонидани мардум ва ҳифзи давлати миллии тоҷикон буд. Ҳар як халқе, ки соҳибистиқлол мегардад, мақсад ва вазифаи аввалиндараҷаи он таҳияи низоми идораи давлатӣ ва ба ҳам овардани ҷомеа мегардад, бахусус дар ҳолати фалаҷ шудани сохторҳои давлатӣ.

Аз рӯи принсипҳои муайянкардаи Макс Вебер-давлат ин қувваи махсусгардонидашуда ва муттамарказгардонидашуда барои нигоҳдории тартибот аст.

Давлат фақат дар он ҷое ба вуҷуд меояд, ки дар зиндагии ҳаррӯзаи иҷтимоӣ сохторҳои махсуси ҳифзи тартибот, чун политсия ва суд ба вуҷуд меоянд. Маҳз онҳо давлат мебошанд.

Дар шароити Тоҷикистон низ чунин буд, вале ҷанги шаҳрвандии хонумонсӯз кишварро ба як харобазор табдил дод. Ва ҳатто сохторҳои давлатӣ пурра фалаҷ гашта буданд. Онҳо қувваи нигоҳдорӣ кардани тартиботро надоштанд ва худ қурбонии аввалини қувваҳои харобкор мегаштанд. Қувваҳои дохилию хориҷӣ аз фурсати барояшон муносиб зиддияти қувваҳои сиёсӣ ва маҳалҳо истифода бурда, ба оташи ҷанги шаҳрвандӣ равгаи мерехтанд. Баъдтар қумондонҳо аз вазъияти баамаломада раванди вайроншавии кишварро дарк намуда, кушиш карданд, ки ҳама масъалаҳоро бо роҳи

гуфтушунид ҳал намоянд, вале аллакай дер шуда буд. Табақаҳои гуногуни ҷомеа ба ақлу хирад ва фарҳанги сулҳпарастии мардум такя намуда, дар назди вакилони халқ ҳалли масъалаи ҷанг ва сулҳро гузоштанд, вале ин давра давраи гайричашмдошт, тезтағйирёбии ҳодисаҳои сиёсӣ буд. Баъзан дастгоҳҳои муқтадири ҳамонвақтаи ҳизбию давлатӣ аз равандҳои тағйирёбанда қафо монда, чӣ кор карданашонро намедонистанд. Вале, ба ҳар ҳол халқи тоҷик ҳаққи худро аз даҳони шер гирифт ва худ ба шери далер ва чун рамзи таърихии худ шери зарринбол табдил ёфт. Дурахши ин дастоварди миллат дили ҳазорон одамонро ба сӯйи озодии миллӣ ва таҳкими Истиқлолияти давлатӣ гарм карда, роҳи ояндаи миллатро равшан кард. Амалӣ кардани се стратегияи давлатии рушди миллӣ раванди тараққиёти кишвари моро дигар кард.

Таърих гувоҳ аст, ки дар тӯли ҳазорсолаҳо оини давлату давлатдории тоҷикон сахтиҳои хорошикан, таназзулу эҳё шуданро борҳо аз сар гузаронида, аз дунболи ҳар шикасту инқироз, бозэҳёшавӣ ва камолоти афзунтарро ноил гаштааст. Имрӯз аз замони расман эълон шудани Истиқлолияти давлатии мо 25 сол гузашт. Дар ин муҳлати бисёр муҳим пояҳои устувори давлатдории муосири тоҷикон гузошта шуданд. Бо душворӣ бошад ҳам, имрӯз сарсахттарин мухолиф ва танқидгари ҳукумат низ дастовардҳои бузурги моро дар соҳаҳои гуногун наметавонад рад намояд.

Истиқлолу озодӣ, доштани роҳбари оқилу доно ва адолатпарвар орзуву омоли деринаи миллати куҳанбунёди мо буд. Яъне, барои миллати мо доштани пешвои миллӣ, шахси роҳбару роҳнамо зарурати таърихӣ гашта буд, зеро сохтани давлати миллӣ ва ташаккул додани манфиатҳои миллӣ бе роҳбари оқилу тавоно ва тими таҳлилии пурқуввати миллӣ имкон надорад. Дар асри бистум истиқлолият ва давлати миллӣ ба андеша ё ғояи миллӣ табдил ёфт ва чун пурарзиштарин дастоварди давлату давлатдории тоҷикон, ки зинаи аввали ташаккули он ба даврони Шӯравӣ рост омада буд, баъди эълони Истиқлолияти давлатӣ шакли давлатдории мутамаддину пешрафтаро гирифт. Ҳамин тариқ, идеяи миллии мо маҳз истиқлолияти давлатии тоҷикон мебошад, ки ҷавҳари онро давлати миллӣ ташкил менамояд. Чоряк аср дар назди таърих хеле муҳлати кам аст, вале он барои насли мо давраи ҷавонӣ ва камолоти умрамон буд ва барои насли мо тамоми ҳаёт аст, ки онро бо ҳам барои таҳкими бинои Истиқлолияти давлатӣ, зебу оро додани ин қасри муҳташаму, зебову дилкаш ва ҷаззоби миллӣ бахшидем. Орзӯи давраи ҷавонии мо ба воқеият табдил ёфт. Мо насли хушбахтем, соҳиби ватан, давлат, фарҳанги миллӣ ва пешвои миллӣ ва стратегияи рушди худ гаштем ва дар раванди сохтани он иштирок кардем. Пас, ҳифзи он мақсади ҷонии ҳар яке аз мост. Ва ҳамаи ин барои насли оянда аст.

Истиқлолияти давлатӣ авҷи дар амал татбиқшавии орзуву омолҳои миллат аст, ки бо ба вуҷуд овардани давлати комилҳуқуқ ва соҳибихтиёри тоҷикон дар ҷомеаи ҷаҳонӣ роҳ, ҷойгоҳ ва мақоми худро устувор менамояд, миллатро бо забону фарҳанг ва ҳадафҳои таърихии хеш шинос месозад, низоми давлатдории худро интихоб, сиёсати дохилию хорӣ, сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии хешро мустақилона пеш мебарад.

Ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ рамзи ватандӯстӣ ва ватандории ҳақиқӣ ва воқеии ҳар як шаҳрванд аст, вазифаи ҳар як фарди ин миллати сарбаланду мутамаддини тоҷик аст, ки номаи тақдирашро бо дасти хеш навишта, минбаъд низ ин бозёфти таърихӣ, ин атои худовандӣ, ин ҷараёни худогоҳӣ ва худшиносии миллатро пайгирӣ менамояд ва пешрафту ободонии ин диёри куҳанбунёди худ саҳми шоиста ва арзандаи хешро мегузорад.

АДАБИЁТ

1. Раҳмон Эмомалӣ. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 16 солагии Истиқлолият ва 800-умин солгарди зодрӯзи Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ. 8 сентябри 2007. ш. Душанбе, ниг. ба китоби: Ваҳдат ва раванди гуфтугӯи тамаддунҳо. Саҳ. 52, Душанбе «Адиб», 2015.

НАЦИОНАЛЬНАЯ ГОСУДАРСТВЕННОСТЬ И ЕЁ УКРЕПЛЕНИЕ ЗА 25 ЛЕТ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

С.С. САФАРОВ,

к.ф. н. первый заместитель директора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан,
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 40,
тел.: 918459814, E-mail: ssaifullo@mail.ru

В статье анализированы вопросы развития национальной государственности и укрепления национального государства, показаны их важнейшие особенности и тенденции развития. Особое внимание уделено конституционной реформе, формированию Национального единства и защите национальных и государственных интересов, реализации национальной идеи.

Ключевые слова: *государственность, национальное государство, государственная независимость, внутренняя и внешняя политика, Национальное единство.*

NATIONAL STATE AND ITS STRENGTHENING FOR 25 YEARS STATE INDEPENDENCE

S.S. SAFAROV,

PhD of philosophical sciences, first Deputy director of the Center for Strategic Research under the President of the Republic of Tajikistan,
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki aven. 40,
ph.: 918 459 814, E-mail: ssaifullo@mail.ru

The article analyzed the issues of national statehood and the strengthening of the national state, showing their most important features. Special attention is given to the constitutional reform, the formation of the national unity and the protection of national and state interests.

Keywords*: statehood, nation-state, state independence, internal and external policies, National Unity.*

УДК:327(581+575.3)

АФГАНИСТАН ВО ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПЕРВЫЕ ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ (1993 ГОД)

М.К. САФОЛЗОДА,

кандидат исторических наук, заместитель директора Центра
стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 40,
тел.: (+99237)227-86-96

Статья посвящена вопросу формирования внешней политики Республики Таджикистан в первые годы независимости, конкретно в 1993 году, и в этом свете, о месте и роли Афганистана в этот период.

Освещается вопрос об открытии первого иностранного дипломатического представительства, Консульства Афганистана в Таджикской ССР в мае 1990 года.

Немаловажным является и то, что именно на этот период приходится наиболее сложный этап в решении таких проблем, как укрепление границ между двумя государствами, прекращения огня на границе и возвращения сотни тысяч вынужденных таджикских беженцев из Афганистана.

В статье приводятся прининятые в это время документы регламентирующие взаимоотношения между странами.

Ключевые слова: *Таджикистан, Афганистан, формирование внешней политики, встреча министров иностранных дел, укрепление границ, возвращение беженцев, расширение участия ООН, переговоры на высшем уровне, освобождение пограничников, оказавшихся в заложники, первые успехи во внешней политике в этом направлении.*

В 1989 году Правительство СССР, учитывая сложившуюся ситуацию в Афганистане накануне вывода Ограниченного контингента Советских войск из этой страны, принимает решение об открытии Консульства Афганистана в еще одной среднеазиатской республике. Не исключено, что здесь сыграли свою роль и те обстоятельства, что совместная граница Таджикистана с Афганистаном составляла 60% процентов общей границы СССР с этим государством и к тому же культурная, языковая и религиозная общность народов Афганистана с народами Средней Азии имели немаловажное место в процессе выбора будущего представительства иностранного государства в СССР.

Именно осенью этого года Постановлением Правительства Таджикской ССР было воссоздано Министерства иностранных дел Таджикской ССР, которое определяет всю будущую деятельность страны в качестве субъекта международного права, что и будет закреплено в Декларации о суверенитете Таджикской Советской Социалистической Республики, принятой 24 августа 1990 года на второй сессии Верховного Совета Таджикской ССР.

Можно констатировать, что еще тогда в советское время придавалось особое внимание месту и роли Афганистана в советской внешней политике, и с этой целью учитывая общность народов Средней Азии, в том числе и Таджикистана, решение было в пользу Душанбе, об открытии дипломатического представительства Афганистана (наряду с городом Ташкент) в этой республике.

В очень короткое время в центре города Душанбе, на улице Пушкина, д. 8, подготавливается особняк, и в январе 1990 года, в это здание размещается персонал Консульства Демократической Республики Афганистан в Таджикской ССР.

Официальное открытие первого иностранного дипломатического представительства, то есть, Консульства Демократической Республики Афганистан состоялось 19 мая 1990 года.

Первым Консулом Афганистана в Таджикистане был назначен видный общественный и научный деятель, известный афганский литератор, доктор Мухаммад Акрам Осман.

С приобретением независимости, 9 сентября 1991 года, Республика Таджикистан становится полноправным субъектом международного права и начинается совершенно новый этап в истории международной деятельности страны. Основы новой внешней политики независимого Таджикистан были отражены в Заявлении о государственной независимости Республики Таджикистан.

доктор исторических наук, профессор кафедры истории и теории международных отношений Российско-Таджикского (славянского) университета, директор Центра геополитических исследований РТСУ

734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Мирзо Турсунзаде, 30,
тел.: (992- 95 198 87 88); E- mail: guzel-maitdinova@mail.ru

В статье автор дает анализ этапов становления таджикской государственности в течение 25 лет, рассматриваются основные достижения страны и проблемы формирования национальных интересов Таджикистана. Автор подчеркивает, что национальные интересы Таджикистана сформировались на основе идеи о ведущей роли государства Саманидов в формировании таджикского народа и приобретении таджиками спустя тысячелетие своей государственности. Поэтому опыт политической культуры, проблемы сохранения исторической памяти, традиционной культуры, нравственных ценностей играли важную роль при определении национальных интересов и формировании внутренней и внешней политики Таджикистана. Особое внимание в работе акцентируется на исследовании идеологических постулатов и геополитических перспективах нового государства.

Ключевые слова: *национальные интересы, суверенитет, государственная идеология, безопасность, внутренняя и внешняя политика, геополитика.*

1. Становление таджикской государственности: этапы развития и достижения.

За последннее столетие центральноазиатский регион претерпел серьезные структурные изменения. Интеграция советских республик в рамках СССР укрепил экономические связи, создал основы для промышленного развития региона, способствовал вестернизации культуры, ускорению трансформационных процессов в традиционных обществах и формированию общей советской идентичности. Конец XX века ознаменовался в Центральной Азии становлением новых государств на постсоветском пространстве. С момента провозглашения своего суверенитета новые государства региона руководствовались принципами Вестфальской системы международных отношений: взаимного признания суверенитета, территориальной целостности, приоритета международного права в межгосударственных отношениях.

9 сентября 1991 года на внеочередной сессии Верховного Совета Таджикистана было принято Постановление «О государственной независимости Республики Таджикистан». К февралю 1992 года суверенный Таджикистан официально признали 83 государства мира, в том числе все постоянные члены Совета безопасности ООН[1]. Этот период в истории Республики Таджикистан можно обозначить как «полосой дипломатического признания». На этом этапе шел процесс интеграции Таджикистана в глобальные и региональные организации – ООН, МВФ, ЕБРР, СБСЕ, СНГ, ДКБ. Становление таджикской государственности происходил в условиях кровопролитной гражданской войны в стране, постепенного разрыва традиционных экономических связей, перехода государства к рыночной экономике и переформатирования государственных структур в новых условиях и системного социально-

экономического кризиса. В условиях гражданской войны стране необходимо было решать важнейшие проблемы внутренней и внешней политики. С 1991 г. по 1996 г. объем реального ВВП Таджикистана сократился почти на 68%. Удельный вес промышленности в отраслевой структуре ВВП республики за 1992-1994гг. сократился на 14,3%, транспорта - на 2,1%. В промышленности объем производства в 1994 г. по отношению к 1990 г. составил 41,9%[2]. Между тем, существенно менялся государственный аппарат и подходы к управлению государством. В этот период происходили перемены в структуре правительства, становление дипломатии нового государства, создание вооруженных сил, переформатирование структур спецслужб. 28 декабря 1993 году впервые в новейшей истории Председателем Верховного Совета Республики Таджикистан Эмомали Рахмоновым были очерчены контуры концепции внешней политики суверенного Таджикистана и обозначены внешнеполитические приоритеты: первый пояс - СНГ; второй пояс - Центральная Азия; третий пояс -Пространство персоязычных государств; четвертый пояс - мусульманские страны Востока;, пятый пояс - мировое сообщество[3]. В 1994 году была принята первая Конституция Республики Таджикистан, а с 1995 года стал функционировать Маджлиси Оли – новый парламент Таджикистана. В период становления государственности вновь актуальными стали вопросы урегулирования таджикского-китайской, таджикско-кыргызской, таджикско-узбекской границ, где существовали спорные территории.

После ноябрьской 1992 года ХУ1сессии Верховного Совета Республики Таджикистан, когда в районах Каратегинской зоны и Припамирья продолжались боестолкновения, правительство вело крупномасштабную работу по стабилизации политической обстановки внутри республики, возвращению беженцев и вынужденных переселенцев на места постоянного жительства, восстановлению разрушенного хозяйства, подключив к этим процессам мировое сообщество. В ходе межтаджикских переговоров, которых начались 5 апреля 1994 года и завершились 27 июня 1997 года подписанием Общего соглашения об установлении мира и национального согласия в Таджикистане, правительству удалось договориться с оппозицией о временном прекращении огня, об обмене военнопленными и о сближении позиций по многим проблемам[4]. Подписание «Общего соглашения о достижении мира и национального согласия» было одним из важных достижений в истории суверенного Таджикистана, которое привело к созданию в стране определенного политического баланса, к сохранению национального единства и целостности государства. В результате реализации Соглашения 30% членов Объединенной Таджикской оппозиции (ОТО) были включены в государственную политическую систему. С 1997 г. начала работу Комиссия по национальному примирению, которая начала реализацию договоренностей по расформированию вооруженных групп оппозиции, ликвидации криминальных бандформирований. Эти процессы заложили основу не только мирному политическому процессу, но и способствовали проведению экономических реформ и к 2000 году республика обеспечила относительную политическую стабильность в стране. Во второй половине 1990-х годах завершилась трансформация прежних межреспубликанских связей в международные отношения. Новые государства выработали свои внешнеполитические приоритеты и в центральноазиатском регионе складывается новая подсистема международных отношений. Именно завершение к 1 апреля 2000 года процесса выполнения межтаджикского Соглашения об установлении мира и национального согласия стало началом нового этапа истории суверенного Таджикистана и это стало важным политическим достижением нового государства. Свидетельством признания мировым сообществом суверенного Таджикистана в качестве субъекта международных отношений

стало принятие по инициативе Республики Таджикистан в декабре 2000 года Генеральной ассамблеей ООН резолюции «Международный год пресной воды. 2003».

Первое десятилетие молодого таджикского государства было этапом формирования и стабилизации политической системы, интеграции в мировое сообщество, осознания своих национальных интересов, решения пограничных проблем, определения геостратегии страны, становления внешней политики и формирования внешнеполитической концепции. В начале второго десятилетия независимости таджикского государства был достигнут определенный подъем в экономике, что послужило в дальнейшем основой для начала структурных реформ: были начаты реструктуризация и приватизация предприятий, реформа аграрной системы, начата реализация коммуникационных проектов, разработана Стратегия развития страны до 2015 года и пр.

Гражданская война в Таджикистане показала необходимость принятия мер по консолидации нации и защиты территориальной целостности страны. Национальные интересы Таджикистана сформировались на основе идеи о ведущей роли государства Саманидов в формировании таджикского народа и приобретении таджиками спустя тысячелетие своей государственности. Поэтому проблемы сохранения исторической памяти, традиционной культуры, нравственных ценностей играли важную роль при определении национальных интересов и формировании внутренней и внешней политики Таджикистана. Необходимость сохранения и укрепления национального государства стали жизненно важными интересами государства, учитывая, что существование и сохранение таджикской идентичности возможно только в рамках национального государства. Стало очевидно, что отсутствие системы коммуникаций, сокращение экономических отношений внутри страны, тесных культурных связей между населением разных областей страны, разрыв информационного пространства мешают единению народа и государства. В 2002 году Таджикистан, как субъект геополитики, в целях реализации своих национальных интересов озвучил свою первую геостратегию- 1.Достижение энергетической независимости для обеспечения экономического роста и укрепления информационного пространства; 2. Вывод страны из транспортно-коммуникационного тупика для интеграции в геополитическом пространстве и консолидации нации; 3. Достижение продовольственной безопасности и сокращение бедности. Для достижения этих целей действия Таджикистана во внутренней политике были направлены на сохранение политической стабильности, на экономическое развитие и сокращения бедности населения. Для развития экономики страны стали активно привлекать зарубежные финансовые инвестиции. 24 сентябре 2002 года была утверждена первая Концепция внешней политики Республики Таджикистан, в которой были изложены основные внешнеполитические приоритеты государства и механизмы их реализации. В декабре 2002 года Таджикистан впервые озвучил тезис о том, что в своей внешнеполитической деятельности отныне государство будет руководствоваться своими национальными интересами и избирает многовекторную внешнюю политику, которая должна способствовать решению внутристрановых задач и, прежде всего, экономических проблем. В Концепции многовекторной внешней политики Таджикистана подчеркивается, что она опирается на такие принципы, как «демонополизация» внешнеполитических приоритетов, диверсификация связей с зарубежными партнерами, равноудаленность или равноприближенность к глобальным политическим лидерам-странам[5]. В апреле 2003 года в послании Президента РТ Парламенту страны было заявлено, что основой внешней политики Таджикистана является «политика открытых дверей» - готовность к сотрудничеству со всеми субъектами международных отношений на основе соблюдения общепринятых международных норм и принципов[6] . Данный внешнеполитический принцип был продиктован необ-

ходимостью сохранения, развития национального государства, а также для выхода из социально-экономического кризиса.

За последние десять лет в стране реализовано более 90 государственных инвестиционных проектов на общую сумму 12 млрд. сомони. В рамках реализации коммуникационной стратегии Таджикистана за годы независимости в транспортной сфере реализовано 45 государственных инвестиционных проектов на более 12 млрд. сомони. В этот период сдано в эксплуатацию более 2-х тыс. км автомобильных дорог, построено более 190 км железной дороги. Реализуя энергетическую стратегию, Таджикистан осуществил 32 государственных инвестиционных проекта с привлечением более 12 млрд. сомони. За это время были пущены в строй ГЭС "Сангтуда-1", "Памир-1", создано 249 малых гидроэлектростанций, проведены ЛЭП "Юг-Север" в 500 кВ, ЛЭП "Лолазор–Хатлон" в 220 кВ, проведена модернизация Нурекской ГЭС, введен в строй ГЭС «Сантуда -1», "Сангтуда-2", продолжается строительство Рогунской ГЭС. До 2020 года в стране планируется запустить еще 190 малых гидроэлектростанций.

В рамках реализации стратегии продовольственной безопасности в последние 15 лет в сельскохозяйственной отрасли реализовано 42 государственных инвестиционных проекта на сумму более 3,7 млрд. сомони. В 2015 г. ВВП на душу населения увеличился по отношению к 1990 г. почти на 56%, но по-прежнему является низким среди экономик мира. Замедленные темпы развития экономики страны ограничивает рост и создание рабочих мест, что в свою очередь вынуждает мигрировать более 40% трудоспособного населения за рубеж в поисках работы[7].

Таджикистан, несмотря на трудности в экономике, взял курс на индустриализацию страны, планируя к 2030 году стать индустриально-аграрной страной. В ближайшее время в эксплуатацию будут сданы ряд крупных промышленных предприятий: завод по производству цемента, заводы по производству гипсокартона, криолита, фтористого алюминия, сульфатной кислоты в районе Яван, предприятия по производству золота в городе Вахдат, ряда текстильных предприятий в районах Дангара и Фархор, металлургического комбината в Гиссаре, железнодорожная ветка Вахдат-Яван, второй очередь ТЭЦ-2 Душанбе.В общей сложности будут сданы в эксплуатацию 161 промышленных предприятий.

За годы независимости Таджикистана шел постепенный процесс снижения бедности населения: если в 1999 году уровень бедности достигал 81%, то к 2015 году уровень бедности в стране составил 31%, что все еще является высоким показателем.

Таким образом, основными достижениями суверенного Таджикистана являются: 1. Становление государственности и достижение стабильного политического развития после гражданской войны в стране; 2.Создание основ национальной экономики; 2.Определение и реализация своих национальных интересов; 3. Создание международно-правовых основ внешнеполитического сотрудничества; 4. Интеграция в мировое сообщество, укрепление международных позиций в Евразии и стабильные двусторонние отношения с ведущими государствами мира; 5. Определение и выработка механизмов реализация своей геостратегии; 6.Окончательное разрешение таджикско-китайских пограничных проблем; 7. Создание двухпалатного парламента и многопартийной политической системы; 8. Возрождение, укрепление роли традиционной культуры в жизни таджикского общества и повышение уровня интеграции в глобальное культурное пространство.

2. Проблемы становления государственности и основные вызовы национальной безопасности Таджикистана.

Наряду с определенными достижениями в становлении таджикской государственности, имеются немало нерешенных проблем. Таджикистан сталкивается с проблемами, характерными и для других государств постсоветской Азии, связанными с экономическими, политическими, культурными кризисными факторами. Реализация отдельных экономических реформ носят половинчатый характер или остались нереализованными, так как они были рекомендованы ВБ, МВФ без учета экономической базы страны, качества кадрового потенциала, гражданского общества и не были адаптированы к условиям Таджикистана. Из-за финансовых трудностей имеются серьезные упущения в развитии образования, здравоохранения, науки, кинематографа и театрального искусства, которые требуют серьезной государственной поддержки. Ограничивает привлечение высокопрофессиональных молодых кадров для работы в государственных структурах крайне низкая система оплаты труда. Требуется реформа пенсионной системы. Все эти факторы мешают реализации национальных интересов и обеспечению национальной безопасности.

Если до 1999 года безопасность в Таджикистане понималась исключительно как прекращение гражданской войны, обеспечение защиты от распространения дестабилизирующего афганского конфликта, то в настоящее время на первый план вышли угрозы терроризма и организованной преступности, политического и религиозного экстремизма, сепаратизма, межэтнических конфликтов, информационных войн, а также незаконного оборота оружия, наркотиков. В настоящее время они представляют собой реальную угрозу стабильности и безопасности не только для Таджикистана, но и всего мирового сообщества. Эти факторы, ныне угрожающие международной и национальной безопасности, носят транснациональный и трансграничный характер. На пути реализации конкретных проектов развития Таджикистана проблему создают афганский фактор и существующие в регионе этнополитические проблемы. Реализация предлагаемых таджикской стороной проектов (таких, как строительство железнодорожной ветки Туркменистан-Афганистан (Мазори Шариф) – Таджикистан, газопровода по данному маршруту, а также ускорение строительства энергетического проекта ЛЭП CASA -1000 и Рогун-Мазори-Шариф-Герат-Мешхед, которые могли бы соединить электрические сети Кыргызстана, Таджикистана, Афганистана и Пакистана) серьезно содействовали бы развитию Северного Афганистана, способствовали бы укреплению регионального взаимодействия и обеспечению безопасности, однако современная геополитическая динамика Афганистана не содействует эффективной реализации вышеуказанных проектов. Актуальной проблемой для Таджикистана в настоящее время являются существующие этнотерриториальные проблемы Ферганской долины, где остро стоят наряду с социальными вопросами и нерешенные пограничные проблемы с Узбекистаном и Кыргызстаном.

3. Перспективы развития Республики Таджикистан на ближайшие 10 лет.

При стабильном развитии государств Центральной Азии в ближайшие 10 лет, при ответственном подходе к кадровой политике, при эффективной реализации Национальной стратегии развития до 2030 года Таджикистан с учетом своего потенциала может стать индустриально- аграрной страной. Важно, чтобы многопартийная система в Таджикистане играла действенную роль в политической жизни. В стране должна быть усилена роль СМИ и

гражданского общества. В Таджикистане должны быть реализованы проекты вторичной индустриализации страны. Этот шаг, способствуя увеличению полной переработки сырья, росту объема производства отечественной конкурентоспособной продукции и усилению экспортного потенциала страны, создаст реальную основу для баланса внешней торговли, обеспечения занятости населения, сокращения миграции трудоспособного населения и решения социальных проблем. Основу модернизационных процессов в Таджикистане будут составлять переход от обеспечения энергетической независимости к эффективному использованию электроэнергии, от выхода из коммуникационного тупика к превращению Таджикистана в транзитную страну и от обеспечения продовольственной безопасности к доступу населения к качественному питанию. Таджикистан будет стремится во внешней торговле к стимулированию экспорта, развитию экспортоориентированного производства и упрощению процедуры торговли. В этом процессе приоритет будет отдаваться эффективности институционального усиления и развития регионов страны. Считая гидроэнергетические ресурсы национальным достоянием, Таджикистан во взаимодействии с международными партнерами определяет сферу гидроэнергетики как одно из приоритетных направлений сотрудничества. Усилится место и роль Таджикистана в интеграционных организациях СНГ, ОДКБ, ШОС, ОИС и др. Таджикистан изучает возможности вступления в ЕАЭС.

4. Геополитические реалии и основные вызовы безопасности Государств Центральной Азии.

В настоящее время Центральная Азия является одним из самых динамичных регионов мира. Наложение друг на друга исторических, этнических, конфессиональных, хозяйственных, культурных, административно-территориальных и других факторов обусловили современное геополитическое положение в регионе. Все эти факторы играют существенную роль при реализации национальных интересов. Геополитическая неопределенность в центрально-азийском регионе усиливается и в связи с острыми внутристрановыми проблемами, на которые накладываются: непредсказуемость развития социально-политической ситуации, рост коррупции и клановости, отсутствие механизма преемственности власти в государствах постсоветской Азии, усиление давления на светские режимы региона, растущее снижение эффективности управления и ослабление государственных механизмов для реализации национальных интересов и обеспечения национальной безопасности, отсутствие эффективных механизмов социальной мобилизации. В регионе уже существуют отдельные элементы безопасности. Как элементы системы региональной безопасности могут рассматриваться инициативы по созданию зоны свободной от ядерного оружия. Совещание по взаимодействию и мерам доверия в Азии, Евразийский экономический союз, Организация Договора о коллективной безопасности, Шанхайская Организация Сотрудничества.

На современном этапе геополитическую ситуацию в постсоветской Азии определяют следующие факторы: сохраняющийся конфликтный потенциал в Афганистане; определенная напряженность в таджикистанско-узбекистанских отношениях; латентный конфликтный потенциал Ферганской долины; высокие риски и вызовы, вызванные снижением социально-экономического развития государств региона в условиях кризиса; столкновение интересов ведущих государств мира(в первую очередь влияют на геополитическую ситуацию треугольник - Россия, США и Китай), где в двусторонних отношениях этих акторов идет поиск баланса интересов в регионе; актуализируется теперь наряду с нетрадиционными угрозами

безопасности (периодически обостряются проблемы: водные, этнотерриториальные, пограничные, межэтнические, внутриэтнические–клановые, трайбализма, нерегулируемых мигрантов, трансграничной торговли, транзита и т.д.) и традиционные военные угрозы (угроза проникновения внешних сил со стороны Афганистана). В Афганистане берут начало маршруты наркотрафика, на территорию соседних государств просачиваются незаконные вооруженные формирования, происходит незаконная миграция, экспортируется фундаменталистская идеология. Основу для активизации регионального сотрудничества создают общие интересы, такие как борьба с террористическими сетями, организованной преступностью и с наркоторговлей, а также общая заинтересованность в развитии Афганистана. Сотрудничество ОДКБ-ШОС-ОБСЕ-НАТО в афганском направлении в обеспечении всеобщей безопасности может стать основой формирования трансевразийской системы безопасности. Система безопасности Центральной Азии, включающая ООН, СНГ, ШОС, ЕАЭС, Таможенный Союз, ОДКБ, ОБСЕ, ОИС и др. должна обладать эффективными механизмами обеспечения долговременной региональной стабильности. Важнейшей задачей регионального развития уже в ближайшем будущем является подготовка к созданию зоны свободной торговли в Центральной Евразии, включающей помимо ЕАЭС, также Узбекистан, Таджикистан, Туркменистан, Афганистан, Иран, Пакистан, Индию.

ЛИТЕРАТУРА

1.Назаров Т.,Сатторзода А. Дипломатияи муосири точик.- Душанбе, 2006.-С.90-92.
2. Дадабаева З. Республика Таджикистан: некоторые итоги развития за 25 лет независимости//rescue.org.ru›…**nekotorye-itogi**…**nezavisimosti**.html
3.Рахмонов Э.Независимость Таджикистана и возрождение нации. В 8 т.-Душанбе,2006-2010.-Т.1,-С.156-157.
4.Зарифи Х.Многовекторная дипломатия Таджикистана.- Душанбе, 2010, с.15-16.
5.Саидов З. Актуальные аспекты внешнеполитического механизма и международной деятельности Республики Таджикистан. - Душанбе, 2010, с.8-9.
6.Рахмонов Э. Ответственность за будущее нации.// Независимость Таджикистана и возрождение нации. В 8 т.-Душанбе,2006-2010.-Т. 5, с. 120.
7. 2. Дадабаева З. Республика Таджикистан: некоторые итоги развития за 25 лет независимости//rescue.org.ru›…**nekotorye-itogi**…**nezavisimosti**.html

25 – СОЛАГИИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ТОҶИКИСТОН: ТАЪРИХ ВА ИНКИШОФИ ДУРНАМО.

Г. МАЙТДИНОВА,
доктори илмҳои таърих, прфессори кафедраи таърих ва назарияи муносибатҳои байналхалқии Донишгохи Русия-Тоҷикистон (Славянӣ), директори Маркази тадқиқоти геополитикии РТСУ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Мирзо Турсунзода, 30,
тел.: (+992)95-198-87-88; E-mail: guzel-maitdinova@mail.ru

Дар мақола муаллиф давраҳои барқароршавии давлатдории тоҷиконро дар тӯли 25 сол мавриди омӯзишу таҳлил қарор дода, проблемаи ташаккули манфиатҳои миллии Тоҷикистон ва ба кадом дастовардҳо ноил гардидани мамлакатро баён намудааст.

Муаллиф таъкид менамояд, ки манфиатҳои миллии Тоҷикистон дар асоси ғоя дар бораи нақши пешбарандаи давлати Сомониён дар ташаккули халқи тоҷик ва ба даст овардани давлатдории тоҷикон баъди ҳазор сол ташаккул ёфтааст. Аз ин лиҳоз, таҷрибаи фарҳанги сиёсӣ, проблемаҳои ҳифзи хотираи таърихӣ, фарҳанги анъанавӣ, арзишҳои маънавӣ ҳангоми муайян намудани манфиатҳои миллӣ дар ташаккули сиёсати дохилӣ ва хориҷии Тоҷикистон нақши муҳим мебозад.

Дар мақола таваҷҷуҳи асосӣ ба тадқиқоти постулатҳои идеологӣ ва дурнамои геополитикии давлатдории навини тоҷикон равона шудааст.

Калидвожаҳо: *манфиатҳои миллӣ, соҳибистиқлолӣ, идеологияи давлатӣ, амният, сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ, геополитика.*

25 YEARS OF SOVEREIGNTY OF TAJIKISTAN: HISTORY AND PROSPECTS OF DEVELOPMENT.

G.MAITDINOVA,
doctor of history, Professor of the Department of History and Theory of International Relations of Russian-Tajik (Slavic) University, the Director of the Center of Geopolitical Studies of Russian-Tajik (Slavic) University
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe,
Mirzo Tursunzade street, 30,
ph. (+992) 95 198 87 88;
E- mail: guzel-maitdinova@mail.ru

The author gives the analysis of the phases of formation of the Tajik Statehood during 25 years, the main achievements of the country and the problems of formation of the National interests of Tajikistan are being examined. The author underlines that the National interests of Tajikistan are formed on the basis of idea about the leading role of the Samanid State in the formation of Tajik people and the acquisition of Statehood by Tajiks after one thousand of years. That's why the legacy of the political culture, the problems of the preservation of Historical memory, the traditional culture, the moral values played important role in the definition of National interests and the formation of Internal and External politics of Tajikistan. The special attention of the paper is focused on the research of the Ideological postulates and the geopolitical prospectives of the new State.

Keywords: *national interests, sovereignty, state ideology, security, internal and external politics, geopolitics.*

УДК: 32.001(575.3)

ОМИЛҲОИ ҲАМГИРОИИ ИҶТИМОӢ ДАР ШАРОИТИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Д. ХОЛНАЗАРОВ,
унвонҷӯи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва
ҳуқуқи ба номи академик А.М.Баҳоваддинови
Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33,
тел.: (+992) 2210179, (+992) 951-16-03-90

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои марбут ба ҳамгироиҳои иҷтимоӣ дар марҳалаи имрӯзаи инкишофи Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Муаллиф дар заминаи падидаҳои мушаххаси ҳаёти ҷамъиятӣ зарфияти воқеии механизмҳои мавҷудаи таъмини ин ҳадафро нишон дода, назари худро вобаста ба ин масъала баён намудааст.

Калидвожаҳо: *ҳамгироӣ, инкишофи ҷамъиятӣ, мухторияти шахс, тағйироти иҷтимоӣ, давлати миллӣ, ғояи миллӣ, ақидаҳои иҷтимоӣ.*

Ҳар як умумияти иҷтимоӣ барои иҷрои нисбатан самараноки вазифаю кӯшиши расидан ба аҳдофи рушди худ ба типи мувофиқи ҳамгироии иҷтимоӣ такя мекунад. Шакли чунин ҳамгироӣ асосан аз муҳтавои равобиту муносибатҳои иҷтимоии байни аъзоёни ин умумиятҳо бармеояд. Интиқоли шакли ҳамгироии иҷтимоии барои як умумияти таърихии одамон хос наметавонад барои дигар шакли нисбатан мураккабтари умумияти таърихӣ самаранок падидор бигардад [1]. Аз ин лиҳозо баҳри такмили шакли мувофиқаи ваҳдати иҷтимоӣ ҳар як умумият ба такмилу рушди равобиту муносибатҳои иҷтимоии дар ҳамин ҷомеа мавҷуда талош меварзад. Агар аз ҳамин дидгоҳ ба дарёфти Тоҷикистон аз мақоми давлати миллӣ дар низоми муносибатҳои байналхалқӣ ва роҳи мустақилонаи рушдро баъди аз ҳам фурӯпошии низоми шӯравӣ интихоб кардани он бинигарем, яқин мегардад, ки пешорӯи он дар ин давра мушкилиҳое арзи ҳастӣ карданд, ки муайян кардану ба даст овардани типи мувофиқи ваҳдати иҷтимоии ба рӯҳияи давлати миллӣ мувофиқ аз ҷумлаи онҳост. Ҳарчанд дар ин самт ҷомеаи тоҷикистонӣ ба занҷираи томи мушкилоти характери иқтисодию сиёсидошта дучор омад, бо вуҷуди ин он тавонист дар муддати хеле кӯтоҳ онро бартараф созад ва ба ваҳдати иҷтимоие бирасад, ки хос ба умумияти таърихие чун миллат талқиншаванда аст.

Ҳамгироии иҷтимоӣ чун соири падидаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ ҳамеша дар раванди такомулу рушд қарор дорад. Дар ҳар ҷомеа ҳамеша талабот ба фаҳмиши ҳам шакл ва ҳам мазмуни дигаргуниҳое арзи вуҷуд мекунад, ки ҳамгироии иҷтимоӣ гирифторашон мегардад. Фаҳмиши комилан созгори ин тағйирот ба ҷомеа барои саривақт ва самаранок ҳал кардани мушкилот ва равона сохтани фаъолмандии одамону ниҳодҳои ҷамъиятӣ ба хотири расидан ба ҳадафҳои матраҳ карда барои рушди устувор имконият фароҳам меорад. Тоҷикистон феълан дар баъзе ҷиҳатҳо дар чунин ҳол қарор дорад, зеро агар аҳдофу масъалаҳои пештар ба миён ниҳодашуда баҳри расидан ба ҳамгироии иҷтимоӣ хидмат карда бошанд, дар ҳоли ҳозира бошад, ислоҳ кардани аҳдофу масоил, ба онҳо бахшидани маънии навро тақозо менамояд. Ин ба наздиксозии аҳдофу масоили ваҳдати иҷтимоии

ҷомеа ба талаботу манфиати воқеии аъзоёни он, ки таҳкими пояҳои тартиботи ҷамъиятӣ умуман вобаста ба он ҳаст, имконият муҳайё месозад. Ҳамин тариқ, ин мубрамияти пажӯҳиши масъалаи ба миён гузошташударо дар контексти тағйироти ҳаёти ҷамъиятии Тоҷикистон дар ҳамин марҳалаи рушди он муайян менамояд.

Ҷомеаи тоҷикистонӣ дар тӯли солҳои истиқлолият бухронҳои шадиди иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодиро аз сар гузаронидааст. Ба ин мушкилиҳо боз он чи зам мегардид, ки дар он тафриқаи қавии амволӣ, инчунин зиддиятҳои доиман шиддатёбандаи ҷаҳонбинӣ миёни наслҳо, синфҳо ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ вуҷуд дорад [2]. Дар иртибот ба ин масъала ҷустуҷӯи роҳҳои ба қадри имконият муайян кардани ҳадафу вазифаҳои ба раванди ҳамбастагии ҷамъиятӣ мусоидаткунанда ҳарчи бештар муҳим мегардад. Масъалаи алоқаманд бо он ин аст, ки чи тавр дар ин раванд созиши оқилонаи миёни ҷомеапазирӣ ва мухторияти инсони ҷудогонаро бояд нигоҳ дошт. Мисолҳо аз муноқишоти иҷтимоӣ-сиёсӣ (бавижа дар солҳои ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ) нишон медиҳад, ки кӯшишҳои ба сотсиум (иҷтимоъ) маҷбуран таҳмил кардани аҳдофу арзишҳои умумӣ метавонад ба пахши мабдаъҳои шахсиятӣ, беэътиноӣ ба онҳо дар ҳаёти ҷамъиятию сиёсӣ анҷом пазирад. Ваҳдати ба тарзҳои номашрӯъ бадастомада қодир аст ба заволи мафкуравию сиёсии ҷомеа бурда расонад

Ҳамин ғоя метавонад барои ҷомеае фоҷиабор бошад, ки дар он меъёру принсипҳои тартиботи иҷтимоии ба танзиму назорати ҳаёти одамон имконият фароҳамсозанда аз байн рафтаанд. Фароҳамоварии шароитҳо на фақат барои созиш додани одамон дар иҷтимоъ, балки барои мутаҳиднамоии он бо мақсади коркарди аҳдоф, арзишҳои иҷтимоӣ ва иродаи умумии иҷтимоӣ низ зарур аст.

Ҳанӯз дар Тоҷикистон дарёфти беҳтарин натиҷаи ҳалли амалии проблемаи ваҳдати иҷтимоӣ ва озодии инсон муяссар нашудааст. Ин ҳолат дар дараҷаи бештар ба он иллатест, ки мушкилот мавриди тааммулли (рефлексияи) боистании назариявӣ қарор наёфтааст. Дар иртибот ба ин омӯзиши чи сохторӣ ва чи вазифавии он, шаклҳои ваҳдат мубрам мегардад, ки ба туфайлашон тарафҳои гуногуни озодиро дар иҷтимоъ нигоҳ доштан метавон. Барои баррасии муваффақонаи ин масъала ва дарёфти роҳҳои ҳалли он татбиқи муносиботи фалсафӣ ба масъала мувофиқи матлаб аст, зеро он ба омӯзиши ҷомеа ҳамчун низоми мураккабу ҳамзамон мувозин имконият фароҳам меорад. Дар ин маврид бояд дар назар дошт, ки низоми иҷтимоӣ аз унсурҳои ҷудогона-одамон иборат аст, ки бояд барои худ озодии нисбиро дар чорчӯбаи ҳамин томияти мувозин таъмин намоянд. Муҳтавои омӯзиши тарзҳои мухталифи ҳамгироии аносири ҷамъиятӣ дар дохили иҷтимоъ иборат аз он аст, ки он устуворӣ, пӯёӣ (ҳаракатмандӣ) ва қобилият ба рушдро соҳиб бошад.

Масъалаи ваҳдати ҷамъиятро ҳанӯз Афлотун дар аҳди антиқа ба силки андеша кашида буд. Ӯ масъаларо оид ба намунаҳои пазируфтаи (парадигмаҳои) пешбари сиёсию фарҳангие ба миён ниҳод, ки қодир буданд ба тамоми иҷтимоъ ҳам ҷаҳонбинии ягона ва ҳам аҳдофи умумӣ бубахшанд. Дар фалсафаи қуруни вустоӣ масъалаи муросо ва муттаҳидкунонии одамон ҳалнопазир маҳсуб меёфт. Ин, бавижа дар афкори Августин возеҳ инъикос ёфтааст, ки муътақид буд: олами заминӣ ин олами адовати мудавоми миёни одамон аст ва муросои абадию иттиҳоди ҷовидонӣ танҳо дар олами мовароҳастӣ имконпазиранд .

Дар фалсафаи Аҳди Ҷадид Т. Гоббс ва Ҷ. Локк ҷиддан ба омӯзиши масъалаи шартномаи ҷамъиятӣ рӯ оварданд. Ин шартнома фазои куброиҷтимоӣ ва

ҳаёти фардии инсонро, ки бо ҳуқуқҳои ӯ, инчунин бо амалигардонии имконоти фардии эҷодиаш алоқаманд мебошанд, возеҳан аз ҳам ҷудо мекард [3].

Г. В. Ф. Гегел масъалаи муносибатҳои шахсияту иҷтимоиро ҳамчун масъалаи таносуби фардӣ ва умумӣ баррасӣ менамояд. Тибқи андешаи ӯ, ҷомеа ба шакли як чие анҷомёфта, фарҷомпазируфта медарояд, дар ҳоле ки ҳар каси дар беҳтаъсиррасонии диалектикӣ бо он қарордошта, дар ниҳояти кор худи моҳияти ҳамон томиятеро эҳсос мекунад, ки шомили он аст ва дар ҳоле ки хоҳишу дархост ва кайфияташ бо он созгор меоянд. К.Маркс, ки масъалаи таносуби мухторият ва ҷомеапазириро муфассал омӯхт, назар медиҳад, ки масъалаи ҳалли он бо бартарафсозии ҳолати ғайрият алоқаманд аст.

М. Вебер дар баррасии масъалаи ваҳдати иҷтимоъ бар он назар буд, ки возеҳан дар меъёрҳои муқараршудаи рафтор ва муоширате инъикос шудааст, ҳангоми риояи онҳо ҳар кас кафолати нигоҳдошти суботи мавҷудият ва амнияти хешро бо ҳамзамон эътирофнамоии қаробати худ ба томияти иҷтимоӣ ба даст меорад.

Дар фалсафаи тоҷик Форобӣ ба масъалаи муносибатҳои мухторият ва ҷомеапазирӣ хеле наздик расидагӣ кард. Ӯ ваҳдати ҷамъиятиро бо руҷӯъ ба мабдаи олии рӯҳонӣ пайванд дод. Ваҳдати ҷамъияти дар фаҳмиши ӯ фарогири кулли олами мавҷудоти зинда ва ҳазамон манбаи рушди эҷодии инсон буд, ки бо он қаробат ҷуста, барои худ тарафҳои гуногуни озодии худро кашф менамуд. Форобӣ муътақид ба он буд, ки фақат ваҳдати иҷбории ҷамъиятӣ имконпазир аст ва худи муоширати комили миёни одамон фақат бо роҳи уруҷ аз соҳаи маҷбурсозии иҷтимоӣ ба соҳаи рӯҳи озод ба даст меояд.

Дар фалсафаи иҷтимоии Ибни Халдун мабдаи ибтидоии махсусияти тартиботи бунёдшавандаи ҷамъиятӣ озодии инсон аст, ки тибқи хостаҳою иродаи ботинии ӯ тамоми ниҳодҳои мавҷудаи иҷтимоӣ-сиёсӣ тағйир мепазиранд. Ҳаёти ҳам инсони ҷудогона ва ҳам умуман иҷтимоъ дар баҳамтаъсирасонии зич бо ҳастии боқимондаи табиие мавриди назар қарор мегирад, ки таҳаввули он бо таҳаввули низомҳои ҷамъиятӣ шабоҳатҳои муайян дорад.

Минбаъд баррасии баҳамтасирасонии дароҷоти гуногуни низомҳои табиӣ ва иҷтимоӣ дар мадди таваҷҷуҳ қарор дода мешавад ва ҳар яке аз ин дараҷаҳо таъсири вежаи худро ҳам ба ҷанбаҳои моддӣ-амалӣ ва ҳам ба ҷанбаҳои маънавӣ-ахлоқии ҳаёти инсон мерасонад. Масъалаи баҳамтаъсирасонии инсон бо ниҳодҳои сиёсӣ мунтазам аз охири с.80-ум коркард мегардад.

Дар фалсафаи ғарбии нимаи дуюми асри XX дар таълифоти Г. Маркузе, М. Хайдегер, К. Ясперс масъалаи «васатият»-и ҷамъиятии инсон ба силки баррасӣ кашида мешавад, ки инсон ҳамшабеҳи дигарон гашта, мабдаи шахсию эҷодиашро аз даст медиҳад ва гирифтори якрангию якнавохтии мавҷудияти иҷтимоӣ мегардад. Таълифоти П. Изловский, Д. Ноубл, Ҷ. Роулз, ки ба баррасии масъалаи адолати иҷтимоӣ бахшида шуданд, арзишманданд (адолати иҷтимоиро ин муаллифон унсури пешбар, «санги маҳак» дар ташаккули шароитҳои объективии иттиҳоди ҷамъиятӣ маҳсуб мекунанд).

Умуман, бо вуҷуди он ки ба масъалаи ваҳдати иҷтимоӣ таваҷҷуҳи зиёде гуморида шудааст, омӯзиши томи иртиботмандиаш бо озодии инсон дар ҷомеа мубрамият дорад. Масъалаи пайдоиши муттасилияти пайдоишу ташаккули он тарафҳои ваҳдати ҷамъиятие омӯхта нашудааст, ки қодиранд ба ташаккули ҷанбаҳои пешбари сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии озодии одамон дар ҷомеа таъсир расонанд.

Дар рафти пажӯҳиши фалсафӣ-иҷтимоӣ ваҳдати ҷамъиятӣ мо муътақид мегардем, ки ваҳдати иҷтимоиро аз мавқеи ду асоси баробараҳамияти пешбари муҳими ҷамъиятӣ-сиёсӣ ва маънавӣ-ахлоқӣ бояд мавриди баррасӣ қарор дод, ки дар ҷамъбаст низоми томи иҷтимоии мутавозинро чун ормон ё ки воқеият ташкил медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки яке аз принсипҳои умда дар ташаккули ваҳдати иҷтимоӣ принсипи ҳамзистӣ бар мабнои баҳамёрмандии ихтиёрист, ки зиддиятҳои миёни коллективизм ва фардогароӣ (индивидуализм)-ро сабуктар мегардонад, инчунин ба пайдоиши адолати иҷтимоӣ мусоидат менамояд. Бинобар ин, дар фаҳмиши ормонҳои ҷамъиятӣ ва воқеияти ҷамъиятӣ таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ аҳамиятнок аст, ки тарзҳои диалектикӣ, системанок, таърихӣ, сохторӣ ва функсионалии тавсифи баҳамтаъсирасонии инсон ва иҷтимоъро дар бар мегирад. Зинаи ибтидоии ваҳдати ҷомеа ваҳдатест, ки бар механизмҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ асос ёфтааст. Шакли минбаъдаи иттиҳоди ҷамъиятӣ бо ошкор ва маърифат кардани асосҳои арзишии кулли иҷтимоъ муносибат дорад. Ваҳдати ҷамъиятӣ-сиёсии алоқаманд бо тарзҳои ақлгароёнаи фаъолияти ҳаётӣ ва ҷонибдори силсиламаротиби иҷтимоии устувор метавонад фақат характери муваққатӣ дошта бошад, агар шароитҳо барои пайдоиши ваҳдати арзишию маънавии ҷамъиятӣ мавҷуд набошанд. Чунин натиҷагирӣ барои ба сифати баробараҳамият дида баромадани асосҳои иҷтимоӣ- сиёсӣ ва маънавӣ-ахлоқии ваҳдати ҷамъиятӣ имконият фароҳам меорад.

АДАБИЁТ

1. Маърифати иҷтимоии ваҳдати миллӣ. Китоби Х1У. Монография (коллек) - Душанбе, «Дониш», 2012.
2. Шоисматуллоев Ш. Афкори иҷтимоӣ ва тағйирёбии иҷтимоии ҷамъият. Душанбе, 1997.
3. Гоббс Т. Левиафан, Асарҳо: дар 2 ҷ. М.: 1964.
4. Бехманн Готтхард. Ҷомеаи муосир: ҷомеаи риск, ҷомеаи иттилоотӣ, ҷомеаи дониш. – М.: Логос, 2012.
5. Хабермас Ю. Дискурси фалсафавӣ дар бораи модерн. – М.: «Весь мир», 2003.
6. Вебер М. Мунтахабот. Нақши ҷомеа. – М.: Юрист, 1994.
7. Джин Л. Коэн, Эндрю Арато. Ҷомеаи шаҳрвандӣ ва назарияи сиёсӣ. – М.: «Весь мир», 2003.

ФАКТОРЫ СОЦИАЛЬНОЙ ИНТЕГРАЦИИ В УСЛОВИЯХ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

Д. ХОЛНАЗАРОВ,

соискатель Института философии, политологии и права именем академика А.М.Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан

734025, Республики Таджикистан, город Душанбе, пр. Рудаки 33,

тел.: (+992) 2210179, (+992) 951160390.

В статье рассматриваются проблемы социальной интеграции в процессе общественного развития Таджикистана на современном этапе ее развития. Автор на основе анализа конкретных явлений общественной жизни показывает степень реалистичности существующих механизмов обеспечения данной целы и тем самым выдвигает свое видение проблемы.

Ключевые слова: *интеграция, общественное развитие, автономия личности, социальные изменения, национальное государство, национальная идея, общественное мнение.*

FACTORS OF SOCIAL INTEGRATION IN THE CONDITIONS OF STATE INDEPENDENCE

D. KHOLNAZAROV,
aspirant Institute of Philosophy, Political, Science and Law,
Academy of Sciences of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 33,
ph.: (+992) 2210179, (+992) 951160390.

The article deals with the problems of social integration in the process of social development in Tajikistan at the present stage of its development. The author based on the analysis of specific social phenomena indicates the degree of realism of the existing mechanisms to ensure the safe and put its own vision of the problem.

Keywords: *integration, social development, the autonomy of the individual and social change, the nation-state, national idea, the public opinion.*

УДК:355(575.3)

НАҚШИ АРТИШИ МИЛЛӢ ДАР ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН

С. АКБАРОВ,
муовини Сардори Раёсати таҳлил ва ояндабинии сиёсати
дохилии Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии
Тоҷикистон, полковники мустаъфӣ,
734025 Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40,
тел: (+992 37) 227–20–93, (+992) 934–07–79–16
E-mail: akbarov.1954@mail.ru

Дар мақолаи мазкур нақши калидии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъсису такмили Қуввахои Мусаллахи Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ гардидааст. Муаллиф таърихи таъсисёбӣ ва роҳи тайкардаи Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор додааст. Далелу нуктаҳои асосӣ аз давраи қабули қонуну санадҳои мушаххаси таъсисёбии неруҳои ҳарбӣ, ҷузъу томҳо, иштирок дар барқарорсозии сохти конституцсионӣ ва машқҳои созмонҳои ҳарбӣ, ҳамкориҳои низомию сиёсӣ байни Тоҷикистон бо кишвару созмони байналмилалӣ оварда шудааст.

Калидвожаҳо: *Истиқлолият, Артиши миллӣ, Ваҳдати миллӣ, сохти конституцсионӣ, амният, субот, робитаҳои байналмилалӣ, созмонҳои ҳарбӣ, машқҳои ҳарбӣ.*

Нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Сарфармондеҳи Олии Қуввахои Мусаллахи кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таъсис ва таҳкими Артиши миллӣ ва ҷузъу томҳои мамлакат, таҳкиму барқарорсозии сохти конституцсионӣ, тартибу низом, таъмини амнияту суботи кишвар, таъмини волоияти қонун калидӣ мебошад.

Аз таърихи тайкардаи инсоният мо медонем, ки дар даврахои гуногуни ҳаёт марҳалаҳои гузариши давлатдорӣ аз як сохти ҷамъиятӣ ба сохтори дигар бо сабабу омилҳои айнӣ ва зеҳнӣ вазъи сиёсӣ, шохаҳои роҳбари таъминкунандаи амнияту ваҳдат, риояи қонунҳои амалкунанда, рушди иқтисодию иҷтимоӣ чӣ гуна халалдор гардида, боиси нобасомониҳо, хунрезию парокандагӣ ва ҳатто нобудшавии қавму миллатҳо ва давлатҳо гардидааст. Миллати тоҷикро дар масири таърих борҳо хатарҳои парокандагию нобудшавӣ таҳдид карда буд, аммо дар тӯли бештар аз ҳазор сол ҳувият, фарҳанги миллӣ ва забони давлатии худро аз маҳвшавию парокандагӣ начот дода тавонист.

Ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ яке аз воқеаи муҳими таърихӣ ба шумор меравад. Танҳо бо шарофати истиқлолият Тоҷикистон тавонист ҳамчун субъекти баробарҳуқуқи байналмилалии миллии худро ба ҷаҳониён муарифӣ кунад, ҳамчун давлати соҳибистиқлол дар арсаи ҷаҳон шинохта шавад. Пешвои миллат аҳамияти таърихии беандоза муҳими истиқлолияти давлатиро барои халқи тоҷик ва тамоми тоҷикистониён чунин баҳогузори кардааст: «Истиқлолият волотарин ва пурарзиштарин дастоварди давлату давлатдории тоҷикон дар асри бистум аст, ки нахуст дар заминаи

давлатҳои навтаъсиси Иттиҳоди Шӯравӣ арзи ҳастӣ намуда, бо вуҷуди баъзе беадолатиҳои марзию ҷуғрофӣ, ҳамчун шакли давлатдории мутамаддину пешрафта ташаккулу инкишоф ёфт, сабзид ва ба камол расид» [1,121].

Истиқлолияти давлатӣ назди миллати тоҷик масъулияти басо муҳим ва тақдирсозро гузошт, ки умдатарини онҳо таъсису пешрафти Артиши миллӣ ва ҷузъу томҳои низомии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Аммо аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлол гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон бадхоҳони дохилию хориҷӣ бо дахолати мамлакатҳои манфиатдор бо баҳонаи риояи аслҳои демократӣ, истифода аз гурӯҳҳои алоҳидаи сустирода ва зархарид, ки аллакай дар кишвар пайдо гардида, мавқеи худро дарёфта буданд, суистифода намоянд. Онҳо таҳти таъсири андешаҳои тундгароёнаи ҳурофотӣ бо омезиши омилҳои манфии маҳалгароӣ ва мансабхоҳӣ тавонистанд миллати тоҷикро ба вартаи ҷанги шадиди шаҳрвандӣ, майдонишиниҳо, задухӯрдҳо ва ғоратгарию хунрезиҳо кашанд.

Аввалҳои соли 1992 аз бетаҷрибагии мардум саросари кишварро рӯҳияи часпу талошҳо дар қолаби демократӣ ва тафаккури динӣ фаро гирифт. Чунин шакл гирифтани рӯҳияи сиёсӣ муносибати ҷудоиандози мардумро ба гурӯҳҳои гуногуни минтақавӣ тақсим шудан асос гузошт. Алангаи оташи ҷанги шаҳрвандӣ ва муқовимату задухӯрдҳои яроқнок Тоҷикистонро фаро гирифт. Ҳолати фалаҷ гардидани мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқ ва риоя нагардидани қонунҳои амалкунанда мансабталошиҳо пурра ба назар мерасиданд. Аз вазъияти ба амаломада истифода бурда, бо ном қумандонҳои яроқноки мардумӣ ва ҷонибдорони онҳо пайдо гардида, роҳбариро ба зиммаи худ гирифта, вазъи сиёсии минтақаҳоро ноором нигоҳ медоштанд. Дар як мудати кӯтоҳ тавонистанд ба сохторҳои роҳбарикунандаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, қудратӣ, ҳифзи ҳуқуқ таъсири манфии худро расонанд, ки барои пешгирии алангаи оташи ҷанги шаҳрвандӣ чорае андешида натавонистанд.

Аз ҷониби роҳбарияти онвақта Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти № ФП–14, аз 4 январи соли 1992 Кумитаи мудофиа, таҳти № 363 аз 30 сентябри соли 1992 баҳри иҷрои фармони Президенти ҶТ аз 17 сентябри соли 1992, №ФП–188 «Дар бораи таъсиси Вазорати мудофиа» қарорҳо қабул карда шуда буданд. Аммо вазъи ба амаломада тамоми сохторҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро ба душворию буҳрони шадид гирифтор намуда буд. Ҳамзамон, васеъ гардидани муқовимати яроқноки ҷанги шаҳрвандӣ имкони амалӣ гардонидани ин қарору фармонҳоро ба таъхир гузошт.

Бо талошу дастгирии қувваҳои солими ҷомеаи кишвар 16–уми ноябри соли 1992 дар шаҳри Хуҷанд Иҷлосияи XVI–уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон доир гардида, сохти конституционӣ эҳё карда шуд. Дар ин Иҷлосияи таърихӣ фарзанди фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон Раиси Шӯрои Олӣ ва роҳбари давлати Тоҷикистон интихоб гардид.

Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияте масъулияти Сарварии давлатро ба зимма гирифт, ки Тоҷикистон дар оташи ҷанги шаҳрвандӣ сӯхта истода, дар ҳолати парокандагӣ ва маҳву нобудӣ қарор дошт. Нахустин барномаи тарҳрезигардида роҳи давлатдории миллии тоҷиконро муайян намуд ва онро аз вартаи нобудӣ начот доданд дар пеши худ мақсад гузошт. Ӯ чунин иброз намуда буд: «Ҷонибдори давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёд, ба даст овардани сулҳу вахдат, баргардонидани тамоми гурезагоне буд, ки аз задухурдҳои дохилӣ Ватанро тарк карда, ба хориҷӣ кишвар ё аз макони зисташон ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ фирор намуда буданд. Мақсади ягона дар ин лаҳзаҳои ҳасос пешгирӣ ва хомӯш кардани алангаи оташи ҷанги шаҳрвандӣ, ба созишу мувофиқа

овардани гурӯҳҳои яроқноки бо ҳам муқовиматдошта ва ҷустуҷӯйи роҳҳои наҷот додани давлат аз нобудшавӣ ва парокандагии миллат равона карда шуд» [2,102].

Қарорҳои қабулнамудаи Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои мусбати худро доданд. Сохтори фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ барқарор карда шуд, пеши роҳи хатари нобудшавии халқу миллат гирифта шуд, оташи ҷанги шаҳрвандӣ ба тадриҷ хомӯш гардид, ба марҳалаҳои ба имзо расонидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон заминаи мусоид гузошта шуд.

Баъди интихоби Эмомалӣ Раҳмон ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ ва роҳбари давлати Тоҷикистон истиқлолият аз нав тавлид шуд. Агар ба таърихи 25 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон назар афканем, мебинем, ки:

Аввалин кору пайкори абармарди сиёсат, Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон чандин маротиба бо зиёиён, уламои динӣ, занону ҷавонони кишвар мулоқоти судманд баргузор намуд, ки дар онҳо масъалаҳои муҳими ҳифзи амнияту субот, Ваҳдати миллӣ, Барномаҳои рушди кишвар, тарбияи наврасону ҷавонон, пешгирии падидаҳои номатлуб аз қабили хурофотпарастӣ, тундгароӣ, ифротгароӣ ва ғайра баррасӣ ва арзёбӣ гардиданд. Таъмини суботи кишвар муҳимтарин омили рушди давлатдорӣ ба шумор меравад. Аз ин рӯ, таҳким бахшидани заминаҳои рушди устувори ҷомеа яке аз масъалаҳои аҳамияти стратегидошта маҳсуб меёбад.

Дуюм, пас аз ба кор шурӯъ намудани Ҳукумати қонунӣ дар Иҷлосияи XVI -уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати қабули қарору қонунҳои мушаххас барои бунёди Қувваҳои Мусаллаҳ мавриди муҳокима қарор гирифтанд. Дар ҷаласаи мазкур 18-уми декабри соли 1992, таҳти №3, қарори Раёсати Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон **«Дар бораи таъсиси Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон»** қабул карда шуд, ки заминаи ҳуқуқии ташкилу таъсиси Артиши миллиро фароҳам овард.

Дар он замон аз вуҷуд надоштани Артиши миллӣ, вазъи мудофиавию амниятии кишвар дар ҳолати ногувор гирифтор буд, хатари воқеии парокандашавии давлати тоҷикон возеҳу равшан ба мушоҳида мерасид.

Тоҷикистон таъсиси Артиши миллии худро бе ягон заминаи моддию техникӣ дар шароити бениҳоят вазнини иҷтимоию иқтисодӣ аз сифр, ки дар минтақаҳои кишвар ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт, оғоз намуд. Норасоиҳои миқдории зиёди техникию таҷҳизоти ҷангӣ, шумораи ангуштшумори мутахассисони соҳибтаҷрибаи низомӣ дар кишвар ба мушкилот гирифтор буданд. Дигар кишварҳои узви ИДМ бошанд, дар муқоиса бо Ҷумҳурии Тоҷикистон аз собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ соҳиби сармояи гарони иншооти ҳарбӣ лавозимоти техникии гуногун гардида буданд, аммо кишвари мо ҳамчун кишвари сағирмонда дар гирдоби моҷароҳои сиёсӣ соҳиби ягон саҳми ҳамзистии ҳафтодсола дар ҳайати собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ нагардид.

Дар баробари ин, ба зиммаи роҳбарияти давлати тоҷикон масъулияти бениҳоят бузург меистод ва афсарону сарбозони кишвар бо сабру тамкин тавонистанд бори вазнини ин масъулиятро мардонавор ба дӯш гиранд. Новобаста аз мушкилоти ҷойдошта, Артиши миллӣ дар набардҳои вазнини барқарор намудани сулҳу оромии сартосарӣ дар минтақаҳои кишвар баҳри ҳифзи дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ ва тамомияти арзии мамлакат талошу ҷонбозиҳои шоистаро анҷом дода тавонист.

Аввалин паради ҳарбии Артиши миллии Тоҷикистон 23–уми феврали соли 1993 доир гардид, ки ҷавонони ватанпарасти кишварамон бо як ҷаҳон ифтихори миллӣ дар сафи он гузаштанд. Барои тарбияи мутахассисони касбии ҳарбӣ садҳо ҷавонони тоҷикро ба омӯзишгоҳҳои олии низомии Федератсияи Русия ва дигар кишварҳо

фиристода шуданд, ҳамчунин, дар Тоҷикистон муддати кутоҳтарин коллеҷу омӯзишгоҳҳои ҳарбӣ, сарҳадӣ, донишкадаи олии ҳарбӣ таъсис дода шуданд.

Сохтору фаъолияти Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистонро фармону дастурҳои оқилона ва иҷрои саривақтии тибқи муқаррароти низомӣ ташкил медиҳанд. Маҳз ҳамин зарурат Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазифадор намуд, ки 23 июли соли 1993, таҳти №296–13 қарореро ба тавсиб расонад, ки тибқи он сохтор ва тарҳи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро муайяну мушаххас созад. Инчунин, зимни ин қарор Ҳукумати Ҷумҳури Тоҷикистон сохтори Дастгоҳи Марказии Вазорати мудофиаи кишварамонро тасдиқ намуд. Дар рафти таъсиси нахустин раёсатҳо қисмҳои низомӣ ва ҷузъу томҳои ҳарбӣ зарурати ворид кардани тағйироту иловаҳо ба қарори мазкур ба миён омад. Ин буд, ки Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми августи соли 1994 ин масъаларо аз сари нав мавриди баррасӣ қарор дода, сохтор ва тарҳи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназардошти вазъияту шароити муосир зимни қарори № 440–9 мутобиқ гардонида, тағйироту иловаҳо ворид намояд. Тибқи санади мазкур сахтори роҳбарият, Дастгоҳи Марказии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарситоди Артиши миллии кишвар мушаххасу муайян карда шуд.

Ҳамзамон, ба тадриҷ мақомоту хадамот, раёсату шуъбаҳои роҳбарикунандаи Қуввоҳои Мусаллаҳ таъсис гардида, ташаккул ёфтанд. Дар асоси сохтори тасдиқгардида барои такмили мудофиавии неруҳои хушкигард, ҳарбии ҳавоӣ, ҳимояи зиддиҳавоӣ, бригадаи зарбазани десантӣ, бригадаҳои таъйиноти махсус, тӯпчиён, раёсатҳои тиббию ҳарбӣ, кимиёвӣ, сохтмонӣ, муҳандисӣ, алоқа, кашфи ҳарбӣ ва ғайра таъсис дода шуда, ба фаъолият шурӯъ намуданд.

Сеюм, Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон 6 –ноябри соли 1994 ба тариқи райъпурсии умумихалқӣ қабул карда шуд. Конституция барои аз байн бурдани хатаре, ки ба Истиқлолияти давлатӣ таҳдид мекард, шароити зарурии ҳуқуқӣ муҳайё карда, барои расидан ба Ваҳдати миллӣ таҳкурсии устувор гузошта ба марҳалаҳои ҳассоси таърихӣ, ки асосҳои рукнҳои давлатдории тоҷикон буданд, нақши тақдирсозу заминаи ҳалкунанда гузошт.

Ба маҷмӯи қонунҳои қабулгардида баҳри мутобиқати онҳо ба раванди ҷомеа чандин маротиба тағйироту иловаҳо ворид карда шуда, барои иҷро ва риоя пешкаши халқи тоҷик гардонида шуданд. Дар моддаи 43–и Конституцияи Ҷумҳурии тоҷикистон омадааст: **«Ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амнияти ва иқтидори мудофиавии он вазифаи муқаддаси шаҳрванд аст»** [3,14].

Имрӯз вақте Ватан мегӯем, пеш аз ҳама, муҳофизати Ватан ва тамомияти арзии кишварамонро дар назар дорем. Вазифаи ҳар як шаҳрванди ватандӯсту ватанпарвар афзудан ба дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ ва таҳкими рукнҳои давлатдорӣ мебошад. Яке аз рукнҳои асосии он Қуввоҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар заминаи уҳдадории умумии ҳатмӣ бо мақсади мудофиаи давлат ташкил карда мешавад. Мудофиаи кишвар вазифаи муҳими давлат, халқ ва ҳар як шаҳрванд аст.

Марҳалаҳои муҳими ташаккул ва рушди Артиши миллӣ

Якум, мақсади асосии таъсис ва ташаккули неру ва қувваи нави ҳарбии миллие буд, ки ба ҳифзи музаффариятҳои Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон қодиру содиқ бошад, тавонад дар ҳама ҳолат озодию манфиатҳои мардуми кишварро таъмину нигаҳбон бошад. Вобаста ба таъйиноти мазкур, қӯшунҳои муташаккили зудамал дар сохторҳои қудратӣ кишвар таъсис дода шуда, ба фаъолият шурӯъ карданд,

ки вазифаи асосиашон муқовимат ба қувваҳои дохилии зиддиҳукуматӣ ва ҳифзи сохти конституцсионии кишвар равона карда шуда буданд.

Дуюм, ин таъсиси сохтори таркиби Артиши миллӣ, ҳаллу фасл ва такмили корҳои ташкилию ташаккули номгӯйи вазифаҳои муайянкардаи онҳо ба анҷом мерасад. Дар ин давра баъди таъсис навъҳои гуногуни Артиши миллӣ, аз қабили қӯшунҳои хушкигард, қӯшунҳои ҳарбию ҳавоӣ, қӯшунҳои мудофиаи зидди ҳуҷуми ҳавоӣ рушду инкишоф ёфтанд, бахусус, ташкили қӯшунҳои зудамал ва таъйиноти махсус дар сохторҳои қудратӣ аҳамияти хосса зоҳир карда шуд.

Сеюм, ин давраи хотимавии таъсиси Артиши миллии Тоҷикистон баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ байни Ҳукумати кишвар ва роҳбарияти мухолифин оғоз гардид. Дар ин марҳала ба сохтори таркибии Артиши миллӣ ва дигар сохторҳои қудратӣ тағйироту дигаргуниҳои ҷиддӣ ба ҳайати штатии онҳо ворид карда шуд.

Баҳри амалӣ гардидани қарордодҳои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон афсарону сарбозони Иттиҳоди неруҳои опозитсиони тоҷик (ИНОТ), ки теъдоди онҳо зиёда аз 5 ҳазору 500 нафарро ташкил медод, баъди гузаронидани ташхиси тиббӣ ба ҳайати ҷузъу томҳои Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон фиристода шуданд. Чунин миқдор аз рӯйи тартиби муайян ба Вазорати мудофиа, вазоратҳои қудратӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, шомил гардонида шуда, дар сафҳои он адои хизмат намуданд. Тибқи муқаррароти КОМ баъди гузаштани комиссияи атестатсионӣ, ки аз ҷониби ҳар ду тараф таъсис дода шуда буд, қисми зиёди онҳо ихтиёран хизмати мулкиро интихоб намуданд.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо заҳматҳои шабонарӯзии худ барои раҳо намудани мардум аз вартаи ҷанги хонумонсӯз пайваста Паёму барномаҳои худро баҳри муҳайё намудани сулҳи устувор, оштии миллӣ, якдигарбахшӣ, поянда нигоҳ доштани аҳдномаи Ваҳдати миллӣ равона гардонида буд. Сарвари давлат дар ҳолатҳои ҷангӣ, вазъи ноустувори сиёсӣ, чандин маротиба ба хориҷи кишвар ва минтақаҳои даргири дохилӣ сафарҳо намуда, бо мардуми осоишта гуфтушунидҳо баргузор намуда, онҳоро ба оштӣ, афву ҳамдигарбахшӣ даъват намуда, ба савганди қабулкардааш содиқ монд. Таҷрибаи роҳи ҳаллу фасли муноқишаҳои дохилии кишвар ҳосилкардаи ӯро аз ҷой доштани ақидаҳои гуногун, бархӯрди қувваҳо, истифодаи усул ва механизми ба танзим даровардани вазъу ҳолати сиёсии ҷойдошта ҳамчун дастоварди истиқрори сулҳу субот дар нуқтаҳои доғи дигар кишварҳои ҷаҳон қобили омӯзиш пазируфтанд.

Сиёсати пешгирифтаи Роҳбари хирадманд таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон, омили асили сулҳ ва истиқлолияти комили давлатӣ мебошад, ки имрӯзҳо вирди забони ҷомеаи байналмилалӣ гардидааст, ба ҷаҳониён собит намуд, ки миллати дорои фарҳангу таърихи бузург дошта, ҳамеша дар ҳолатҳои душвор ва сарнавиштсози таърихӣ аз ин неъматҳои худододӣ истифода намуда, худро аз вартаи ҳалокатбор наҷот дода метавонад. Ба қавли собиқ Котиби Генералии Созмони Милали Муттаҳид Кофи Аннан: «Тоҷикон намунаи беназири таҷрибаи сулҳофариро барои мамлакатҳои дигар ба армуғон оварданд» [4,57]

Чорум, бо роҳбарӣ ва заҳматҳои шабонарӯзии Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ шинохтанд, дар роҳи бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона қадамҳои устувори худро гузошта тавонист, сохтори системаи давлатдории тоҷиконро аз нав асос гузошта, барои насли оянда мукаммал гардонид.

Вазифаҳои минбаъдаи ҳар як сохтори қудрати дар асоси талаботи Конституцсия муайяну мушаххас карда шуданд. Дар назди кормандони Вазорати корҳои дохилӣ масъулияти муҳофизату ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва ҳимояи манфиатҳои ҷамъияту давлатӣ вогузор карда шуданд. Дар назди ин Вазорати мудофиа Раёсати қӯшунҳои дохилӣ таъсис дода шуд, ки барои пешгирӣ кардани ҳама гуна низоъҳои тасодуфии дохилӣ кишвар сафарбар карда мешавад. Ба кормандони Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулияти вазифаҳои таъмини амнияти миллии дохилию хориҷии кишвар, омӯхтани раванди вазъи сиёсӣ, ақидатии дохилию берунии кишвар, ҷустуҷӯ ва муайян намудани ҳизбу созмонҳои террористию экстримистӣ, ҳаракатҳои сиёсии мухолифатангез, ки аз берун дохил гардида буданд, баҳри сари вақт пешгирӣ кардани ҳама гуна шакли таҷовузи аз берун ба дохили кишвар сафарбар гардида, вогузор карда шудаанд. Баҳри ҳимоя ва мустаҳкамии ҳудуди сарҳади кишвар Сарраёсати Қӯшунҳои сарҳадии Кумитаи давлатии амнияти давлатии Ҷумҳурии мукаммалу таҷҳизодонида шуд, соли 2004 масъулияти пурраи ҳимояи ҳифзи сарҳади давлатӣ ба зиммаи онҳо вогузор карда шуд.

Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини таъсис ёфтанашон ҳамеша мавриди таваҷҷуҳи Ҳукумат ва Сарфармондеҳи Олии кишвар қарор доранд, ҳамеша баҳри рушди таъминоти онҳо чораҳои мушаххаси саривақтӣ андешида шуданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “доктаринаи ҳарбӣ” ва як қатор қонунҳои дахлдори давлатиро барои фаъолияти сохторҳои низомӣ таҳия карда, ба тасвиб расонид, шакли сохтори замонавии Қувваҳои Мусаллаҳро муайяну мушаххас ва тасдиқ намудааст, ки ба меъёрҳои ҷаҳонӣ ҷавобгӯй мебошанд.

Нақши Артиши миллӣ дар ҷомеа ҳимояи манфиатҳои давлату миллат дар сатҳи байналмилалӣ, мустаҳкам кардани асосҳои мудофиавии дохилӣ кишвар, ягонагии қаламрав ва Истиқлолияти давлатиро ҳимоя ва нигоҳ доштан аст. Новобаста аз мушкилоти ҷойдошта ва муноқишаҳои берунию дохилии мавҷуда рушди санъати ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳро вобаста ба тағйироти географӣ ва геополитикӣ, иқтисодӣ ва дигар шароитҳо ба талаботи раванди тараққиёти ҷаҳонӣ муосир ҷавобгӯй тағйиру мутобиқ гардонида шуд.

Панҷум, бо сиёсати хирадмандонаву дурандешонаи Сарвари давлат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Артиши миллӣ ба ҳомии марзу бум ва давлатдори миллӣ мубаддал гардид. Зимни суханронии худ, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми Артиши миллиро чунин баҳогузорӣ намудааст: «Қувваҳои Мусаллаҳи мо дар роҳи ҳифзи дастовардҳои Истиқлолияти давлатӣ, ба эътидол овардани вазъи мамлакат ва пуштибонии сулҳу субот, фурӯ нишондани ошӯбҳои исёнгарона ва зарбаи қатъӣ задан ба ҳамлаҳои берунӣ, несту нобуд сохтани гурӯҳҳо ва дастаҳои мусаллаҳи ҷиноятқор, пешгирии табадулоти ҳарбӣ ва қочоқи маводи мухаддир хизмати беназир намудаанд» [5,8].

Имрӯз бо итминони комил метавон ёдовар шуд, ки Артиши миллӣ чун неруи муқтадири кафили амнияту осоиш, сулҳу суботи кишвар ташаккул ёфтааст.

Шашум, саҳми Артиши миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи Истиқлолияти давлатӣ иштирок дар муборизаҳои шаддид ва набардҳои сангин баҳри таъмини амнийт, сулҳу суботи кишвар бениҳоят калон аст. Дар ин раванд санъати ҷангиро омӯхта, обутоб ёфтааст. Баҳри ҳамкории минбаъдаи ҳарбӣ ба даҳҳо созмонҳои байналмилалӣ шомил гардида, созишномаҳоро ба тавсиб расонидааст. Дар айни замон бо созмонҳои СААД, ИДМ, СҲШ, СММ, НАТО, Кумитаи байналмилалии Салиби Сурх ва ғайра

ҳамкориҳои судманд дар чаҳорчӯбаи ухдадориҳои дуҷониба ташкил карда шуда, як қатор меморандум ва самти минбаъдаи ҳамкориҳои ҳарбӣ ба имзо расонида шудаанд.

Дар доираи ААД аз моҳи майи соли 1992 созишномаи ҳамкорӣ баста шудааст, ки дар асоси қарори Шӯрои амнияти дастаҷамъӣ аз 7 октябри 2002 номи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъиро гирифтааст. Мақсади ААД нигоҳ доштан ва таҳкими сулҳ, таъмини устувории амнияти байналмилалӣ дар минтақа, муҳофизат дар асоси мустақилияти дастаҷамъӣ, якпорчагии минтақавӣ ва соҳибистиқлолии давлатҳои узви ин созмон равона карда шудааст. Баталиони махсусгардонидашудаи Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамасола дар машқҳои муштараки низомии ҷузъутомҳои артишҳои кишварҳои узви ААД ва СҲШ фаъолона ширкат варзида, афсарону сарбозони тоҷик донишу малака ва таҷрибаи худро сайқал дода, ба нишондодҳои назаррас ноил гардида истодаанд. Дар чунин машқҳои муштараки комплекси низомӣ, ба монанди “Сипари Ҷанубии Иттиҳод–2000”, “Ҷануб–Зиддитеррор 2002”, “Сарҳад–2005”, “СҲШ–2006”, “Раъд–2015” дар машқгоҳи вилояти Хатлону Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар кишварҳо иштирок намуда, таҷрибаи ҷангии худро мукаммал намуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2002 зери санади барномаи “Ҳамкорӣ ба хотири сулҳ” имзо гузошта, аз ҳамон лаҳза ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо блоки НАТО шурӯъ гардидааст. Тоҷикистон бо НАТО асосан, дар масъалаҳои мубориза бо терроризм, пурқувват гардонидани неруи сулҳпарваронаи кишвар, андешидани чораҳои башардӯстонаи безараргардони минтақаҳои сарҳадӣ аз минаҳо ва дигар самтҳо ҳамкориҳои самарбахш ба тавсиб расонидааст.

Бояд қайд намуд, ки яке аз шарикони стратегии давлати мо Федератсияи Русия буда, ҳамкориҳои ҳарбӣ дар ҳама самтҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ монда шудаанд. Бояд қайд кард, ки дар Тоҷикистон базаи ҳарбии 201-уми Русия ба муҳлати муайян мустақар гашта ва мавҷудияти он ба хотири пойдор мондани сулҳу оромӣ дар минтақа равона гардидааст, ки он ба манфиатҳои дарозмуддати Тоҷикистону Русия хизмат хоҳад кард.

Тайи 25 соли Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар тамоми сохтор ва ҷабҳаҳои давлатдории кишвари мо дастовардҳои муҳими сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ба вуқуъ пайвастанд. Бо дастгириҳои пайгиронаи Сарвари давлат маҳз бо хизматҳои содиқона ва бошарафонаи ҳайати шахсии Қуввоҳои Мусаллаҳ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар як муддати кӯтоҳи таърихӣ артиши қобили мудофиаи ҳифзи қаламрави Ватан ва Истиқлолияти давлатӣ ба камол расонида шуд, ки барои ин даҳсолаҳо лозим буд. Аз оғози таъсисёбӣ то имрӯз ҳайати шахсии Қуввоҳои Мусаллаҳи кишвар дар лаҳзаҳои бисёр ҳассосу тақдирсоз борҳо тавонистанд садоқати худро ба Ватан ва миллати худ ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон собит созанд.

Имрӯзҳо вобаста ба вазъи мураккаби печида ва ҳассоси ҷаҳони муосир, бухрони шадиди геополитикии сайёра, афзоиши таҳдиду хатарҳои минтақавию умумиҷаҳонӣ, пеш аз ҳама, густариш ёфтани падидаҳои нангину хатарноки терроризму экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ рӯй ба афзоиш овардаанд. Дар назди ҳайати шахсии тамоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ вазифаҳои ниҳоят муҳиму тақдирсоз гузошта шудааст, ки иҷрои онҳо, пеш аз ҳама, зиракии сиёсӣ, хизмати хушёронаи шабонарӯзӣ, фидокорӣ ва мутобиқсозии оқилонаву муассири фаъолияти ҳар як неруи дифоии мамлакатро тақозо мекунад.

Солҳои охир таваҷҷуҳи асосии Фармондеҳи Олии Қуввоҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар сатҳи баланди омодагӣ нигоҳ доштани ҳамаи ҷузъутомҳои низомӣ равона карда шудааст. Баланд бардоштани масъулияту самаранокии фаъолияти хадамоти идоракунанда, дараҷаи омодагии касбии ҳайати шахсӣ, таҳия намудани нақшаҳои оперативӣ дар самтҳои хатарнок, ҷорӣ кардани усулҳои нави истифодаи қӯшунҳо ҳангоми ташкил ва гузаронидани амалиёти муштараки сохторҳои низомии мамлакат бо неруҳои ҳарбии СААД ва СҲШ ба таҳким ёфтани тайёрии мудофиавии кишварамон мусоидат намудааст. Мақсади асосии баргузории чунин чорабиниҳои сатҳи байни давлатӣ муқовимат бар зидди терроризму экстремизми байналмилалӣ ва дигар зуҳуроти номатлуби барои ҷомеа хатарзо ва дар маҷмӯъ, ба таъмини амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст.

Айни замон ба зиммаи Ситоди генералӣ вазифаҳои муҳимтарин, қабл аз ҳама, роҳбарии мутамарказ ба ҳамаи ситодҳои сохторҳои қудратии мамлакат, омӯзиши вазъи ҳарбию сиёсӣ, муайян кардани дараҷаи таҳдиду хатарҳои дохилию берунӣ ва баланд бардоштани омодагии оперативию тактикии ситоду қӯшунҳо вогузор карда шудааст. Бо мақсади таъмини идоракунии муосири ҳифзи сарҳади давлатӣ заминаи ду сохтори низомӣ: Кумитаи давлатии амнияти миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар ҳайати он Сарраёсати қӯшунҳои сарҳадӣ таъсис дода шуд. Мустаҳкамӣ ва ҳимояи ҳудудии кишвар бар зиммаи онҳо вогузор карда шудааст.

Гузаронидани машқҳои муштарак бо иштироки ҷузъутомҳои Вазорати мудофиа, Қӯшунҳои сарҳадӣ, Гвардияи миллӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи шаҳрвандӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар аз ҷумлаи чорабиниҳои муҳиме мебошанд, ки ба болоравии сатҳи маҳорату малакаи ҷангии Артиши миллӣ ва таҳкими қобилияти мудофиавии давлати миллӣ мусоидат менамояд. Зарур аст, ки ин анъанаи хуб дар оянда низ пайваста давра ба давра ташкилу идома дода шавад.

Дар самти сиёсати хориҷӣ робитаҳои байналмилалии ҳарбии Қуввоҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла бо кишварҳои узви СААД, махсусан, бо Русия ва Қазоқистон, сохторҳои низомии давлатҳои ҳамсоя, Чин, Фаронса, Ҳиндустон, ИМА ва Эрон хеле густариш ёфтааст, кумаку дастгириҳои моддию техникии тарафайн барои мустаҳкамии ҷузъутомҳои низомӣ расонида мешавад.

Ба масъалаи тарбияи кадрҳои ҳарбӣ аҳамияти ҷиддӣ дода шуда, сафҳои он бо хатмкунандагони академияҳои гуногун, афсарони дорои маълумоти олии ҳарбӣ ва ҳарбии махсус, инчунин, дастпарварони кафедраҳои ҳарбии мактабҳои олӣ хеле такмил дода шудааст. Дар айни замон беш аз 600 нафар хизматчии ҳарбии Қуввоҳои Мусаллаҳи Тоҷикистон дар мактабҳои олии ҳарбии кишварҳои Русия, Қазоқистон, Чин, Ҳиндустон ва ғайра таҳсилро идома медиҳанд.

Ҳамкориҳои низомию байналмилалии Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи фаъолияти ҳуд зиёда аз 60 аҳднома ва созишномаи дутарафа ва бисёрҷонибаро бо кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) ва дигар кишварҳои хориҷии дурро таҳия намудааст, ки аксари онҳо то имрӯз давра ба давра амалӣ гардида истодаанд. Чунин паймону созишномаҳо байни Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Русия, Қазоқистон, Қирғизистон, Ҳиндустон, Белорус, Эрон, Фаронса, Чин, Олмон, Англия, ИМА дар соҳаи ҳарбӣ ва ҳарбию техникӣ ба имзо расонида шуда, кумакҳо давра ба давра ворид мегарданд.

Масъалаи таъминоти ҷузъу томҳо бо биноҳои замонавӣ, захираҳои моддию техникӣ, ғизо, сару либос ва техникаву таҷҳизот тадриҷан ба андозаи имкон ҳаллу фасли

худро пайдо кардааст. Таъминоти иҷтимоию маишӣ ҳамасола ба зиёда 250–300 нафар оилаи афсарон бо хонаҳои истиқоматии замонавӣ таъмин карда мешаванд. Барои ноил шудан ба нияту нақшаҳои тарҳрезӣ кардашуда зарур аст, ки суботи сиёсию иҷтимоиро мисли гавҳараки чашм ҳифз кунему Вахдати миллиро рӯз то рӯз мустаҳкам намоем ва дар ҷомеа эҳтироми қонун ва волоияти қонунро таҳким бахшем.

Мо ҳама дар назди халқу Ватан вазифадор ҳастем, ки сулҳи пойдор ва тамомияти арзию якпорчагии Тоҷикистони азизро чун гавҳараки чашм эҳтиёт намоем, зеро хизмат кардан ба Ватан шарафи бузург ва қарзи шаҳрвандии ҳар як ҷавони бонангу номуси миллат аст.

Вазифаи муҳимтарини дигар ин мустаҳкам кардани тартибу низом дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ мебошад. Артише, ки низоми қатъӣ надорад, артиши қобили ҳарбу зарб ва арзандаи эҳтиром буда наметавонад. Тавре Сарфармондеҳи Олӣ зимни суханронии худ пайваста таъкид менамояд: **«Аз аскари қаторӣ сар карда, то генерал, аз хизматчии одӣ то вазир, бояд ба таври қатъӣ ва бечунучаро талаботи оинномаҳои сафороии ҳарбиро пурра иҷро намоянд»** [6, 9].

Артиш–симои миллат ва бақои умри давлат аст. Вазифаи асосии он таъмини амнияти Ватан, нигаҳдори сулҳу субот дар кишвар ва тамомияти арзии он мебошад. Эътимоди мардум бояд комил бошад, ки Артиши миллии мо барои ҳифзи Истиқлолияти давлатӣ ва амнияти мамлакатамон баҳри пешгирии ҳама гуна дастдарозии аҷнабиён қодир аст. Артиши миллии Тоҷикистон бояд артише бошад, ки ба меъёрҳои низомии ҳарбии имрӯз ва фардо пурра ҷавобгӯй бошад, ки ба манфиати давлату миллат ва ҷомеаи демократӣ хидмати содиқона карда тавонад.

АДАБИЁТ

1. Раҳмон Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. –Душанбе: Ирфон, 1999. – 257с.
2. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 10 сол.Теҳрон –2003. –204с.
3. Конституцсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон
4. Назария ва методологияи ваҳдати миллӣ. Ҷилди 3.–Душанбе: Дониш, 2007. – 375с.
5. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 сол. –Душанбе: Ирфон, 2008. – 325с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мудофиа» № 208, аз 4 ноябри соли 1995 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.–1995. № 23 –24.
7. Эмомалӣ Раҳмон. «Политика мира и созидания». Душанбе. Ирфон– 2001.всего – 213 стр.
8. Военная доктрина Республики Таджикистан, Душанбе – 1999.
9. Оинномаи интизомии ҳарбӣ, Душанбе: – 2004. – 87с.
10. Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 сол. Душанбе – 2013. – 481с.

РОЛЬ НАЦИОНАЛЬНОЙ АРМИИ В УКРЕПЛЕНИИ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

С.АКБАРОВ,

заместитель начальника Управлении анализа и прогнозирования внутренней политики Центра стратегических исследований при

Президенте Республики Таджикистан, полковник в отставке,
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 40,
тел.: (+992 37) 227–20–93, (+992) 934–07–79–16,
E-mail: akbarov.1954@mail.ru

В данной статье анализируется ключевая роль Основателя мира и национального единства – Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона в создании и совершенствовании Вооруженных сил Республики Таджикистан. Автор, рассматривая историю создания и пройденный путь Национальной армии Республики Таджикистан, приводит основные положения и факты о принятии законов и конкретных документов, касающихся создания вооруженных сил, подразделений, их участия в восстановлении конституционного строя, проведение военных маневров, а также военное и политическое сотрудничество между Таджикистаном и другими странами и международными организациями.

Ключевые слова: *Независимость, Национальная армия, Национальное единство, конституционный строй, безопасность, стабильность, международные отношения, военные структуры, военные маневры.*

THE ROLE OF THE NATIONAL ARMY IN STRENGTHENING THE STATE INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN

S. AKBAROV,
deputy Head of the Office of the analysis and forecasting of domestic policy, the Strategic Research Center under the President of the Republic of Tajikistan, retired colonel,
734025 The Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 40,
ph.: (+992 37) 227-20-93, (992) 934-07-79-16

This article examines the key role of the Founder of Peace and National Unity - Leader of the Nation, the President of Tajikistan, Emomali Rahmon in creation and improvement of Tajikistan Armed Forces. By considering the history and the distance traveled of the National Army of Tajikistan, author analyses the principal facts, adopted laws and specific other documents related to the creation of the armed forces, units, their participation in the restoration of the constitutional order, conducting military maneuvers, as well as military and political cooperation between Tajikistan and other countries and international organizations.

Keywords: *independence, national army, national unity, constitutional order, security, stability, international relations, military structures, military maneuvers.*

К:329.78(575.3)

ИШТИРОКИ ҶАВОНОН ДАР ҲАЁТИ СИЁСӢ – ТАШАККУЛЁБИИ СИЁСАТИ ДАВЛАТИИ ҶАВОНОН ДАР ДАВРОНИ 25 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Қ.А. МИРАЛИЁН,
номзади илмҳои сиёсӣ, доценти кафедраи илмҳои иҷтимоӣ-гуманитарии
Донишкадаи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734051, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 42,
тел.: (+99237) 2212492, 935761111, E-mail: qmiraliyon@gmail.com

Дар мақола ҷараёни ташаккулёбии сиёсати давлатии ҷавонон дар солҳои Истиқлолияти давлатӣ ва дар шароити демократикунонии ҷомеа баррасӣ мегардад. Ҳамзамон дастовардҳои соҳаи мазкур, ки бо дастгирӣ ва дастуру ҳидоятҳои пайваста ва бевоситаи Пешвоми миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ноил гардидаанд, оварда мешаванд.

***Калидвожаҳо**: ҷавонон, насли ҷавон, сиёсати давлатии ҷавонон, низоми идоракунӣ, дастовардҳо, пешрафт, афзоиш, рушд.*

Пешвои миллат заминагузори сиёсати давлатии ҷавонон (1991-1995)

Дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ барои давлати тозабунёд ва дар баробари ин ба таҳдиди нобудшавӣ дучоргардида бисёр мушкил буд, ки самтҳои асосии фаъолияти худро муайян созад. Дар даврони 70 соли ҳукмронии собиқ давлати Шӯравӣ яке аз соҳаҳои фаъоли ташкилии ҷамъиятӣ ва ё мактаби омодасозии кадрҳои аз лиҳози иҷтимоӣ ва сиёсӣ обутобёфта ин соҳаи кор бо ҷавонон бо унвони «Комсомол» ба ҳисоб мерафт. Комсомол (Коммунистический Союз Молодежи) ягона низоме буд, ки ҳамчун ниҳоди фаъоли Ҳизби ягонаи ҳукмрони Коммунистӣ ба омодасозӣ ва таъмини кадрҳои болаёқат ва «ватандӯст» барои давлати Шӯравӣ хизмат мекард [3, с. 14].

Дар ҳамин асно бо пош хӯрдани давлати Шӯравӣ Тоҷикистон ва дигар кишварҳои узви ИҶШС-ро зарур буд, ки – аз як тараф, ин низоми муҳими иҷтимоиро аз даст надиҳанд, зеро он натиҷа ва дастовардҳои хуб ба бор оварда, мактаберо ташкил медод, ки ба тавлиди захираҳои комили инсонӣ машғул буд. Аз тарафи дигар тамоми кишварҳои узви собиқ давлати Шӯравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон сохти нави давлатӣ – идоракунии демократироинтихоб намуда буданд, ки ин қарор ба идома додани фаъолияти комсомол бо дарназардошти принсипҳои идоракунии мутлақ (коммунистӣ) мухолиф буд. Яъне, наметавонист, ки комсомол дигар ҳадафҳои воқеии худро татбиқ созад, зеро низоми ҳукумронии яккаҳизбӣ - Ҳизби коммунистӣ барҳам хурда буд.

Ҳамин тариқ, дар сатҳи тамоми кишварҳои собиқ Шӯравӣ хулоса карда шуд, ки бо назардошти таҷрибаи мамолики пешрафтаи демократӣ идеяи/мактаби комсомол дар шакли нави хусусияти давлатидошта – **сиёсати давлатии ҷавонон**, ки ба сохти идоракунии демократӣ хос мебошад, ташаккул дода шавад. Ин қарор дар он шароит рӯи кор омад, ки дигар низоми ташкилию амалӣ, аз ҷумла идории соҳаи кор бо ҷавонон ба таври мутташаккил вуҷуд надошт, он ё дар шакли худмаблағгузор ва ё дар шакли

давлатӣ бояд амал мекард, мувофиқан барои кишварҳои пасошӯравӣ ягона манбаи муътамад ин ҳамгироии соҳаи кор бо ҷавонон бо ҳокимияти давлатӣ буд.

Бо ҳамин, қадами аввалин дар ташаккулдиҳии сиёсати давлатии ҷавонон чун амали маъмулӣ ин қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» мебошад, ки он ҳамагӣ дар ҳафтумин моҳи амали истиқлолияти давлатӣ бо қарори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 13 марти соли 1992 тасдиқ мегардад [5, с. 7].

Барои ташаккули низоми идоракунии соҳаи кор бо ҷавонон дар шароити гузариш ва дар доираи механизми нави ташкилию амалӣ – сиёсати давлатии ҷавонон зарур буд, ки мақомоти ваколатдори давлатии соҳа ташкил ёбад. НахустбоФармониПрезиденти РСС Тоҷикистон аз 9 феврали соли 1991, №ФП-27 дар мамлакат Кумитаидавлатӣ оид ба кор боҷавонон, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш таъсис меёбад.

Дар шароити дигаргуниҳои сохтори давлатӣ, аз ҷумла, ташаккулёфтани сохти конституционӣ 9 июни соли 1993 мақоми ваколатдори давлатии соҳаи кор боҷавонон дар назди Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли Кумитаи корҳои ҷавонон ташкил меёбад. Ин ниҳод низ як муҳлати муайян фаъолият намуда, бинобар зуд зуд тағйир ёфтани низоми идоракунӣ рисолати пурраи худро ичро карда наметавонад.

Таваҷҷуҳ ва ғамхории падаронаи Сарвари кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҷавонон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ возеҳу равшан ба назар мерасид. Новобаста аз сахтиҳо ва нокомиҳои пай дар пай пешомада Пешвои миллат ба баррасии масъалаҳои марбут ба ҷавонон ва сиёсати ҷавонон афзалият медод.

Зимнан бо мақсади ҷалби насли ҷавон ба фаъолнокии сиёсӣва беҳтар гардонидани вазъи сиёсию иҷтимоӣ дар кишвар 17 марти соли 1994 дар доираи Анҷумани якуми ҷавонони Тоҷикистон мулоқоти аввалини расмии Сарвари мамлакат (он вақт Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон), муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони кишвар баргузор мегардад [1, с. 26]. Ин ҳамоиш дар шароите баргузор мегардад, ки сохторҳои идоракунии давлатӣ ташаккул меёфт ва мамлакат дар оғуши ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ қарор дошт, яъне кулли ҷомеа, бахусус ҷавонон дар фикри зинда мондан буданд. Вале новобаста аз ин, бо умеди роҳнамоии ҷавонон ба фардои нек ва равонасозии онҳо ба бунёди давлати аҷдодӣ, дастёбӣ ба мустақилияти комил, ҳувияти миллӣ ва эҳёи арзишҳои миллӣ Пешвои миллат бо ҷавонон мулоқот мекунад [1, с. 62].

Дар натиҷаи мулоқот таваҷҷуҳи ҷомеа ба ҷавонон хеле зиёд гардид, мувофиқан ҳавасмандии ҷавонон барои бунёди давлати навин баланд гашта, ҳаракатҳои нахустини ҷамъиятии ҷавонон, маҳфилҳо ва гуруҳҳои худфаъол ташаккул ёфтанд.

Ташаккулёбии низоми идоракунии сиёсати давлатии ҷавонон [1996-2000]

Ин давраи ташаккулёбии муносибатҳо барои ҷавонон давраи қадамҳои устувор дар роҳи бунёди таҳкурсии асосии сиёсати давлатии ҷавонон – низоми идоракунии соҳаи кор бо ҷавонон ба ҳисоб меравад, ки пешгузорандаи он маҳз Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ҳисоб меравад.

Ин марҳалаи ташаккулёбӣ аз мулоқоти дуюми расмии Сарвари кишвар бо намояндагони ҷавонони мамлакат 23 майи соли 1997 ибтидо мегирад. Хусусияти хоси ин ҳамоиш барои ҷавонон ва Пешвои миллат ба натиҷагирӣ аз мулоқоти нахустин, оғози муносибатҳои нави созандагӣ бидуни таҳдиду нооромиҳои ҷанги шаҳрвандӣ асос меёбад, ки дар робита ба ин Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуда буданд: «*Он вақт (зимни мулоқоти нахустин) мо бештар дар бораи он фикр мекардем, ки чи тавр оташи ҷанги миллаткуширо хомӯш намуда, дар мамлакат фазои эътимоду якдигарфаҳмиро ба вуҷуд оварда, барои оштии миллӣ заминаи устувор*

гузорем. Хушбахтона, имрӯз раванди расидан ба оштии миллӣ ба фарҷоми мантиқии худ расид» [7, с. 78]. Дар ин солҳо хатари аз байни рафтани миллат ва халқи тоҷик дур шуда, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ бо дарназардошти бадастории ризоият ва ҳамдигарфаҳмии тарафҳо ба анҷом расида буд. Бинобар ин, мулоқоти мазкур мантиқан ба оғози саҳифаҳои нави таърихии давлатдории тоҷикон – ташаккулёбии истиқлолияти комили давлатӣ рост меомад.

Дар мулоқот масъалаҳои гуногунӣ ҳаётӣ, аз қабили таъминоти кадрӣ аз ҳисоби ҷавонон (ба ҷавонон бовар кардани вазифаҳои масъул), бекорӣ, саркашӣ аз хизмат дар Қувваҳои мусаллаҳ, муҳоҷирати меҳнатӣ ба Федератсияи Россия, камфаъолии ҷавонон нисбат ба илм ва ғайра баррасӣ гардиданд.

Дар ҳамбастагӣ ба муҳтавои мулоқоти мазкур ва талаботи марҳалаи гузариш аз як сохт ба дигар сохти давлатию ҷамъиятӣ-демократӣ Пешвои миллат ба ҷавонон чанде дастуру ҳидоятҳо доданд ва нисбат ба ҷавонон анҷом додани тадбирҳои муайянро аз ҷомеа, сохторҳои идорӣ ва мактабу оила талаб намуданд [7, с.112]:

Ин ҳамоиш барои насли ҷавон срнавишти таърихиро низ дорад. Дар ҳошияи ин мулоқот таъсис ёфтани мақомоти идоракунии байни ҷавононро Сарвари кишвар ба ҷавонон чунин муждагонӣ дод: *«Бо дарназардошти талаботи замон ва амалӣ гардонидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» ман имрӯз фармонро дар бораи таъсис додани Кумитаи кор бо ҷавонон имзо кардам. Умедворем, ки ин сохтори давлатӣ аз ӯҳдаи идора кардани фаъолияти ҷавонон мебарояд».*

Бо ҳамин – кӯшиши сеюм – мақомоти ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон таъсис ёфт ва маҳз дастуру ҳидоят ва пешбарии Пешвои миллат буданд, ки ин кӯшиш хусусияти устуворӣ касб намуд ва дар ҳаёти ҷавонони мамлакат саҳифаи нави таърихӣ боз гардид, насли ҷавон дар симои Сарвари кишвар ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пуштибони воқеӣ ва парастори бевоситаи худро дарёфтанд.

Дар ҳамин давраи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон мулоқоти сеюми расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони мамлакат – ин навбат бо ҷавонони лаёқатманд доир мегардад (16 майи соли 1998). Дар ин мулоқот асосан масъалаҳои марбут ба илму маърифат, дастгирии соҳибистеъдодони ҷавон, нақши фарди ҷавони бомаърифат дар бунёд ва таҳкими давлат, дастовардҳои таърихии фарзандони тоҷик, истиқлолияти давлатӣ, мероси фарҳангию таърихӣ, забони давлатӣ, муттаҳидӣ, ваҳдат ва ғайра баррасӣ гардиданд [7, с. 114].

Дар фуроварди ҳамоиш Сарвари кишвар доир ба масъалаҳои таҳияи консепсия оид ба сиёсати ҷавонон, Барномаи миллии ҷавонони Тоҷикистон, эълон намудани 23 май Рӯзи ҷавонони Тоҷикистон ва андешидани тадбирҳо дар самти пешгирии ҷиноятқорӣ ва нашъамандӣ, ташаккули тарзи ҳаёти солим, рушди соҳибкорӣ, паст кардани сатҳи бекорӣ ва ғайра дастурҳо доданд.

Дар шароити бо тадриҷ дигаргуншавии муносибатҳои идоракунӣ дар Тоҷикистон зарур буд, ки қишри серҳаракат ва ояндасози он – ҷавонон зери назари бевоситаи Ҳукумат қарор гирад. Дар ҳамин асно бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 майи соли 1997, №727 «Дар бораи баъзе тадбирҳои беҳтар намудани кор бо ҷавонон», зимнан бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 майи соли 1997, №240 «Дар бораи таъсиси Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» мақоми ваколатдори давлатии кор бо ҷавонон таъсис меёбад. Ин кӯшиши сеюми ташкили мақоми давлатии кор бо ҷавонон буд ва ин дафъа он ба маром арзёбӣ

мегардад, зеро то имрӯз дар назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ин мақоми ваколатдори давлатӣ амал карда истодааст [1, с. 42].

Барои дар амал ва босифат татбиқ намудани сиёсати давлатии ҷавонон сохтори идоракунии мақомоти ваколатдори давлатӣ дар шакли амудӣ / вертикалӣ (аз боло ба поён) муайян гардид. Бо ҳамин дар асоси Низомномаи (собиқ) Кумитаи кор бо ҷавонони назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе Идораи кор бо ҷавонон ва дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо Шуъбаи кор бо ҷавонон таъсис дода шуданд [4, с.44].

3. Барномасозии муносибатҳо – маҷмӯи хизматрасониҳои самтноки иҷтимоӣ барои ҷавонон [2001-2005]

Соҳаи кор бо ҷавонон яке аз соҳаҳое мебошад, ки фаъолиятро аз банизомдарорӣ ва барномасозии муносибатҳо шуруъ намудааст. Таҳлил, дарёфти мушкилот ва бо ин васила таҳия ва татбиқи барномаҳои давлатӣ имкон доданд, ки соҳаи кор бо ҷавонон ба зудӣ мавқеи худро дар ҷараёнҳои идоракунии мамлакат касб намояд.

Яке аз барномаҳои соҳа **- Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон»**, - ки механизми амалии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба ҳисоб меравад, дар ин давраи фаъолият **барои солҳои 2001-2003** қабул мегардад. Маблағгузории Барнома аз ҳисоби Буҷети давлатӣ ташкил ёфта, он 220 ҳазор сомониро ташкил медод [4, с. 58].

Дар ин давраи фаъолият **Барнома дар марҳалаисеюм низ – барои солҳои 2004-2006**(қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.07.2003, №294) қабул мегардад.Мутаносибан вазифаҳои Барномаи марҳалаи сеюм аз марҳалаҳои гузашта фарқияти кулӣ надорад, баръакс онҳо дар шароити ташкилёбии низоми идоракунӣ дар сатҳи сифатан нав пеш гузошта шудаанд. Дар марҳала барои татбиқи Барнома 805 ҳазор сомонӣ, яъне се баробар зиёд аз давраи гузашта ҷудо карда мешавад. Дар ин ҷо набояд фаромӯш кард, ки маблағгузории умумии Барнома бо назардошти тамоми вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо ҳудудан ду маротиба зиёд - 2,4 млн. сомониро ташкил медиҳад, яъне **дар байни 4-5 сол маблағгузории соҳаи кор бо ҷавонон аз ҳисоби барномаҳои давлатӣ аз ҳазорҳо ба миллионҳо сомонӣ расонида мешавад**.

Барои ҳар як соҳа асоси фаъолияти ташкилии ҳуқуқиро қонунгузорӣ фароҳам меорад. Барои соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон асоси ҳуқуқии фаъолият ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон», ки соли 1992 дар шароити мураккаби идоракунӣ ва нооромии ҷомеа қабул гардида буд, ташкил медод. Маълум аст, ки дар чунин вазъияти номусоид таҳияи санади муносиб, ҳаматарафа таҳлилгардида ва фарогири маҷмӯи мушкилоти ҳаётӣ имконнопазир буд. Мувофиқан бо дарназардошти дастуру ҳидоятҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон (аз натиҷаи мулоқотҳои расмии қаблӣ бо ҷавонон), талаботи ҷомеаи муосир, ташаккул ёфтани низоми идоракунии соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон, тағйир ёфтани хусусиятҳои мушкилоти ҷавонон, ташкил ёфтани муносибатҳои байнидавлатӣ ва байналмилалӣ дар самти татбиқи ин соҳаи муҳими ҳаётӣ соли 2004 аз ҳисоби мутахассисони соҳавӣ гуруҳи корӣ ташкил дода шуда, лоиҳаи **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон» дар таҳрири нав** таҳия ва аз 9.06.2004, №1142 тибқи тартиби муқарраргардида қабул мегардад.

Фарқият ва ё тағйироти куллӣ дар таҳрири нави Қонун ба он асос меёбад, ки акнун объекти қонунгузорӣ на танҳо сиёсати давлатии ҷавонон, балки ҷавонон низ ба ҳисоб гирифта мешавад. Яъне, минбаъд тамоми масъалаҳо бо назардошти ду ҷанбаҳои соҳаи кор бо ҷавонон – субъективӣ ва объективӣ зимни баррасӣ қарор дода мешаванд.

Аз ин баъд, суръат ва самти муносибатҳо дар соҳаи амалисозии сиёсати давлатии ҷавонон дигар шуда, равиши нав касб менамояд, санадҳои зерқонуни ба талаботи таҳрири нави Қонун мутобиқ гардонида шуда, низоми идоракунии соҳаи кор бо ҷавонон такмил дода мешавад ва барои ҷавонон бо иштироки бевоситаҳои онҳо дар татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон барномаҳо ва лоиҳаҳои муносиб таҳия ва амалӣ карда мешаванд.

21 майи соли 2005 дар фазои сулҳу субот, бо дарназардошти дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ, таҳкими давлатдорӣ, ваҳдати миллӣ, рушди рукнҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар ва бо мақсади баррасии ҷараёни татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон, вазъи ҳаёт ва мушкилоти фарогирифтаи ҷавонон ва бо ин васила муқаррар намудани вазифаҳо барои солҳои оянда мулоқоти навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ баргузор мегардад.

Дар мулоқот масъалаҳои гуногуни фарогирандаи ҳаёти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсию фарҳангии ҷавонон баррасӣ гардида, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ ва вазорату идораҳо ва ташкилоту муассисаҳо дар самти татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон дастуру супоришҳо дода мешаванд.

Дар натиҷа аз мулоқот бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2005, №184 Нақшаи чорабиниҳо ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои додашуда ба тасвиб мерасад. Нақша иборат аз 54 дастуру супоришҳо бо нишондоди муҳлатҳои муайян тартиб дода шуда буд, ки аксари онҳо татбиқи худро меёабнд, аз ҷумла [1, с. 76]:

– Теъдоди грантҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон аз 5 ба 6 адад ва маблағи он аз 5000 то ба 10000 сомонӣ зиёд карда мешавад (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.05.2005, №167);

– Теъдоди стипендияҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон барои хонандагони мактабҳои таҳсилоти умумӣ, литсейҳо, гимназияҳо, омӯзишгоҳҳои касбӣ-техникӣ, омӯзишгоҳҳо, техникумҳо аз 100 ба 300 адад расонида шуд (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.08.2005, №283);

– дар кишвар ду шабакаҳои телевизионӣ «Сафина» дар самти рушди фарҳанг ва имконияти ҷавонон ва «Баҳористон» барои кӯдакону наврасон дар ҷоддаи рушди имкониятҳои зеҳнию маънавӣ таъсис дода мешавад;

– Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31.10.2005, №1625 андозаи амалкунандаи стипендияҳо барои донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва миёнаи касбӣ 100% зиёд карда мешавад.

4. Ислоҳоти идоракунии соҳа – ҳамгироии низомҳои кор бо ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ [2006-2010]

Соли 2006 дар ҳошияи ислоҳоти идоракунии давлатӣ барои соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон ва ҷавонон рӯйдоди таърихӣ рух медиҳад – ба сохтори кор бо ҷавонон сохторҳои варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва сайёҳӣ зам мегардад. Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7.06.2006 ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3.06.2006, №253 ва аз 28.12.2006, №609 кумитаҳои кор бо ҷавонон ва тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил дода мешаванд [3, с. 26].

Боиси зикр аст, ки дар ин ислоҳот бартарият ба соҳаи кор бо ҷавонон ҳамчун низоми сиёсӣ ва пуриқтидор дода шуда, дигар соҳаҳо ба он зам карда мешаванд. Қарори мазкур бори дигар собит месозад, ки мақоми олии мамлакат – Пешвои миллат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба насли ҷавон таваҷҷуҳи беандоза дошта, ин соҳаро ҳамчун пешбаранда ва ояндадор эътироф менамоянд.

Ин тағйирдиҳӣ имкон медиҳад, ки ваколатҳои соҳаи кор бо ҷавонон бо фарогирии имкониятҳои нав ва иловагии хусусияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ дошта– татбиқи сиёсати давлатӣ дар самти тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши ҷавонон ва сайёҳӣ, аз ҷумла ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон, муаррифӣ намудани мамлакат дар арсаи ҷаҳонӣ, талқин намудани ҷавонон ба баланд бардоштани ҷаҳонбинӣ, шиносоӣ бо таърих, фарҳанг, тамаддун, арзишҳои миллӣ ва урфу одатҳои халқӣ васеъ гардад.

Дар ин давраи фаъолият ҳамчун механизми амалӣ баҳри татбиқи босамари афзалиятҳои сиёсати давлатии ҷавонон муносибатҳо дар самти барномасозии соҳа такмил меёбанд. Ҳамзамон, зимни мулоқот бо намояндагони ҷавон 23 майи соли 2005 Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дастуру супоришҳои мушаххас дода буданд, ки татбиқи онҳо таҳия ва қабули якчанд барномаҳои давлатиро тақозо мекард.

Чун анъана дар панҷсолаи мазкур бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.11.2006, №485 ва аз 2.07.2009, №372 **Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон» мутаносибан барои солҳои 2007-2009 ва солҳои 2010-2012** қабул мегардад. Маблағи Барнома дар се соли навбатӣ аз ҳисоби Буҷети давлатӣ 2,2 млн. сомонӣ ва аз манбаҳои ғайрибуҷетӣ 3 млн. сомонӣ ба нақша гирифта шуда, барзиёд – дар ҳаҷми 8 млн. сомонӣ – амалӣ гардонида мешавад [6].

Маҳз ҷавонон эҳсоси ватандӯстиашон баланд метавонанд пешбаранда ва ҳимоятгари асили кшвар бошанд ва ба рушду нумӯи он мусоидат намоянд. Бо ҳамин мақсад ва таҳкими василаҳои сиёсати давлатии ҷавонон дар самти тарбияи ватандӯстии ҷавонон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2005, №421 **Барномаи давлатии тарбияи ватанпарастии ҷавонони Тоҷикистон барои солҳои 2006-2010** қабул мегардад.

Ташаккули тарзи ҳаёти солим дар байни ҷавонон ҳамеша дар таваҷҷуҳи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошт, ки дар яке аз мулоқотҳои расмӣ бо намояндагони ҷавон чунин изҳор мекунад: «*Ташаккул ва таҳкими тарзи ҳаёти солими ҷавонон яке аз масъалаҳои ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Чунки тандурустии ҷавонон тандурустии миллат аст*». Бо ҳамин мақсад ва ҷиҳати беҳбуди вазъи саломатии наврасон ва ҷавонон тавассути паст намудани таъсири рафторҳои хавфнок ва одатҳои номатлуб, аз қабили муносибатҳои тасодуфии шаҳвонӣ, нашъамандӣ, сироятҳои тавассути алоқаи ҷинсӣ интиқолшаванда ва ВНМО/БПНМ дар шароити Тоҷикистонбори нахуст **Барномаи давлатии рушди саломатии ҷавононбарои солҳои 2006-2010** бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2006, №107 қабул мегардад [1, с.161].

5. Қадамҳои нахустини устуворгардӣ ва рушдёбии соҳаи сиёсати давлатии ҷавонон [2011-2016]

Ин давраи фаъолиятро – панҷумин марҳалаи татбиқи сиёсати давлатии ҷавононро дар воқеъ **марҳалаи устуворгардӣ** метавон ном гирифт, гарчанде вобаста ба таъминоти илмӣ-назариявӣ, методологӣ ва иттилоотию кадрӣ корҳои хеле зиёди фундаменталӣ дар пеш аст.

Яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ ва муҳими инъикоскунандаи устувории сиёсати давлатии ҷавонон ин таваҷҷуҳи махсус, мумтоз ва падаронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба насли ҷавон ва ин соҳаи ояндабахш ба ҳисоб меравад.Чуноне ки зимни мулоқот бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ – 23 майи соли 2013 иброз менамоянд: «*Имрӯз* ***ҷавонони*** *мо ҳамчун* ***нерӯи бузурги бунёдгару созанда****и мамлакат* ***эътироф*** *шудаанд. Аз ин рӯ, мо ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҳаёти наврасону ҷавононро самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон кардаем*» [2, с. 42]. Дар ҳақиқат муайян шудани сиёсати давлатии ҷавонон яке аз шаш **самтҳои стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат**ин дастоварди бузургест дар раванди амалӣ намудани ин сиёсати муҳими иҷтимоӣ, ки тамоми дарҳоро ба рӯи соҳа боз менамояд ва танҳо аз субъектҳои он кӯшишу талошҳои пайдарпайӣ, ҳамбаста ва мунтазамиро тақозо медорад.

Устувории ҳар як фаъолият ва ё маҷмӯи амалҳо ба меъёрҳои хос ва имкониятҳои ҳуқуқии мутаносибан муқарраргардида асос меёбад ва дар ҷамъият эътироф мегардад. Сиёсати давлатии ҷавонон маҳз аз ҳамин намуди фаъолиятҳо ҳисоб меёбад, зеро ҳануз аз солҳои аввали истиқлолияти давлатӣ он ҳамчун системаи махсус ва мустақил бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сиёсати давлатии ҷавонон» (аз 13 марти соли 1992) ташаккул ёфтааст.

Қонуни мазкур, ки соли 2004 бо дарназардошти ислоҳоти идоракунӣ ва тақозои ҷомеаи муосир дар таҳрири нав бо номи **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон»** қабул мегардад то имрӯз ба он ду маротиба: **соли 2011 ва 2014 тағйиру иловаҳо** ворид карда мешавад.

Дигар дастоварди таърихӣ ва эътимодноки соҳа дар ин давраи фаъолият ин қабули санади асосгузори дуюми ҳуқуқӣ - **Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти волонтёрӣ»** (аз 19.09.2013, №1019) ба ҳисоб меравад. Қонуни мазкур пеш аз ҳама ҳамчун эътирофи иқтидорнокии соҳа ба ҳисоб меравад ва он дар самти татбиқи босамари сиёсати иҷтимоии ҷавонон, аз ҷумла тарбияи ҷавонон дар руҳияи ватандӯстӣ, хайрхоҳӣ, инсондӯстӣ, ҳамқадам будан ба ҷомеаи муосир ва аз ҳама муҳим фаъолнокии ҷамъиятӣ ва таъминоти кадрии соҳа метавонад заминагузор бошад.

Дар шароити дигаргунсозиҳои ҷаҳонӣ муқаррар кардани чаҳорчӯбаҳо ва меъёрикунонии муносибат нисбат ба қишрҳои муайяни ҷомеа, бахусус ҷавонон, ки ояндаро месозанд, тақозои замон мебошад. Чун Тоҷикистон ҷавон аст ва қувваи асосии меҳнатиро низ ҷавонон ташкил медиҳанд, барои он муайян намудани ҷабҳаҳои фаъолият ва дурнамо нисбат ба ҷавонон мувофиқи мақсад арзёбӣ мегардад.

Дар ҳамин асно лоиҳаи **Консепсияи миллии сиёсати ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** таҳия гардида, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006, №228 қабул мегардад. Консепсия мақсад, принсип ва афзалиятҳои асосии сиёсати давлатии ҷавононро муайян менамояд, ки мутобиқи он бояд механизмҳои меъёрии ҳуқуқии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон муайян гардида, асосҳои таъмини методологӣ, ташкилӣ ва иттилоотии он ташаккул дода шавад.

Дигар санади муҳим ин **Стратегияи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2020** мебошад, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 октябри соли 2011, №460 қабул гардидааст. Стратегия барои муайян намудани мақсад, афзалият ва тадбирҳое нигаронида шудааст, ки татбиқи онҳо ба ҳалли вазифаҳои мубрами рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон дар ҷаҳони муосир мусоидат менамояд.

Дар ин марҳалаи фаъолият раванди низоми идоракунӣ, сохтор ва муҳтавои барномаҳои давлатӣ тағйир ёфта, бо услуби муттаҳидсозии муносибатҳо ва василаҳо роҳандозӣ мегарданд. Ин тағйирёбӣ пеш аз ҳама ба таҳозои ислоҳоти идоракунии давлатӣ дар шароити демократикунонии муносибатҳо ва равнаҳ додани принсипҳои иҷтимоӣ ва гуманистии татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон асос меёбад. Дар ҳамин асно барномаҳои соҳавии ҷавонон, аз қабили «Барномаи миллии «Ҷавонони Тоҷикистон», «Барномаи тарбияи ватандӯстии ҷавонон» ва «Барномаи рушди саломатии ҷавонон» соли 2012 муттаҳид гардида, ба барномаи давлатии ягона ва маҷмӯӣ «**Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонони Тоҷикистон**» унвон мегирад.

Марҳалаи аввали Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2015 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2.11.2012, №620 ба тасвиб мерасад. Акнун мақсади Барнома тағйир ёфта, чунин муқаррар карда мешавад:«Фароҳам овардани шароити мусоид ва имконоти муассир ҷиҳати худташаккулёбӣ, худамалигардонӣ, тарбия ва маърифатнокии комили ҷавонон дар рӯҳияи худшиносии миллӣ ва ватандӯстӣ, беҳдошти вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, таъминоти ҳуқуқӣ ва ташаккули тарзи ҳаёти солими ҷавонон».

Барои татбиқи Барнома ҳамагӣ 8,06 млн. сомонӣ, аз ҷумла аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ 6,3 млн. сомонӣ пешбинӣ ва пурра аз худ карда мешавад. Дар натиҷа дар доираи Барнома амалисозии ҳазорҳо лоиҳаҳо ва чорабиниҳо амалӣ гардонида шуда, ҳудудан 2 млн. нафар ҷавонон бо иттилоот, дониш малака ва таҷрибаи алоҳаманд фаро гирифта мешаванд, ки 40% онро духтарон ташкил медиҳанд. Дар сатҳи шаҳру ноҳияҳо бошад, маблағгузории Барнома ё ин ки 72 барномаҳои маҳаллии рушди иҷтимоии ҷавонон ҳудудан 10 млн. сомониро ташкил медиҳад. Яъне, **маблағгузории Барнома дар давраи 2013-2015** бо назардошти услуби нави татбиқ ҳудуди **18 млн. сомони**ро ташкил дода, дар доираи он ҳазорҳо чорабиниҳо дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон баргузор мегарданд.

Боиси зикр аст, ки марҳалаи навбатии «Барномаи миллии рушди иҷтимоии ҷавонон» барои солҳои 2016-2018 низ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13.01.2016, №4 қабул мегардад ва барои татбиқи он, ки дар ҷараён аст, 8 млн. сомонӣ маблаг пешбинӣ карда мешавад.

Дар ин ҷо метавон ҷараёни татбиқи ин дастовард ва ё механизми бонизом ва муваффакро дар самти татбиқи босамари сиёсати давлатии ҷавонон дар даврони Истиқлолияти давлатӣ, ки бо дастгирӣ ва ҳидоятҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба вуҷуд пазируфтааст хулосабарорӣ намуд.

Устувории ин давраи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон ба он асос меёбад, ки дар ҳамин марҳала, аз ҷумла дар соли 2013 ба ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон мақоми афзалияти давлатӣ дода мешавад. Саравваи зимни Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ, сипас дар мулоҳоти навбатии Сарвари кишвар бо намояндагони ҷавонони ҷумҳурӣ сиёсати давлатии ҷавонон яке аз шаш соҳаҳои афзалиятноки рушди иҷтимоии давлат эълон мегардад, чуноне ки Президенти кишвар зимни мулоҳот изҳор медорад: «*Имрӯз ҷавонони мо ҳамчун нерӯи бузурги бунёдгару созандаи мамлакат эътироф шудаанд. Аз ин рӯ, мо* ***ҳалли мушкилоту масъалаҳои ҳаёти наврасону ҷавононро самти стратегӣ ва афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат эълон кардаем***».

Ҳамчунин, нуктаи дигари таҳкимбахши соҳа дар ин давраи таърихӣ ин стратегияи «Рӯ овардан ба ҷавонон» ҷавонон мебошад, ки онро Пешвои миллат зимни баромад

дар мулоқоти мазкур чунин иброз намуд: «*Ман дар суханронии худ ба ифтихори 20-солагии баргузории Иҷлосияи шонздаҳуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати «Рӯ овардан ба ҷавонон»-ро ба миён гузошта будам ва бовар дорам, ки воқеан ҳам* ***таваҷҷуҳ ба ҷавонон маънии рӯ овардан ба ояндаи кишвар ва миллат****ро дорад.*»

Дарвоқеъ, чунин ҳам ҳаст, дар муқоиса бо кишварҳои узви ИДМ ва минтақа сатҳи татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Тоҷикистон бонизом ва пешрафта арзёбӣ мегардад, ки он албатта бо сабаби таваҷҷуҳи бевоситаи Пешвои миллат ба ин соҳаи сиёсат мебошад.

Барои соҳаи кор бо ҷавонон, ки татбиққунандаи бевоситаи сиёсати давлатии ҷавонон мебошад, мавҷудияти мақоми олӣ орзую мароми дерина буд, зеро маҳз ҳамин нишондиҳанда дар арсаи ҷаҳонӣ афзалият ва баҳои баландтарини худро нисбат ба ҳар як кишвар касб намудааст. Мавҷудияти мақоми олӣ дар самти татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар шакли Шӯро, Комиссия, Кумита ва ғайра дар назди президенти мамлакат ва ё раиси ҳукумат, ки ба он асосан аъзои ҳукумати миллӣ / марказӣ шомил мебошанд, нишони таваҷҷуҳи ногусаста ва махсус доштани давлат ва ҷамъиятро ба насли ҷавон ва сиёсати давлатии ҷавонон инъикос менамояд, мувофиқан дар қисми муайяни кишварҳо чунин мақом амал мекунанд, дар баробарин ин сиёсати байналмилалии ҷавонон низ ташаккул ва роҳандозӣ намудани ин низомро тақозо ва талқин менамояд.

Дар ин давраи татбиқ ба мақоми ваколатдори давлатӣ муяассар гардид, ки албатта бо роҳнамоии бевоситаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин орзую омол бирасад. Дар ин роҳ нимаи дуюми соли 2014 таҷрибаҳои кишварҳои пешрафта, талаботи ниҳодҳо ва меъёрҳои байналмилалӣ ва шароиту имконоти мамлакат мавриди таҳлилу омӯзиши ҳаматарафа қарор дода шуда, лоиҳаи Низомномаи Шӯрои миллии кор бо ҷавонони назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шуда, тибқи тартиби муқарраргардида бо мақомоти давлатӣ мувофиқа карда мешавад.

Ҳамин тариқ, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 июли соли 2015, №526 дар назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон **Шӯрои миллии кор бо ҷавонон** ҳамчун мақоми доимоамалкунандаи машвараті таъсис дода мешавад. Мақсади Шӯро ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаю ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ҷиҳати татбиқи сиёсати давлатии ҷавонон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

АДАБИЁТ

1. Миралиев Қ. А. Ҷавононва 20 соли истиқлолият. – Душанбе: 2012. – 272 с. 3,8,11,14.
2. Миралиев Қ. А. Президент ваҷавонон: Дастури иттилоотию методӣ. – Душанбе: Тараққиёт, 2013. – 55 с. –С. 15.
3. Миралиев К. Развитие молодежной политики в Таджикистане на рубеже XXI века [Текст] / К. Миралиев. – Душанбе: Шучоиен, 2010. – 225 с. –С. 1, 12.
4. Миралиев К.: Реализация государственной молодежной политики и её роль в укреплении потенциала молодежных движений Таджикистана в условиях

современного общества [Текст] / К.Миралиев. – Душанбе: Рафиграф, 2006. – 186 с. –С. 9,10.
5. Набиев В. М. СозандагониТочикистонисохибистиклол [Текст] / В. М. Набиев. - Душанбе: Ирфон, 2013. – 340 с. –С. 2.
6. Ҳисоботи солонаи Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати ҶумҳуриитТоҷикистон барои соли 2009. – Душанбе: 2010. –С. 13
7. Раҳмон Э. Ҷавонон-созандагони фардои ҷомеа. - Душанбе: Деваштич, 2008. – 222 с. –С. 4-7.

УЧАСТИЕ МОЛОДЕЖИ В ПОЛИТИЧЕСКОЙ ЖИЗНИ-ФОРМИРОВАНИЕ ГОСУДАРСТВЕННОЙ МОЛОДЕЖНОЙ ПОЛИТИКИ ЗА 25 ЛЕТ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

К.А. МИРАЛИЁН,
кандидат политических наук,доцент кафедры социально-гуманитарных наук Института государственного управления при Президенте Республики Таджикистан
734051, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки 42,
тел.: (+99237) 2212492, 935761111, qmiraliyon@gmail.com

В статье рассматривается процесс формирования государственной молодежной политики в годы Государственной независимости и в условиях демократизации общества. Наряду с этим, приводятся достижения данной сферы, достигнутые при непосредственной поддержке и наставлений Лидера нации, Президента Республики Таджикистан, уважаемого Эмомали Рахмона.

Ключевые слова: *молодежь, молодое поколение, государственная молодежная политика, система управления, достижения, процветание, развитие, рост.*

YOUTH PARTICIPATION IN THE POLITIC LIFE – FORMATION STATE POLICY FOR YOUTH IN THE 25 YEARS OF THE STATE INDEPENDENCE

Q.A. MIRALIYON,
candidate of polictical science, Docent of social- humanitarian sciences chair of the Institute of sate management under the President of the Republic of Tajikistan
734051, Republic of Tajikistan, Dushanbe,. Rudaki aven. 42,
ph.: (+99237) 2212492, 935761111, E-mail: qmiraliyon@gmail.com

In the article is considerate the process of formation of State policy for youth in a State independence years and in condition of the democratization of society. Contemporary there are pointed the achievements of this sphere which were achieved under the direct supporting and instructions of the Leader of nation, President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon.

Keywords: *youth, young generation, state policy for youth, management system, achievements, development, increases.*

УДК:809.155.0:32(575.3)

САҲМИ АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ - ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР ЭҲЁ ВА РУШДИ ЗАБОНИ ДАВЛАТӢ

Б.Ҳ. САЙФИДДИНОВ,

номзади илмҳои филология, ноиби ректор оид ба таълими
Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Т.Сатторов
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, кӯчаи Ш. Ҳусейнзода, 155,
тел.: (+992)227-07-24, 918-65-22-35 E-mail: sbh-6161@mail.ru

Мақолаи мазкур ба масъалаи рушди забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми 25 соли Истиқлолияти давлатӣ бахшида шуда, саҳми Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ин самт мавриди таҳлил қарор дода шудааст.

***Калидвожаҳо**: Пешвои миллат, Президент, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Коститутсия, истиқлолият, муқаддасоти миллӣ, забони тоҷикӣ, меъёрҳои забон, имло, забони давлатӣ, зиёиён, забони адабӣ.*

Ҳар халқ офаранда, рушддиҳанда ва нигаҳбони забони хеш мебошад. Дар баробари ин, дар рушду устувории забон ва ташаккулу самтҳои пешрафти он нақши шахсиятҳои сиёсӣ, чеҳраҳои фарҳангӣ, пешвоёни ҳаракату роҳбарони алоҳидаи давлатҳо беназир буда метавонанд. Вале агар зимомдорону абарқудратони халқу миллат ба рушди забони модарии худ диққат надиҳанд, дар тақвияти он саҳмгузорӣ накунанд, аз байн рафтани пойдории он забон ногузир аст. Албатта, мисолҳои дигаре низ ҳастанд, ки халқу миллат забони модарии худро аз қаъри асрҳо инҷониб нигоҳ дошта омадааанду ватану давлати мустақил надоранд ва забонашон давлатӣ нест.

Шахсияту пешвоёне, ки дар рушду устуворӣ ва пойдории забони миллати худ саҳмгузорӣ менамоянд, ба таври абадӣ номбардори миллати хеш мемонанд.

Бесабаб нест, ки агар сарвари давлат нисбат ба забон хайрхоҳ бошаду ба он муносибати ғамхорона зоҳир намояд, дигар соҳибони забон ҳам ҳамин тавр муносибат менамоянд. Дар акси ҳол бепарвоиву бетафовутӣ ба беэҳтиромӣ ва нобудшавии забон оварда мерасонад.

Имрӯз ба бахти миллату забони тоҷикӣ шахсе сарвари давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон гаштаанд, ки эҳсоси бузурги хештаншиносӣ ва арҷгузорӣ ба забони модарӣ, гуфтори ҷаззоб ва маҳорати баланди нотиқӣ доранд. Новобаста аз масъулияти баланди давлатдорӣ, барқарорсозии сулҳу оштӣ ва амнияти миллӣ, таъмини якпорчагии Ватан, шинохти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъалаи рушду такомули забони давлатиро як ҷузъи таркибии сиёсати фарҳангӣ қарор дода, барои ҳифзу устувории забон тадбирҳои мушаххас меандешанд, ки ин ҳар як фарди ҷомеаро вазифадор месозад, то барои устувор гардонидани решаҳои забони миллӣ ва комилҳуқуқии он дар ҷомеа сафарбар шавад.

Дар баробари ба сари қудрат омадани муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва бо забони ба мардум наздик, фасеҳу бурро ва боадабонаи тоҷикӣ сухангӯӣ намуданашон дили

миллионҳо мардуми тоҷикро гарму фараҳманд намуданд. Мардум дар симои он кас роҳбари воқеии сарзамини куҳанбунёду таърихӣ ва пушту паноҳи худро диданд.

Масъалаи забони давлатиро ҳамчун як рукни муҳимтарини сиёсати фарҳангии худ қарор додани Президенти муҳтарами кишвар эҳтироми мардуми тоҷикро ба шахсияти он кас афзун кард.

Забон ва густариши он аз барномаи сиёсати фарҳангии Сарвари давлат мавқеи муҳим пайдо кард. Аз нигоҳи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забон на фақат падидаи фарҳангӣ мебошад, балки пеш аз ҳама, масъалаи муҳими сиёсати давлатӣ маҳсуб мегардад. Дар ин маврид ҳанӯз дар суханронии худ дар Рӯзи забон - 22 июни соли 1996 таъкид доштанд: «Забон рукни асосии миллат ва давлат аст. Миллату давлат соҳиб ва пуштибони забонанд. Забон омили асосии рушду камоли миллат ва давлат аст. Забон ва давлату миллат дар паноҳи якдигаранд» [8;492].

Дар ин замина давлату ҳукумат вазифадор гардиданд, ки нисбат ба забон ба ғамхор бошанд, барои рушду ҳифзи он тадбирҳои мушаххас андешанд. Яке аз ҳамин гуна чораҳое, ки дар ин самт андешида шуд, таҳия, баррасӣ ва қабули асноде гардид, ки ба устуворӣ ва таҳкими забони миллӣ асос гузошт. Ба баррасии тамоми аҳли ҷомеа пешниҳод намудани лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва бо дарназардошти таклифу пешниҳодҳои онҳо қабул гардидани он, таъсиси Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар саросари ҷумҳурӣ ботантана ҷашн гирифтани Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳое, ки дар ин маврид ба тасвиб мерасанду чорабиниҳои махсуси бошукӯҳ мегузаранд, аз ҷумлаи асноди қабулгардида мебошанд, ки дар рушду таҳкими забони миллӣ асоси боэътимод мебошанд. Эълон доштани соли 2008 ҳамчун бузургдошти Соли забони тоҷикӣ аз мисоли барҷастаи ҳусни таваҷҷуҳи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаи забони модарӣ мебошад.

Барномаи сиёсати фарҳангии Сарвари давлат дар Паёми ҳарсола ба Маҷлиси Олӣ, мулоқоти ҳамасола бо аҳли зиё, занон, ҷавонон ва дигар чорабиниҳои сиёсию фарҳангӣ мавриди баррасӣ қарор мегирад. Дар суханрониҳои худ аз пайвастагиҳои сарнавишти забони тоҷикӣ бо таърихи халқ ишора карда, насли ҷавонро ба омӯхтан ва донистани таърихи гузаштагони худ, таърихи забону фарҳанги миллӣ ҳидоят намуда, дар онҳо худогоҳии миллӣ ва ҳисси хештаншиносиро тарбия менамоянд.

Китоби нави Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Забони миллат- ҳастии миллат», ки дар Китобхонаи миллии Тоҷикистон бо ширкати донишмандону пажӯҳишгарони кишвар ва хориҷ рӯнамоӣ шуд, аз падидаҳои ҷадид ва дастоварди бузурги илмию фарҳангӣ ва муждаи наврӯзӣ барои миллати тоҷик ва кулли форсизабонони ҷаҳон маҳсуб гардид.

Зеро китоби нави Эмомалӣ Раҳмон доир ба сарнавишти таърихии забони тоҷикӣ, шебу фарозҳои он дар масири зуҳуру густариш ва зарфиятҳои фароху фарогири забони тоҷикӣ буда, дар он решаҳои ориёии забони тоҷикӣ бо далелҳои қавии илмӣ ва таърихӣ исбот шудаанд. Ҳамчунин, дар он даврабандии таърихии забони тоҷикӣ дар асоси маводи нави илмӣ матраҳ шудааст.

Дар маҷмӯъ, асари мазкури Пешвои миллат фарогири бузургтарин сарчашмаҳои таърихию тамаддуни тоҷикон аст. Хусусан, муаллифи асар таърихи пайдоиши забони тоҷикиро дар фасли алоҳидаи китоб таҳти унвони «Забони миллат– ҳастии миллат» гирд овардааст.

Таъриху фарҳанги ниёгон маҳз ба воситаи забон то ба мо ба мерос мондааст. Аз ин ҷост, ки нақши забон дар муқаррар ва барқарор намудани саҳифаҳои бузурги таърих беҳамто мебошад. Бешубҳа, суханони Президенти кишвар исботи ин гуфтаҳо гардидааст: «Ҳамчун номи тоҷик забони тоҷик ҳам таърихи ғанию рангин дорад ва дар набардҳо баҳри ҳифзи ҳастии худ бо забонҳои бегона ҳамеша пирӯз мондааст.

Умуман, аз бехубун нест кардани фарҳанги як миллат, бахусус забони вай хоси ҷаҳолати истилогарон аст. Аҷнабиёни истилогар маҳз ба ҳамин восита ба мақсадҳои дуни худ расида метавонистанд. Зеро забон барҷастатарин ва гӯётарин поя, шиноснома ва нишони бақои ҳар як халқу миллат аст» [11;101].

Новобаста аз он ки забони тоҷикӣ дар давраи ҳукмронии Сомониён ба авҷи аълои рушди худ расида, дар илму адаб ва давлатдорӣ комилан ба комёбӣ мушарраф гардида буд, вале баъдтар аз фишори турку муғулон осеб дида, доираи интишори он маҳдуд мегардад, илму адабиёт ва забони пурмояву ширадори тоҷикӣ дар шаҳрҳои бостонӣ шукӯҳу шаҳомати қадимаи худро аз даст медод. Вале мардуми забондӯсти тоҷик нагузошт, ки забони модарии онро маҳв созанд. Фидокориву қаҳрамонӣ ва ватандӯстиву хештаншиносии мардуми тоҷикро дар пойдорӣ ва ҳифзи фарҳанги маънавӣ, аз ҷумла забони модарӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин иброз медоранд: «…халқи тоҷик бо фазли муборизаҳо ва муқовимати хеш ном, забон, фарҳанг, русум ва дину оинашро устуворона нигаҳ дошт» [9;473].

Аз ин лиҳоз, Сарвари давлат ҷавонони тоҷикро ба он даъват менамоянд, ки аз таърихи гузаштаи забону адабиёт ва фарҳанги хеш огоҳ бошанду баҳри поку беолоиш будани забони модарии худ ҷаҳду ҷидол намоянд. Ҷавононро ба он даъват менамоянд, ки ифтихори миллии худро баланд бардошта, баҳри густариши таъриху фарҳанги қадимаи худ талош варзанд: «Ифтихор аз Ватан, ифтихор аз таъриху фарҳанг, ифтихор аз ҳувияти миллӣ ва гузаштагони сарбаланди хеш маҳз аз поку бегазанд нигоҳ доштани забони модарӣ сар мешавад» [9;372].

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешрафти забони тоҷикӣ замина ва имкониятҳои воқеӣ ба вуҷуд овард. Масъалаҳои забон дар сатҳи давлатӣ қарор дошта, аз ҳама гуна хавфу таҳдид ҳифз карда мешавад. Дар ин замина Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст, ки ҳамаи масоили марбут ба забонро баррасӣ ва дар сатҳи ҳукумат ва давлати тоҷикон ҳаллу фасл менамояд. Дар назди онҳо вазифаҳои мушаххас гузошта шудааст, ки барои устуворії пояҳои забон саъю кӯшиш намоянд.

Баъди Истиқлолияти давлатӣ ба даст овардани Ҷумҳурии Тоҷикистон иқдоми аввалине, ки бо пешниҳоди Сарвари давлат дар самти рушди забони тоҷикӣ гузошта шуд, ин дар Конституцияи кишвар ба забони тоҷикӣ додани мақоми давлатӣ мебошад. Мақоми забони тоҷикӣ дар Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки 6 ноябри соли 1994 дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуда, 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 ба тариқи раъйпурсии умумихалқӣ ба он тағйиру иловаҳо ворид карда шудаанд, дар чунин сатҳ қарор дода шуд: «Моддаи 2. Забони давлатии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст.» [1;1].

Дар баробари дар Конституцияи Ҷумҳурии Тоҷикистон мақоми худро соҳиб шудани забони тоҷикӣ татбиқи Қонуни забон дар даврони Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Точикистон аз нав ба маҷрои худ бо диду нигоҳи тоза ворид гардид.

Бо ҳидоят ва дастгирии Президенти кишвар ҷиҳати рушду камоли забони тоҷикӣ ва эҳёи ҷараёни татбиқи Қонуни забони ҷумҳурӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 1995, таҳти № 662 Комиссияи татбиқи Қонуни забон дар

назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар назди ин Комиссия вазифаи пурмасъулият гузошта шуд, ки равиши иҷрои Қонуни забонро эҳё намояд, истифодаи забони давлатиро дар ҷумҳурӣ ба танзим дарорад, дар пешбурди сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти забон ёрӣ расонад, аз вазъи иҷрои Қонуни забон ба ҳукумат ҳисобот диҳад ва аз тамоми мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳои давлатию ғайридавлатӣ талаб намояд, ки иҷрои талаботи қонуни мазкурро таъмин намоянд. Фаъолияти комиссияи ҳукуматӣ такони ҷиддие гашт барои оғози фаъолияти вазорату идораҳо, мақомоти давлатию корхона ва муассисаҳо дар татбиқи қонуни мазкур. Он мансабдоронро водор сохт, ки дар назди ҳукуматҳои вилоятӣ, шаҳру ноҳиявӣ, вазорату идораҳо, ҳатто мақомоти маҳалливу корхонаҳои калон комиссия ё гурӯҳҳои кории татбиқи Қонуни забон таъсис диҳанд. Амалишавии Қонуни забон маҷрои тоза пайдо карда, иҷроиши он на танҳо рӯ ба беҳбудӣ ниҳод, балки дар баъзе ҳолатҳо ҳуҷҷатнигориву коргузорӣ пурра ба забони давлатӣ сурат гирифтанд.

Зеро, ҳукумату давлати тоҷикон зери сарварии роҳбари оқилу забондони худ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хуб дарк менамуданд, ки ҳар давлат хоҳ вай бузург бошад, хоҳ хурд бо забон зинда аст ва забон яке аз рукнҳои муҳими давлатдорӣ ва муқаддасоти миллӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин маврид муайян намудани муносибати давлат нисбат ба забон аз масъалаҳои муҳими сиёсати давлатдорӣ маҳсуб мегардад. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баромадашон ҳанӯз рӯзи 22 июли соли 1996 – Рӯзи забон чунин иброз дошта буданд: «Забон рукни асосии миллат ва давлат аст. Миллату давлат соҳиб ва пуштибони забонанд. Забон омили асосии рушду камоли миллат ва давлат аст. Ин аст, ки забон ва давлату миллат дар паноҳи якдигаранд» [8;492].

Барои он ки Қонуни забон аз рӯи нақшаи муайян амалӣ шавад, ҷиҳати тавсиа ва густариши забони тоҷикӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 октябри соли 1997 № 459 барномаи нави ҳукуматӣ қабул гардид. Мақсади он пайгирона дар амал татбиқ намудани талаботҳои Қонуни забони ҷумҳурӣ, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди забони давлатӣ дар тамоми ҳаёти иҷтимоиву сиёсӣ ва иқтисодиву фарҳангӣ ва таҳкими муносибатҳои дигар забонҳо ба шумор мерафт.

Иқдоми навбатии ҳукумат ва давлат бо Сарварии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти густариши забони тоҷикӣ дар даврахои аввали соҳибистиқлолӣ аз он иборат буд, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 сентябри соли 1998 таҳти №355 «Имлои забони тоҷикӣ» дар таҳриру такмили нав тасдиқ гардид. Ин бесабаб набуд, зеро мушкилоти имло яке аз масъалаҳои муҳим барои забони тоҷикӣ мебошад ва аз қабули қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, ки ҳанӯз соли 1972 ба амал бароварда шуда буд, солҳои зиёд паси сар гаштанд. Имло ба шароити нав ва талаботи рӯз, ки дар сиёсат ва раванди забон тағйиру дигаргуниҳои зиёд ба миён омаданд, ҷавобгӯ набуд. Забони воситаҳои ахбори умум, аз ҷумла рӯзномаву маҷаллаҳо озод гардида, дар истифодаи имло харҷу марҷ зиёд роҳ ёфта буданд.

Ба ҳамагон маълум аст, барои рушди забони давлатӣ воситаҳои ахбори омма, матбуоту нашриёт, радиову телевизион мавқеи муҳим мебозанд. Зеро хурду калони ҷумҳурӣ рӯзномаву маҷалла мехонанду радиову телевизион гӯш ва тамошо мекунанд. Суханрониву сухандонӣ, гӯишу тарзи ифодаи маънӣ, интишори маводу сатҳи забондонӣ барои онҳо сабақи забонӣ мегардад. Вале ин омили муҳими забондонии мардум дар баъзе ҳолатҳо сарфи назар гардида, дар табъу нашри китобҳои дарсию бадеӣ, рӯзномаву маҷаллаҳо ба ғалатҳои ҷиддӣ роҳ дода мешавад. Бесабаб нест, ки дар

ин маврид Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки забони воситаҳои ахбори омма, барномаҳои телевизиону радио ва рӯзномаву маҷаллаҳо ба ҳеҷ вачҳ аз мадди назар дур намондааст, дар вохӯрӣ бо аҳли зиёи ҷумҳурӣ рӯзи 20 марти соли 2001 чунин иброз дошта буданд: «Рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, китобҳои дарсӣ, илмӣ, бадеӣ бо хатоҳои пур аз имлоиву маъноӣ нашр мешаванд, миқдори ғалатҳои фаҳшу ом рӯз аз рӯз меафзояд. Забони барномаҳои ахбори телевизион ва радио аз лаҳни наттоқон, талаффузи калимаҳо сар карда то мантиқу таносуби сухани барандагони барномаҳо хароб аст» [7;13].

Дар баробари ин аҳли зиёро, ки маҳз онҳо соҳиби забони адабӣ ҳастанду тарғибгари меъёрҳои забони тоҷикӣ мебошанд, рӯ оварда, барои баланд бардоштани сатҳи забондонӣ, сайқал додани фарҳанги сухандонӣ, ширину болатофат сухан гуфтан ҳидоят намуданд: «… сатҳи забондонӣ ва сухангӯии баъзе зиёиёни мо ҳанӯз паст аст. Ҳангоми аз минбар ё тариқи радиову телевизион шунидани суханронӣ ё сӯҳбати онҳо ин баръало ба мушоҳида мерасад. Барои озодона бо забони адабии тоҷикӣ сухан гуфтану суҳбат карда тавонистан бояд ҳар як зиёии тоҷик на танҳо кӯшиш намояд, балки ба дигарон намунаи ибрат бошад» [5].

Дар паноҳи давлат қарор ёфтани забони тоҷикӣ аз муҳимтарин дастовардҳои истиқлолият дар самти сиёсати фарҳангии роҳбарият ба шумор меравад. Ҷиҳати боз ҳам фарохтару устувортар гардидани мақоми забони тоҷикӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 июли соли 2007, таҳти № 91 соли 2008 Соли бузургдошти забони тоҷикӣ эълон гардид. Дар ин маврид бо мақсади дар сатҳи зарурӣ арҷгузорӣ намудани забони тоҷикӣ қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 сентябри соли 2007 «Дар бораи омодагӣ ва баргузории Соли забони тоҷикӣ» қабул гардид, ки боз як шаҳодати воқеии ба таври ҳамешагӣ таҳти назари роҳбарият ва ҳукумати ҷумҳурӣ будани забони тоҷикӣ мебошад ва ин имкониятҳои рушду устувории онро васеъ мегардонад.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ дар ҷашнгирии 15-солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли бузургдошти ориёӣ зикр карданд: «Мо барои равнақи забони модарии худ боз ҳам бештар ғамхорӣ хоҳем кард, онро ҳамчун гавҳараки қиматбаҳои миллӣ ҳифз хоҳем кард» [10].

Дар ин замина таваҷҷуҳи хосае, ки дар рушду нумӯи забони тоҷикӣ такони ҷиддӣ ба амал овард, ин ба баррасии умум пешниҳод гардидани лоиҳаи нави Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мебошад. Зеро қонуни қаблӣ дар даврони ҳукмронии Ҳизби коммунист ва ҳокимияти шӯравӣ қабул гардида буд ва як қатор масъалаҳои забони тоҷикиро сарфи назар мекард. Дар баробари дигар гаштани низоми сиёсии давлатӣ ва дастовардҳои зиёди иҷтимоиву иқтисодии кишвар дар мавриди фарҳангу забон ҳам дигаргуниву пешрафтҳои ҷиддиро ба назар овард. Талаботи замон ва муносибатҳои нави иҷтимоиву иқтисодӣ тақозо намуд, ки Қонуни забон иваз карда шавад. Баъди баррасии бардавом ва бо дарназардошти таклифу пешниҳоди аҳли ҷомеа бо имзои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 5 октябри соли 2009, таҳти № 553 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул гардид. Қонуни мазкур вазъи ҳуқуқии забони тоҷикиро ҳамчун забони давлатӣ муайян ва истифодаи онро дар фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ҳуқуқӣ, новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, фермерӣ ва соҳибкорони инфиродӣ танзим менамояд.

Талаботи моддаи 3-и Қонун «1. Забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон забони тоҷикӣ аст. 2. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон вазифадор аст, ки забони давлатиро донад.» [2] аз ҳар фарди муқими Тоҷикистон тақозо менамояд, ки эҳтиромӣ забони тоҷикиро пос дошта, дар сатҳи зарурӣ онро донад ва муқаррароти қоидаҳои имлои забони адабиро ҳатмӣ риоя намояд.

Дастуру супоришҳо барои ҳарчи тезтар амалӣ гардидани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» заминаи боэътимод мебошад.

Маҳз бо мақсади амалӣ сохтани талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 октябри соли 2009 таҳти № 604 Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд, ки сиёсати давлатиро дар самти рушду инкишофи забон таъмин намуда, ҳамаи масъалаҳои марбут ба забондоштаро ҳаллу фасл менамояд.

Сарвари давлат муҳим будани ин масъаларо дар суханронии худ ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 октябри соли 2010 чунин иброз намуданд: «Ба хотири татбиқи сиёсати ҳадафмандонаи Ҳукумат дар бораи забони давлатӣ ва амалӣ сохтани Қонуни мазкур сохтори нав – Кумитаи забон ва истилоҳоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Кумита ягона ниҳоди ҷумҳуриявӣ дар амалӣ сохтани сиёсати ҳукумати кишвар дар масъалаҳои марбут ба забони давлатӣ маҳсуб мешавад. Он барои танзим ва ҳамгунсозии истилоҳот, назорати иҷрои муқаррароти Қонун ва риояи меъёрҳои забони адабӣ масъулияти муҳимро ба ухда дорад» [4;4].

Пешвои миллати тоҷикон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми дигари худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба давраи ҷашнгирии 20-умин солгарди Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон рост омада буд, дар баробари баррасии ҳамаи самтҳои фаъолияти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти рушди забони давлатӣ ва омӯзиши забонҳои дигар дастуру ҳидоятҳои зарурӣ доданд. Дар пайгирӣ намудани соҳаи маориф ҳамчун яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати роҳбарияти давлат, таъмини ҳифзи иҷтимоии мардум, рушди соҳаи тандурустӣ, тавсеа ёфтани шабакаи иттилоотӣ, таблиғи тарзи ҳаёти солим, таҳсили ҷавонон ва ба воя расонидани мутахассисони ба талаботи замон ҷавобгӯ дар бораи зарурияти дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба омӯзиши забони давлатӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа доданро махсус зикр карданд. Албатта, «дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот ба омӯзиши забони давлатӣ таваҷҷуҳи аввалиндараҷа додан»-ро [3] ба миён овардани Сарвари давлат бесабаб нест. Зеро, сатҳи забондонии толибилмони мо дар ҳамаи зинаҳои таълим мувофиқи матлаб нест, мардум эҳтиромона ва озодона бо забони адабӣ гуфтузор карда наметавонанд, сатҳи сухангӯиву забондонии ҳатто баъзе зиёиён паст аст, забони рӯзномаву маҷаллаҳо, телевизиону радио бошад, аз ғалатҳои имлоиву маъноӣ пур аст.

Бо дарназардошти он ки забони тоҷикӣ ҳамчун забони сиёсату қонунгузорӣ ва муоширату коргузорӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти иқтисодиёти миллӣ истифода мешавад, омӯзишу донистани он барои ҳар як сокини ҷумҳурӣ зарур аст.

Президенти муҳтарами кишвар ҳамчунин дар баробари омӯзиши забони тоҷикӣ дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот донистани ҳатмии ду забон, бахусус забонҳои русӣ ва англисиро [3] махсус қайд карданд. Ҳамчунин, дар Паём зикр гардид, ки «бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон” муносибат ба забони давлатӣ ба куллӣ тағйир ёфт ва имрӯз татбиқи қонун муваффақона идома дорад» [3].

Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронии худ ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари муайян намудани самтҳои густариши забони тоҷикӣ хотирнишон сохтанд, ки «имрӯз барои рушди минбаъдаи забони давлатӣ дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва як силсила тадбирҳои дигари Ҳукумат шароит ва фазои мусоиди сиёсиву иҷтимоӣ фароҳам омадааст, бояд дурнамои рушди забони модарии мо бо таҳияи Барномаи мукаммали густариши забони тоҷикӣ муайян ва тарҳрезӣ гардад» [12].

Баъзе лаҳзаҳои таваҷҷуҳ ва назари Сарвари тоҷикони давлати соҳибистиқлол муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро нисбат ба рушду такомул ва машокили забони тоҷикӣ бо навиштаҳои академик Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ ба анҷом расонида, хостгори он мешавем, ки аҳли зиё ва кулли мардуми Тоҷикистон мисли Сарвари худ сухандону суханвар бошанду бо забони гуворо, лаҳни дилписанду беолоиши тоҷикӣ суханронӣ намоянд: «Имрӯз сарварони Тоҷикистон ба забони модарӣ ба халқ муроҷиат мекунанд. Дар ин нақши Президенти ҷумҳурӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чашмрас аст. Ба тоҷикӣ суханронӣ оғоз кардани ӯ намунаи ибрат барои дигарон аст» [13;32].

Хулоса, дар даврони Истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ зери роҳбарии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон забони тоҷикӣ рушд ёфт, зеро барои ин шароиту имкониятҳои мусоид ва муҳити мувофиқи сиёсиву иҷтимоӣ фароҳам оварда шуд ва дурнамои густариши забони тоҷикӣ муайян ва тарҳрезӣ гардид.

АДАБИЁТ

1. Конституцияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, «Шарқи озод», 2009.

2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №№9-10, мод. 546.

3. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, 20 апрели соли 2011, Душанбе, «Шарқи озод», 2011.

4. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 5 октябри соли 2010, Душанбе, «Шарқи озод», 2010

5. Эмомалӣ Раҳмон. Забон нигаҳбони ҳувияти миллист. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аҳли зиёи мамлакат. 19 марти соли 2008, Душанбе, Минбари халқ, 21 марти соли 2008.

6. Эмомалӣ Раҳмон. Забони миллат – ҳастии миллат. – Душанбе, “Эр-граф”. 2016. – 516 саҳ.

7. Эмомалӣ Раҳмон. Зиёиён равшангарони роҳи фардои миллатанд. Душанбе, 2004, -С.13.

8. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. ҷ.1, Душанбе, «Ирфон», 2001.

9. Эмомалӣ Раҳмон. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат, ҷ.2, Душанбе, «Ирфон», 2002.

10. Эмомалӣ Раҳмон. Суханронӣ дар маҷлиси тантанавӣ бахшида ба 15-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Соли бузургдошти ориёӣ, 8 сентябри соли 2006, «Ҷумҳурият», 14 сентябри соли 2006.

11. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикон дар оинаи таърих. Китоби якум. Душанбе, 1996.

12. Ҳифзи забон ҳифзи Ватан мебошад. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати Рӯзи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, «Омӯзгор», №43 (11748), 8 октябри соли 2010.

13. Муҳаммадҷон Шакурӣ. Қонуни забон ва давлати миллӣ». Маҷмӯаи «Даҳ соли Қонуни забон», Душанбе, «Ирфон», 1999, -С. 32.

ВКЛАД ОСНОВАТЕЛЯ МИРА И НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА – ЛИДЕРА НАЦИИ В ВОЗРОЖДЕНИИ И РАЗВИТИИ ГОСУДАРСТВЕННОГО ЯЗЫКА

Б.Ҳ. САЙФИДДИНОВ,

кандидат филологических наук, проректор Таджикской национальной консерватории имени Т.Сатторова по учебной работе

734025, Республика Таджикистан, ул. Ш. Хусейнзода, 155,

тел.: (+992)227-07-24, 918-65-22-35 E-Mail: sbh-6161@mail.ru

Статья посвящена развитию таджикского языка как государственный язык в годы государственной независимости Республики Таджикистан. В ней на основе указов Президента Республики Таджикистан и другие нормативно-правовые актов, принятием Правительством Республики Таджикистан, автор показывает вклад Президента и важность данного вопроса в годы независимости Республики.

Ключевые слова: *Президент, Правительство Республики Таджикистан, Конституция, Закон Республики Таджикистан «О государственном языке Республики Таджикистан», Комитет по языку и терминологии, Независимость, национальное достоинство, таджикский язык, нормы языка, орфография, статус государственного языка, интеллигенция, литературный язык.*

CONTRIBUTION OF THE FOUNDER PEACE AND NATIONAL UNITY - THE NATION'S LEADERIN THE REVIVAL AND DEVELOPMENT OF THE STATE LANGUAGE

B.H. SAIFIDDINOV,

candidate of philological sciences, pro-rector on teaching, Tajik National Conservatory named after T. Sattorov,
734025, Dushanbe, Tajikistan, Huseinzoda str. 155,
ph: 918652235; E-mail: sbh-6161@mail.ru

Article is about development of Tajik language as state language in the years of public independence of the Republic of Tajikistan. On the base of the degree of the President of the Republic of Tajikistan and other legislative acts of the Parliament and Government of the Republic of Tajikistan, author showed importance of this issue in the independence of the Republic of Tajikistan.

Keywords: *President, Government of the Republic of Tajikistan, Constitution, Law of the Republic of Tajikistan "About the state language of the Republic of Tajikistan", Committee on language and terminology, Independence, Tajik language, norms of the language, orthography, status of the state language, inelegancy, literacy language.*

УДК : 338.22

ТАВСИФИ МУХТАСАРИ ҶАНБАҲОИ КАЛИДИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР 25 СОЛИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

И.Ҷ. КАМОЛИДДИНЗОДА,
муовини Вазири рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар 37,
тел.: (+922 37) 221-38-54

З.Ш. БУРҲОНЗОДА,
сардори Сарраёсати таҳлили макроиқтисодӣ, дурнамо ва ислоҳоти
иқтисодии Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Бохтар 37,
тел.: (+922 37) 221-48- 16

Дар мақола таваҷҷуҳ ба муаррифии дастоварҳои рушди кишвар дар сатҳи макроиқтисод дар тӯли 25 соли рушд дода шудааст. Дар ин раванд хусусиятҳои рушди иқтисод дар марҳилаҳои гуногуни инкишоф тавсиф дода шудаанд.

Калидвожаҳо: *рушди иқтисод, маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, стратегияи миллии рушд.*

Дар ҳақиқат, бузургтарин дастоварди миллати мо дар тӯли чандин садсолаҳо мушарраф гардидан ба Истиқлолияти давлатӣ ва ташкили давлати миллӣ бо тамоми рукнҳояш мебошад, зеро маҳз Истиқлолияти давлатӣ барои мардуми озодандешу озодихоҳи тоҷик имконияти таърихие фароҳам овард, ки ватани аҷдодии хешро соҳибӣ карда, суннату арзишҳои миллиро эҳёву рушд намояд.

Мутаассифона, солҳои аввали истиқлолият барои мардуми дар асл заҳматкашу оромтабиат ва таҳаммулгари мо басо гарону миёншикан омад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид қайд намудаанд, ки баробари ба даст овардани истиқлолият мардуми мо ба гирдоби мухолифату низоъҳои дохилӣ ва оқибат ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ гирифтор гардид ва кор ба ҷое расид, ки масъалаи ҳастии миллату давлати тоҷикон зери хатар монд.

Танҳо дар нимаи дуюми солҳои навадуми асри бист бо саъю кӯшиш ва иқдомҳои беназири мардуми Тоҷикистон ва бо истифода аз ақлу заковат ва дурандешии Сарвари

давлат мо тавонистем, ки оташи ҷанги шаҳрвандиро хомӯш намуда, ҷиҳати барқарорсозии харобаҳои ҷанг камари ҳимат бибандем.

Давраи гузариш барои давлати навини мо хеле вазнину сахт ва мушкил буд. Агар соли 1991 истеҳсоли маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нисбат ба соли 1990 - 6% кам шуда бошад, пас соли 1992 якбора қариб 40% поён рафта буд. Тамоми соҳаҳои иқтисодиёт тамоюли поёнравӣ дошт.

Ҳамин тавр, танҳо баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар мамлакат, яъне аз соли 1997 пастравии нишондиҳандаҳои иқтисодиёти кишвар боздошта шуд.

Қобили тазаккур аст, ки соли 1996 бори аввал дар таърихи кишвари соҳибистиқлоламон Барномаи якуми ислоҳоти иқтисодӣ дар мамлакат қабул ва чорабиниҳои мушаххаси гузариши иқтисодиёти миллӣ ба муносибатҳои бозоргонӣ шурӯъ гардид.

Аз ин баъд, бинобар то андозае ба эътидол омадани вазъи сиёсии кишвар ва оғоз намудани ислоҳоти иқтисодӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт соли 1997 нахустин бор дар давраи соҳибистиқлолӣ афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нисбат ба соли 1996 дар ҳаҷми 1,7 фоиз ба қайд гирифта шуд. Минбаъд, раванди ислоҳоти иқтисодӣ ва дар ин замина рушду нумӯи соҳаҳои мухталифи хоҷагии халқ идома ёфта, аз соли 2000-ум иқтисоди миллӣ батадриҷ рушд менамояд.

Бояд қайд кард, ки маҳз бо шарофати сиёсати некбинона ва оқилонаи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишварамон дар 25 соли Истиқлолият ба дастовардҳои назаррас дар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ноил гардид. Ин аст, ки бо мақсади фароҳам овардани заминаи воқеӣ ҷиҳати рушди устувори иқтисодию иҷтимоӣ дар кишвар бо ташаббус ва дастгирии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015», стратегияҳои миёнамуҳлати паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некӯаҳволии мардуми Тоҷикистон қабул ва татбиқ гардиданд, ки дар маҷмуъ барои амалӣ шудани ин ҳуҷҷатҳои стратегӣ аз соли 1997 то ин давра 150 барномаи соҳавӣ ва 47 барномаи минтақавӣ таҳия гардидааст.

Дар натиҷаи амалӣ гардонидани тадбирҳо ҷиҳати тезонидани рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ дар давраи истиқлолияти давлатӣ рушди назарраси нишондиҳандаҳои асосии иқтисодию молиявӣ мушоҳида карда мешавад. Ҳамин тариқ, татбиқ намудани ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ боиси аз 81 фоизи соли 1999 то 31,6 фоиз дар соли 2015 паст гардидани сатҳи камбизоатӣ ва беҳтар шудани нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ гардид.

Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ аз соли 1997 то ба имрӯз 3,8 маротиба афзуда, рушди миёнаи он дар як сол 7,1 фоизро ташкил дод. Рушди иқтисодиёт дар ин давра ба сабаби афзоиши мунтазами фаъолияти соҳаҳои иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъмин гардид.

Истеҳсоли маҳсулоти саноат аз соли 1997 то ба имрӯз 3,5 маротиба, маҷмӯи маҳсулоти кишоварзӣ 3,7 маротиба, ҳаҷми боркашонӣ тавассути тамоми навъҳои нақлиёт 2,1 маротиба, мусофиркашонӣ 5,2 маротиба, ҳаҷми гардиши савдои чакана 5,3 маротиба ва хизматрасонии пулакӣ ба аҳолӣ 9,7 маротиба афзуд.

Бояд қайд кард, дар ин давра вобаста ба дигаргун гардидани вазъи сиёсию иқтисодии ҷаҳон бухронҳои молиявию иқтисодӣ ба вуҷуд омада, барои рушди иқтисодиёти кишвар таъсири манфӣ расониданд.

Дар ин ҷода барои ҳифзи иқтисоди миллӣ аз хавфу таъсири манфии бухронҳои ҷаҳонию минтақавӣ бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам чораҳо андешида шуда, барои пешгирии таъсири хавфҳои эҳтимолӣ ба иқтисодиёти миллӣ Нақшаи чорабиниҳои махсус қабул ва амалӣ гардонида шуд, ки ин ба нигоҳ доштани рушди мусбати иқтисодиёти миллӣ мусоидат намуд.

Ҳамин тариқ, Истиқлолияти давлатӣ ва соҳибихтиёрии миллӣ имкон дод, ки пояҳои давлату давлатдории навин ва ҷавобгӯи манфиатҳои миллат ва ниёзҳои мардум мустаҳкам гардад, барои рушди устувори иқтисоди миллӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда, дар ин замина сатҳи некӯаҳволии мардум тадриҷан баланд бардошта шавад.

Дар даврони Истиқлолият бо фаъолияти пурсамари Ҳукумати кишвар як қатор мушкилоту монеаҳои мавҷуда бартараф гардида, корҳои азими бунёдкориву созандагӣ ҷиҳати расидан ба се ҳадафи стратегӣ – таъмини истиқлолияти энергетикӣ, аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат ва ҳифзи амнияти озуқаворӣ анҷом дода шуд.

Ҳоло Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи навсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ қарор дорад. Дастовардҳои иқтисодии кишвар дар заминаи татбиқи муваффақонаи «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015» роҳбарияти мамлакатро барои таҳияи Стратегияи нави дарозмуддат ва ҳадафҳои волотар ҳидоят намуд. Ҳамин тавр, вазъи воқеии иқтисоди миллӣ, имконияту шароитҳои мавҷударо дар назар дошта, дар заминаи Ҳадафҳои Рушди Устувор, ки соли 2015 дар ҷаласаи 70-уми Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид дар шаҳри Ню-Йорк қабул гардида буд, «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» (СМР-2030) таҳия карда шуд.

КРАТКИЙ ОБЗОР КЛЮЧЕВЫХ АСПЕКТОВ РАЗВИТИЯ ЭКОНОМИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ПЕРИОД ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

И.Д. КАМОЛИДДИНЗОДА,

заместитель Министра экономического развития
и торговли Республики Таджикистан,
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Бохтар 37,
тел.: (+922 37) 221-38-54

З.Ш. БУРХОНЗОДА,
начальник главного управления макроэконэкономического
развития и торговли Республики Таджикистан,
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Бохтар 37,
тел.: (+922 37) 221-48- 16

В статье внимание обращено на обоснование достижений в части макроэкономического развития за 25 лет государственной независимости. В этом аспекте охарактеризованы отдельные этапы развития экономики страны.

Ключевые слова: *экономический рост, ВВП, стратегия национального развития.*

OVERVIEW OF KEY ASPECTS OF ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN DURING THE STATE INDEPENDENCE

I.D. KAMOLIDDINZODA,
deputy Minister of Economic Development and Trade
of the Republic of Tajikistan,
34025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Bohtar 37,
ph.: (922 37) 221-38-54

Z.SH. BURHONZODA,
head of the Main Macroeconomic management Economic Development and Trade
of the Republic of Tajikistan,
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Bohtar 37,
ph: (+922 37) 221-48- 16

In his article, attention iss drawn to the study of achievements in terms of macroeconomic development for 25 years of independence. In this aspect, characterized the separate stages of development of the national economy.

Keywords*: economic growth, GDP, national development strategy.*

УДК 338.43

СОҲАИ КИШОВАРЗӢ - МУҲИМТАРИН СОҲАИ ТАЪМИНКУНАНДАИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Н.Б. НОЗАНИНЗОДА,
муовини Вазири кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудакӣ 44,
тел.: (+922 37) 221-15-96

Дар мақола таваҷҷуҳ ба муаррифии дастовардҳои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи кишоварзӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар тӯли 25 соли истиқлолияти давлатӣ дода шудаст. Дар ин раванд ташаккули базаи меъёрию ҳуқуқӣ ва афзоиши неруи истеҳсолии маҳсулоти кишоварзӣ тавсиф дода шуданд.

Калидвожаҳо: *кишоварзӣ, агросаноат, амнияти озуқаворӣ, растанипарварӣ, чорводорӣ.*

Соҳаи кишоварзӣ яке аз бахшҳои пешбарандаи иқтисодиёти мамлакат ба шумор рафта, дар таъмини яке аз ҳадафҳои асосии пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амнияти озуқаворӣ» мавқеи асосӣ дорад.

Бояд қайд намуд, ки Тоҷикистони соҳибистиқлоли мо кишвари аграриву саноатӣ мебошад. Баъди соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои аввали соҳибистиқлоли дар баробари тинҷу ором намудани вазъи сиёсии кишвар зарурияти таъмини аҳолӣ бо маводи озуқа ба миён омад. Вазъияти ба амал омада Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро бетараф гузошта наметавонист ва ҷиҳати таъмини аҳолӣ бо маводи озуқа ва афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, коҳиш додани вобастагии бозори истемолӣ аз молҳои воридотӣ ва ба шуғл фаро гирифтани аҳолии ҷумҳурӣ ба корҳои доимӣ зарурияти тақсим намудани заминҳо ба аҳолии ҷумҳурӣ ба миён омад.

Дар робита ба вазъияти баамаломада дар навбати аввал дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ислоҳоти замин” соли 1992 марҳилаи аввали ба деҳқонон ҷудо намудани заминҳои минтақаҳои кӯҳистон ва наздикуҳӣ оғоз гардид.

Инчунин, бо фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 октябри соли 1995, №342 ва аз 1 декабри соли 1997, №874, 75 ҳазор гектар замин барои истифода ба аҳолии деҳот тақсим карда шуд, ки ин амал барои таъмин намудани аҳолӣ бо маводи ғизоӣ мусоидат намуд.

Мавриди зикр аст, ки дар раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар баробари дигар соҳаҳо соҳаи кишоварзӣ низ таҷдид гардида, дар заминаи он шаклҳои нави хоҷагидорӣ, махсусан хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба вуҷуд омаданд, ки имруз шумораи онҳо зиёда аз 162 ҳазорро ташкил дода, ба рушди соҳа мусоидат намуда истодаанд.

Зери ташаббус ва дастгирии бевоситаи Пешвои миллат, як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим қабул гардиданд, ки ба рушди соҳаи кишоварзии мамлакат мусоидат намуд, ки ном бурдани якояки онро инҷо муҳим мешуморам: Ҳадафҳои рушди ҳазорсола, Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи амнияти озуқаворӣ", Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2015, Консепсияи аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи ислоҳоти кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020, Консепсияи рушди иноватсионии комплекси агросаноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи нави рушди соҳаи боғу токпарварӣ барои солҳои 2016-2020.

Танҳо дар давоми солҳои 2002-2015 амалигардонии 15 Барномаҳои соҳавӣ, аз ҷумла, Барномаҳои рушди соҳаи пахтакорӣ, тухмипарварӣ, рушди соҳаи боғу токпарварӣ, картошкапарварӣ, мубориза бар зидди ҳашароти зараррасон ва касалиҳои боғу токзор, мубориза бар зидди малах, рушди соҳаи парандапарварӣ, занбӯриасалпарварӣ, зотпарварӣ ва хушзоткуниичорво, қутоспарварӣ, аспарварӣ, беҳгардонии ҳолати чарогоҳҳои ҷумҳурӣ, моҳипарварӣ, биотехнологияи чорво, инчунин Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи парандапарварӣ", "Дар бораи бойторӣ", "Дар бораи ҳифзи навъҳои растанӣ, "Дар бораи занбӯриасалпарварӣ" қабул гардида, татбиқи онҳо ба пешрафти соҳаи кишоварзӣ такони ҷиддӣ дод.

Дар натиҷаи дастгириҳои пайвастаи соҳаи кишоварзӣ соли 2015, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба 21578 млн. сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба соли 1991, 68,8 фоиз афзуда, ба соҳаи растанипарварӣ 14624 млн. сомонӣ ва чорводорӣ 6954 млн. сомонӣ рост меояд, ки мутаносибан ин нишондод дар соҳаи растанипарварӣ 7068 млн. сомонӣ ва дар соҳаи чорводорӣ 3510 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Истеҳсоли маҳсулот дар соли 2015 дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ, аз қабили ғалладонагиҳо 1393 ҳазор тонна, пахта 276 ҳазор тонна, картошка 887 ҳазор тонна, сабзавот 1667 ҳазор тонна, полизӣ 592 ҳазор тонна, мева 299 ҳазор тонна, ангур 204 ҳазор тонна, гӯшт 218 ҳазор тонна, шир 889 ҳазор тонна ва тухм 357 млн. дона расонида шудааст, ки нисбат ба соли 1991 ғалладонагиҳо 4,6 маротиба, картошка 4,9 маротиба, сабзавот 2,6 маротиба, полизӣ 3,4 маротиба, мева 69 фоиз, ангур 69 фоиз, гӯшт 44 фоиз, шир 51 фоиз зиёд гаштааст.

Ҳамчунин, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба як нафар аҳолӣ дар ҷумҳурӣ аз ҷумла сабзавот 196,5 килограмм, полезӣ 69,7, картошка 104,5, мева 35,2 ва ангур 24

килограмм рост меояд, ки нисбат ба соли 2005 мутаносибан аз 128,8 фоиз то 2,8 маротиба зиёд мебошад.

Саршумори чорвои калон бошад, 2209 ҳазор сар, аз ҷумла модагов 1132 ҳазор сар, гӯсфанду буз 5279 ҳазор сар, мурғ 5143 ҳазор сар ва асп 78 ҳазор сарро ташкил кард, ки нисбат ба соли 1991 саршумори чорвои калон 59 фоиз, аз он модагов 93 фоиз, гӯсфанду буз 57 фоиз ва асп 49 фоиз афзудааст.

Дар 8 моҳи соли 2016 бошад, дар ҳамаи шаклҳои хоҷагидорӣ истеҳсоли ғалладонагиҳо ба 956461 тонна, картошка 326520, сабзавот 843662, полизӣ 319605, меваҷот 126977, ангур 17770, гӯшт 85328, шир 401974, пашм 4680, асал 925 тонна ва тухм 174,3 млн. дона расонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба ғайр аз тухм, дигар маҳсулотҳо мутаносибан аз 2,7 фоиз то 95,3 фоиз зиёд гардида, ҳаҷми умумии маҳсулоти кишоварзӣ ба 8601,2 млн. сомонӣ расонида шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7,2 фоиз зиёд гардида, суръати афзоиш дар соҳаҳои растанипарварӣ ва чорводорӣ мутаносибан 8,3 ва 4,9 фоизро ташкил медиҳад.

Дар ин давра аз қаламрави ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ 131326 тонна маҳсулоти кишоварзӣ, сабзавот 96832 тонна, аз он пиёз 95346 тонна, меваи тару тоза 8733 тонна, аз он гелос 313 тонна, зардолу 3930 тонна ва меваи хушк 23694 тонна ба давлатҳои Қазоқистон, Россия, Қирғизистон, Чин, Афғонистон ва дигар давлатҳои хориҷӣ содирот карда шудааст.

Инчунин, бо мақсади баланд бардоштани иқтидори содиротии меваҷот дар давоми 8 соли охир (солҳои 2007-2014) дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 68990 гектар боғу токзорҳои нав бунёд карда шудааст.

Рушди соҳаи аграрии ҷумҳурӣ бе ҷалб ва иштироки бевоситаи кормандони соҳаи илми кишоварзӣ ғайриимкон буда, дар солҳои истиқлолияти ҷумҳурӣ муассисаҳои илмии соҳа оид ба ҳалли масъалаҳои рӯзмарраи кишоварзӣ фаъолият намуда, ба дастовардҳои назаррас соҳиб гаштанд.

Аз ҷумла, дар соҳаи растанипарварӣ 157 навъҳои зироатҳои кишоварзиро офариданд, ки аз онҳо 89 навъҳои зироатҳо минтақабоб гардиданд. Инчунин, аз ҷониби олимон зиёда аз 50 технологияҳои самаранок ва инноватсионии парвариши зироатҳои кишоварзӣ тарҳрезӣ ва татбиқ гардид.

Коллексияи навъу намунаҳои зироатҳои кишоварзии маҳаллӣ ва интродкесияшуда ба 11314 номгӯй расонида шуд.

Дар соҳаи боғу токпарварӣ ва сабзавоткорӣ олимон 50 навъҳои нави серҳосилро офариданд, ки 32-тои онҳо минтақабоб гардида, оид ба беҳдошти механизатсияи соҳаи кишоварзӣ 17 мошину мошинолотҳо оид ба коркарди сифрии хок ва ворид намудани нуриҳои минералӣ, кашидани палу пуштаҳо ва кишти тухмии зироатҳои кишоварзиро

ихтироъ намуда, механиконии кори байни қаторҳои боғу токзорро дар заминҳои обёришаванда такмил доданд.

Дар соҳаи чорводорӣ типи нави тоҷикии говҳои зоти сиёҳалоро бо маҳсулнокии 5-7 ҳазор литр шир ва зоти бузҳои серпашми зоти тоҷикиро бо пашми баландсифат офариданд, ки онҳо дар хоҷагиҳои чорводории ҷумҳурӣ васеъ парвариш меёбанд.

Ҳоло ҳам дар ҷумҳурӣ захираҳои истифоданашуда барои рушд додани соҳаи кишоварзӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум хело зиёданд, дар ин робита барои васеъ намудани ҳамкорӣ бо институтҳои молиявии байналмилалӣ ва ширкатҳои ватанию кишварҳои хориҷӣ оид ба баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти кишоварзӣ бояд густариши ҳамкорӣро таъмин намоем.

СЕЛЬСКОЕ ХОЗЯЙСТВО – КЛЮЧЕВАЯ ОТРАСЛЬ В ОБЕСПЕЧЕНИИ ПРОДОВОЛЬСТВЕННОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Н.Б. НОЗАНИНЗОДА,

заместитель Министра сельского хозяйства Республики Таджикистан,

734025, Республики Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудакӣ 44,

тел.: (+922 37) 221-15-96

В статье обозначены ключевые достижения в развитии сельского хозяйства и обеспечения продовольственной безопасности за 25 лет государственной независимости Республики Таджикистан. В этом аспекты акценты расставлены на процесс формирования нормативно – правовой базы и повышения производственного потенциала сельского хозяйстива.

Ключевые слова: *сельское хозяйство, агропромышленность, продовольственная безопасность, растениеводство, животноводство.*

AGRICULTURE - KEY SECTORS OF FOOD SECURITY THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

N. B. NOZANINZODA.

deputy Minister of Agriculture of the Republic of Tajikistan,

734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudakӣ aven. 42,

ph.: (+922 37) 221-15-96

The article outlines the key achievements in the development of agriculture and food security for 25 years of the state independence of the Republic of Tajikistan. In this aspect, the accents on the formation of the regulatory - legal framework and enhancing the productive capacity of agriculture.

Keywords: *agriculture, agro-industry, food security, crop production, animal husbandry.*

УДК 656(075.8)

ДАСТОВАРДҲОИ РУШДИ НАҚЛИЁТИ КИШВАР ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Р.Ф. ВАЛИЗОДА,
муовини Вазири нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон,
734042, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кучаи Айнӣ 14,
тел.: (+922 37) 221-17- 13

Дар мақола дастовардҳои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми нақлиёт ва ҳалли масъалаи аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани кишвар ба таври мушаххас баён гардиданд. Таваҷҷуҳ ба натиҷаҳои амалигардии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар низоми нақлиёт дода шудаст.

Калидвожаҳо: нақлиёт, *роҳи автомобилгард ва оҳан, бунбасти коммуникатсионӣ, кишвари транзитӣ.*

Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки мо имсол 25-умин солгарди Истиклолияти давлатиашро бо тантана истиқбол мегирем, аз назари ҷуғрофӣ муҳимтарин кишвари Осиёи Марказӣ маҳсуб ёфта, чор ақсои олам -Шарқу Ғарб ва Шимолу Ҷанубро ба ҳам васл месозад.

Роҳи бузурги Абрешим, ки дар гузашта аз қаламрави Бохтару Тахористон, Чағониёну Шумон, Аҳоруну Қабодиён, Вахшу Хутал, Рашту Кумод, Дарвозу Ванҷ, Рушону Вахон ва Суғду Истаравшан убур мекард, Ҳиндустону Афғонистону Чинро ба ҳам мепайваст. Таърих худ гувоҳ аст, ки дар ин минтақа сарзамини биҳиштосои мо дар баробари нақши муҳими иқтисодию тиҷоратӣ доштанаш, ҳамзамон дар он рузгор нақши калидӣ ва меҳвариро дар пайвасти фарҳангҳои мухталифи мардумони кишварҳои ин ҳавза дар атрофи камарбанди ягонаи ғоявӣ доштааст.

Мутаассифона, Тоҷикистони муосир дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолиятии худ дар шакли се порчаи аз ҳам ҷудо ва дар бунбасти коммуникатсионӣ ва шабакоти номукаммали нақлиётӣ карор дошт.

Дар гузаштаи на он қадар дур, мушаххас, даҳсолаи охири асри гузашта, танҳо 42% роҳҳои аҳамияти ҷумҳуриявидошта ва 20% роҳҳои аҳамияти маҳаллидоштаи кишварамон болопуши мумфарш доштанд. Ин ҳолат кишвари моро дар риштаи равобити байналмилалӣ дар вазъи ногувор қарор дода буд.

Вобаста ба шароит ва вазъи онрузаи мамлакат Ҳукумати навтаъсиси Ҷумҳурии Тоҷикистон раҳоӣ бахшидани ҷумҳурӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ба давлати транзитӣ мубаддал гардонидани онро яке аз ҳадафҳои стратегӣ ва меҳварии худ қарор

дода, таҳти сарварии бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Рахмон барои ноил шудан ба ин ҳадафи олӣ барномаҳои муҳими стратегии кишвар, принсипҳо, хусусияти хоси фаъолият, роҳҳои рушди нақлиёту роҳсозиро муайян намуд. Ин ҳадафи созандаро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лаҳзаҳои аввалини ба фаъолияти худ шурӯъ намуданашон пайваста пайгирӣ намуда, дар паёмҳои худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин баён дошта буданд, ки ҳадафи сеюми стратегии мо аз бунбасти коммуникатсионӣ баровардани мамлакат ва таъмин кардани пешрафти минбаъдаи соҳаҳои нақлиёту алоқа мебошад.

Дар самти амалигардонии сиёсати созандагии Ҳукумати кишвар ва Пешвои миллат аз соли 2000 сар карда, стратегияи махсуси рушди комплекси наклиёт то соли 2025 қабул гардид, ки натиҷаҳои онро имрӯз мо баръало мебинем. Дар ин давра бо 21 давлати хориҷи дур ва 13 давлати хориҷи наздик созишномаҳои дуҷониба ба тасвиб расиданд. Ҳамзамон ҷиҳати рушди равобити байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти нақлиёти автомобилӣ 9 конвенсия ва созишномаҳои байналмилалӣ ба имзо расонида шуд, ки ба ҳамлу нақли байналмилалӣ мусоидат намуданд.

Бо шарофати сулҳу ваҳдат ва суботи сиёсӣ, бо ибтикори Асосгузори сулҳу Вахдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо ба марҳилаи нав – давраи созандагию бунёдкорӣ қадам гузоштем. Бо мақсади таҳким бахшидан ба пойдории истиқлолияти воқеии мамлакат бунёди як силсила иншооти тақдирсоз ва сохтмонҳои бузурги дорои аҳамияти умумидавлативу байналхалқӣ оғоз гардиданд.

Сохтмони роҳи оҳани Қурғонтеппа- Кулоб, нақбҳои «Истиқлол», «Озодӣ», «Шаҳристон», «Дустӣ», «Хатлон», сохтмони пулҳои байналмилалии байни Тоҷикистону Афғонистон дар мавзеҳои Тем, Рузвай, Ишкошим, Панҷи Поён, Ванҷ, Шурообод, роҳи автомобилгарди Кӯлоб-Қалъаихумб, Мурғоб-Кулма, Шоҳон-Зигар (марҳилаҳои 1,2,3), Шкев-Зигар, Душанбе- Қурғонтеппа- Данғара-Кӯлоб, Дӯстӣ-Панҷи Поён (марҳилаи 1,2), Душанбе- сарҳади Қирғизистон (марҳилаи 1,2,3), Душанбе-Чанақ-сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Қӯрғонтеппа-Дӯстӣ (марҳилаи 1), Душанбе-Турсунзода-сарҳади Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Айнӣ-Панҷакент- сарҳади Ӯзбекистон чунин иншоотҳои такдирсоз ҷиҳати раҳоии воқеӣ ва бебозгашти кишварамон аз бумбасти коммуникатсионӣ маҳсуб меёбанд.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар ҷумҳурӣ 45 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ ба маблағи умумии зиёда аз 12 миллиард сомонӣ татбиқ гардида, беш аз 2000 километр роҳҳои мошингард, 31 километр нақбҳо, 200 адад пулҳо ва 173,2 километр роҳи оҳан таҷдиду бунёд ва ба истифода супорида шудаанд.

Соли 2015 азнавсозии шоҳроҳи мошингарди Душанбе - Турсунзода ба масофаи 57 километр ба маблаҒи беш аз 800 миллион сомонӣ ва шоҳроҳи Айнӣ- Панҷакент ба масофаи 113 километр ба маблаҒи беш аз 700 миллион сомонӣ анҷом ёфт. Имсол азнавсозии роҳи мошингарди Восеъ- Ховалинг ба масофаи 88 километр ва ба маблаҒи 370 миллион сомонӣ ба анҷом мерасад. Боз иншооти ҷашнӣ - роҳи оҳани Душанбе-Қӯрғонтеппа (қисмати Вахдат- Ёвон) бо дарозии 40,7 километр мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки робитаи пойтахти мамлакатро бо бузургтарин қисмати кишвар — вилояти Хатлон таъмин менамояд.

Дар давоми соли 2016 корҳои сохтмону таҷдидӣ боз якчанд иншооти нақлиётии муҳим, аз қабили азнавсозии қисми роҳҳои автомобилгарди Душанбе-Турсунзода (аз муҷассамаи Ибни Сино то дарвозаи ғарбии шаҳр) ба маблати 480 миллион сомонӣ ва Исфара-Хуҷанд ба маблаҒи зиёда аз 310 миллион сомонӣ оғоз гардид.

Барои ба сатҳи байналмилалӣ мутобиқ гардонидани роҳи мошингарди Душанбе – Кӯлоб - Қалъаи Хумб - Хоруғ - Кулма таҷдиди ду қисмати душвортарини он - Кӯлоб-Шамсиддини Шоҳин бо масофаи 32 километр ва Шкев-Қалъаи Хумб бо масофаи 26 километр ба нақша гирифта шудааст, ки маблаҒи умумии ин лоиҳаҳо беш аз 800 миллион сомониро ташкил медиҳанд.

Дар баробари ин, корҳои омодасозии лоиҳа барои оғози таҷдиди роҳи мошингарди Қалъаи Хумб-Ванҷ ба масофаи қариб 110 километр ва арзиши умумии беш аз 2 миллиард сомонӣ идома дорад.

Танҳо дар давоми соли 2015 дар маҷмӯъ, қариб 510 километр роҳ таъмиру таҷдид ва 140 пул сохта ва барқарор карда шудааст.

Таъмиру таҷдиди роҳҳои байнишаҳру ноҳияҳо ва ҷамоатҳои деҳот самти дигари фаъолияти мо мебошад. Айни замон таъмиру таҷдиди 324 километр чунин роҳҳо ба маблаҒи беш аз 70 миллион сомонӣ ба анҷом расида, аз ҳисоби Фонди эҳтиётии Президенти мамлакат дар 21 шаҳру ноҳияи кишвар 81 километр роҳҳои байнишаҳрӣ ба маблаҒи 90 миллион сомонӣ азнавсозиву таъмир шудаанд.

МаблаҒгузории нигоҳдории роҳҳо аз буҷаи ҷумҳурӣ сол аз сол меафзояд. Агар дар соли 2000-ум ба ин мақсад 3 млн 827 ҳазор сомонӣ ҷудо гардида бошад, ин маблаҒ дар соли 2016 ба 61 миллион сомонӣ расид.

Имрӯз Тоҷикистон вобаста ба мавқеи хоси ҷуғрофии худ ва дастовардҳои назаррасаш дар самти маҷмааи нақлиётӣ ҳамчун кишвари транзитӣ эътироф шудааст. Кишвари мо ҳоло узви 10 барномаи байналмилалӣ, аз ҷумла Созмони Ҳамкории Шанхай, Ҳамкориҳои иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ, роҳҳои автомобилгарди Осиё, долони нақлиётии Аврупою Қавқоз ва Осиё мебошад.

Дар кишвар дар доираи роҳҳои автомобилгарди Осиё 3 долон, дар доираи қарордоди аврупоӣ оид ба шоҳроҳҳои автомобилгарди байналхалқӣ 1 долон ва дар доираи Ҳамкориҳои иқтисодии минтақавии Осиёи Марказӣ (ҲИМОМ) 4 долон фаъолият доранд.

Инкишофи ҳама намуди нақлиёт дар маркази таваҷҷуҳи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.

Рушди долонҳои байналмилалии нақлиётӣ, татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионии амалишудаистода шаҳодати ин гуфтаҳост. Рушди минбаъдаи инфрасохтори нақлиётӣ - сохтмони роҳҳои автомобилгарду, оҳан, таъсиси марказҳои логистикиро “Стратегияхои миллии рушди Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020”, Стратегияи миллии рушд барои солхои то 2030” ва “Барномаи рушди комплекси нақлиёт то соли 2025” пешбинӣ менамоянд ва амалисозии ин барномаҳои ҳаётан муҳим барои расидан ба ҳадафҳои ниҳоии мо замина созгоранд.

Бояд қайд намуд, ки даврони истиқлолият барои эҳё ва инкишофи роҳи оҳани Тоҷикистон ва пайвастан ба шабакоти роҳҳои оҳани фаромарзӣ заминаи мусоид фароҳам овард. Ибтидо аз 17 августа соли 1994 - санаи таъсисёбии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» новобаста аз бухрони сиёсиву иқтисодӣ, ки Ҳукумати ҷумҳурӣ дар он солҳо қарор дошт, бо ташабус ва ибтикори Асосгузори сулҳу Ваҳдат - Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сохтмони хатти нави роҳи оҳани Қӯрғонтеппа-Кӯлоб оғоз гардида, 7-уми сентябри соли 1998 ифтитоҳи марҳилаи якуми ин роҳ бо дарозии 52 километр ва санаи 7-уми сентябри соли 1999 марҳилаи дуввуми ин роҳ- қисмати Данғара- Қурбоншаҳид-Кӯлоб бо дарозии 80 километр анҷом ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Ба истифода супурдани роҳи оҳани Душанбе- Қӯрғонтеппа бошад, қадами устувори кишвари мо дар амалӣ намудани сиёсати ҳадафнок - пайвастан ба шабакоти роҳҳои охани фаромарзӣ ва васеъ намудани имкониятҳои нақлиёти роҳи оҳани кишвар мебошад.

Бо итминон ва боварӣ метавон иброз дошт, ки даврони соҳибистиқлолии мамлакат, истиқрори сулҳ, таъмини ваҳдати миллӣ, ки мардуми меҳнаткарини мо бо ташаббус ва ибтикори Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст овардааст, барои фароҳам овардани фазои солими рушду тараққиёт ва ҷалби бештари сармоягузориҳои дохилию хориҷӣ дар тамоми соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвари мо заминаи созгор ба вуҷуд овардааст.

Ҳоло дар рушди комплекси нақлиёти Тоҷикистон кишварҳои ба монанди Чин, Эрон, Турия, Ҷопон, инчунин институтҳои молиявӣ: БИР, БОР, Бонки аврупоии таҷдид

ва рушд, фонди ОПЕК, Фонди Кувейтии рушди иктисодии Араб фаъолона иштирок доранд. Бо сармоягузории ин кишварҳо 38 лоиҳаи инвеститсионӣ дар соҳа амалӣ шуда, татбиқи 17 лоиҳаи дигар идома дорад.

Дар маҷмуъ 1 миллиарду 979 миллион доллари ИМА дар бозсозии маҷмааи нақлиётии кишвари мо ҷалб гардида, дар оянда барои рушди инфрасохтори нақлиётӣ ҷалби 7,3 миллиард доллари ИМА дар назар аст.

Шабакаи роҳҳои автомобилгарди ҷумҳурӣ дар даврони соҳибистиқлолии мамлакат куллан тағйир ёфта, аз як шабакаи нопурраи бунбасти дохилӣ ва якҷонибаи мавсимӣ ба ҷараёни беистамалкунанда дар дохили кишвар ва мамолики ҳаммарз мубаддал гардида, Тоҷикистонро имрӯз ҳамчун кишвари транзитӣ мешиносанд.

ДОСТИЖЕНИЯ В РАЗВИТИИ СИСТЕМЫ ТРАНСПОРТА В ПЕРИОД ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

Р.Ф. ВАЛИЗОДА,
заместитель Министра транспорта Республики Таджикистан,
734042, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Айни 14,
тел.: (+922 37) 221-17- 13

В статье обозначены достижения в развитии системы транспорта Республики Таджикистан, решения задачи выхода из транспортного тупика. Даны оценки по реализации инвестиционных проектов в системе транспорта республики.

Ключевые слова: *транспорт, автомобильные и железные дороги, коммуникатционный тупик, транзитная страна.*

ACHIEVEMENTS IN THE DEVELOPMENT OF TRANSPORT SYSTEM IN THE PERIOD OF THE STATE INDEPENDENCE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

R.F. VALIZODA,
deputy Minister of Transport of the Republic of Tajikistan,
734042, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. Aini 14,
ph.: (+922 37) 221-17- 13

The article marked in detail the achievements in the development of the transport system of the Republic of Tajikistan, the solution of the transport problem impasse. Estimated the implementation of investment projects in the republic's transport system.

Keywords: *transport, roads and railways, communicational deadlock, transit country.*

УДК 339.5

ТРАНСПОРТНЫЕ КОРИДОРЫ И СОТРУДНИЧЕСТВО МЕЖДУ РЕГИОНАМИ

А. РАУФИ,
доктор экономических наук, профессор, зав. отделом Института экономики и демографии АН РТ, профессор Технологического университета Таджикистана.
734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул.Айни, 44,
тел.: (+ 99237) 918 70 12 18 ; E-mail: eco_institute@mail.ru

В статье исследуются этапы формирования и развития транзитных транспортных коридоров как внутри страны, так и за ее границами, которые создают возможности расширения сотрудничества Таджикистана с другими странами и регионами мира.

Раскрываются механизмы быстрейшей реализации разработанных проектов по строительству и сдачи в эксплуатацию новых автомобильных и железных дорог, необходимых для расширения сотрудничества Таджикистана с другими странами и регионами мира в связи с созданием новых международных транзитных транспортных коридоров.

Ключевые слова: *транспорт, сотрудничество, регион, транспортный коридор, железная дорога, автомобильная дорога.*

Транспортная система Таджикистана сложилась в весьма своеобразных условиях, влияние которых сказывается как на современном состоянии транспорта, так и на возможностях его дальнейшего развития. Это, прежде всего, чрезвычайная сложность применения транспортной техники на большей части территории страны, занятой горами, а также исторически вынужденное формирование сети видов транспорта в крайне сжатые сроки.

Результатом действия этих и некоторых других природно-климатических факторов являлись неравномерность размещения транспортной сети по территории Таджикистана, известная нерегулярность (сезонность) работы транспорта по отдельным направлениям (закрытие ряда перевалов на 6-8 месяцев), сложность схемы транспортирования для большинства регионов, неудовлетворительное состояние отдельных дорог.

Формирование и дальнейшее развитие всех видов транспорта Таджикистана связаны с установлением Советской власти. До этого нынешние виды транспорта по существу не имели места, за исключением незначительных участков железной дороги на территории некоторых районов северной части страны.

Население бывшей Восточной Бухары, где находилась территория нынешнего Таджикистана, до революции практически не знало механического транспорта. И даже обычный гужевой транспорт в ряде районов не получил распространения. Поэтому проблемы транспорта и дорог были одними из актуальных в числе задач хозяйственного и культурного строительства в стране. За короткий исторический период, т.е. за годы Советской власти, Таджикистан превратился из края классического бездорожья в страну, располагающую почти всеми высокоразвитыми современными видами транспорта.

Несмотря на многочисленные трудности в развитии дорожного строительства в Таджикистане (отсутствие экономических и технических условий и т.п.) в двадцатых и тридцатых годах 20-го столетия, строительство дорог велось в основном на территории южной и центральной части республики и на Памире.

Уже в тридцатые годы 20-го века впервые за многовековую историю появились автомобильные дороги в районах Памира, Дарваза, Каратегина, Гиссара, Куляба, Курган-Тюбе, хотя они были еще разрозненными участками дорог, построенных по упрощенным техническим условиям. В эти годы началось строительство грунтовых дорог в районах Зеравшанской долины (Самарканд – Пенджикент – Айни, Айни – Матча и др.), прошли первые автомобили по дороге Душанбе – Ура-Тюбе, открылось автомобильное движение до Худжанда, а затем до Ташкента, Канибадама, Исфары. К сентябрю 1940 г. в основном был сдан в эксплуатацию Большой Памирский тракт Душанбе – Хорог [1].

Таким образом, транспортная система Таджикистана была образована по существу в годы довоенного периода – в 20-е и 30- е годы 20-го столетия. В последующие годы проводились реконструктивные мероприятия, расширение и улучшение сети в основном в результате строительства новых линий, а также внедрения более совершенных средств транспорта.

В конце 1979 г. был сдан в эксплуатацию последний участок железной дороги Термез – Курган-Тюбе – Яван (264 км), благодаря чему вдвое увеличилась протяженность железных дорог широкой колеи на территории страны. После сдачи в эксплуатацию ширококолейной железной дороги Курган-Тюбе – Куляб (132 км) в конце 1999 г. многие районы северной, центральной и южной части страны были связаны между собой ширококолейной железнодорожной сетью и с ее помощью здесь осуществляются производственно-экономические отношения [2].

В настоящее время Республика Таджикистан, как самостоятельный регион, вступает в транспортно-экономическое сотрудничество с другими регионами мира, прежде всего со странами Центрально-азиатского сотрудничества (ЦАС), Евразийского экономического сотрудничества (ЕврАзЭС), Содружества независимых государств (СНГ), Шанхайской органи-

зации сотрудничества (ШОС), Европейского союза (ЕС) и др. Расширяются по новому – по законам рыночной экономики региональные связи Таджикистана с соседними и дальними регионами мира.

В то же время получили всестороннее развитие транспортно-экономические связи внутри Таджикистана. С одной стороны, между его административными регионами – областями, городами и районами, а с другой стороны, между его территориально-экономическими регионами. В целях налаживания рыночных отношений между регионами внутри страны и Таджикистана с другими регионами мира, проводятся меры по расширению сети транспортной системы. В связи с этим в Послании Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан 16 апреля 2005 года отмечалась: «В области транспорта продолжается сооружение важных стратегических объектов и международных автомагистралей» [3].

С целью строительства и реконструкции автомобильных дорог на территории регионов страны, осуществления нормальных транспортно-экономических связей между ними и для выхода на другие регионы мира, Правительство Таджикистана, с привлечением международных финансовых институтов, осуществляло одиннадцать проектов на сумму 354 миллиона сомони. В 2005 году завершилась реконструкция автодороги Душанбе -Курган-Тюбе – Куляб, строительство первой очереди дороги Шагон-Зигар, Шкев-Зигар [4]. Завершение указанных работ позволило открыть постоянно действующую автомагистраль между районами Горно-Бадахшанской автономной области с другими регионами страны.

В условиях вхождения Таджикистана к рынку и мировую экономику, большое значение имеет обеспечение круглогодичного транспортного сообщения между всеми регионами страны и международными коммуникационными трактами. Поэтому осуществлялась интенсивная реконструкция старых и строительство новых железнодорожных и автомобильных путей страны. Завершилось строительство и сданы в эксплуатацию Анзобский (Истиклолский), Шар-Шарский (Озоди), Шахристонский и Чормагзакский (Хатлонский) тоннели.

Автомобильная дорога Душанбе – Худжанд - Чанак является важнейшей трассой для обеспечения связей районов северного региона Республики Таджикистан с районами центрального, южного и восточного регионов страны, а также, как транзитного коридора, выхода за рубеж через территорию Узбекистана. В связи с этим за счет привлечения иностранных инвестиций, обустраивалась эта автодорога.

С привлечением иностранных инвестиций на сумму 72 миллиона сомони [5] осуществлялась реконструкция международной автотрассы Душанбе – Нуробод – Рашт - Джиргаталь - Саритош - Ош. Эта дорога, как международный транзитный коридор, обеспечивает транс-

портно–экономические связи регионов Таджикистана с Кыргызстаном, а также через его территорию с другими странами Центральноазиатского региона и Российской Федерации

В конце 2005 г. была сдана в эксплуатацию международная автотрасса Душанбе – Куляб – Хорог – Кульма - Каракорум. Следует отметить, что строительство этой дороги является крупнейшим историческим достижением страны за годы ее независимости. С ее помощью будут обеспечены круглогодичные транспортно-экономические связи между районами Горно-Бадахшанской автономной области с другими регионами страны. Кроме этого, все регионы Таджикистана получат возможность посредством этой дороги – как международного транзитного коридора, получить выход на зарубежные страны, в частности в Китай, Пакистан, Индию и другие страны юго-восточного региона мира.

В нынешних условиях открытой экономики Таджикистана, для дальнейшего развития его регионов большое значение имеет расширение путей выхода их на южные регионы мира, т. е к странам Ближнего и Среднего Востока, арабским странам и др., на море к крупнейшим морским портам и получить доступ к другим регионам земного шара. В связи с этим было построено семь мостов через реку Пяндж в Нижнем Пяндже, Фархоре, Шурободе, Дарвозе, Рушоне, Хороге и Ишкашиме, посредством которых для регионов Таджикистана обеспечен международный транзитный транспортный коридор и они через территорию Афганистана получили выход на новые рынки и к мировым портам [6].

Развитие рыночных отношений в регионах и отраслях экономики Таджикистана, настоятельно требует всестороннего расширения сети железнодорожного транспорта страны и выхода Республики Таджикистан из тупикового положения. Сейчас Таджикистан имеет только один путь выхода железнодорожного транспорта к зарубежным странам и регионом через территорию Узбекистана. Даже внутри страны не все регионы имеют между собой железнодорожные сообщения. Поэтому принимаются «меры по привлечению иностранных инвестиций для проектирования и строительства железной дороги Душанбе - Курган-Тюбе-Пяндж с сообщением до Кундуза (Афганистан)» [7].

Строительство и сдача в эксплуатацию железнодорожной линии Вахдат – Яван «закольцует» железнодорожные линии Турсунзаде - Вахдат, Шаартуз – Курган-Тюбе - Яван и Курган-Тюбе – Куляб.

Для улучшения связей между центральными и южными регионами страны и их выхода на новую железнодорожную сеть Душанбе - Курган-Тюбе – Пяндж, разрабатывается инвестиционный проект по реконструкции автомобильной дороги Курган–Тюбе – Нижний Пяндж. Практическая реализация этого проекта осуществляется с привлечением зарубежных капиталов [8].

За годы независимости и суверенитета Таджикистана реализованы проекты по реконструкции и строительству автомобильных дорог Душанбе - Худжанд - Чанак (граница Республики Узбекистан), Душанбе - Рашт - Карамык (граница Кыргызской Республики), Душанбе - Куляб - Хорог - Кульма (граница Китайской Народной Республики), Душанбе - Курган-тюбе - Нижний Пяндж (граница Исламской Республики Афганистан), Душанбе - Турсунзаде, Айни – Пенджикент и ряд других важных проектов [9].

В стране за это время реализовано 38 инвестиционных проектов и это позволило в течение последних лет реконструировать, построить и сдать в эксплуатацию более 1930 км автомобильных дорог, 132 км железной дороги, 31,2 км туннелей и противолавинных галерей и более 240 малых и средних мостов длиной в 8,2 км [10].

Таким образом, в условиях независимости и суверенитета Таджикистана, обеспечен его выход из транспортного тупика посредством создания международных транзитных транспортных коридоров: на севере - через территорию Кыргызстана, на западе - через территорию Узбекистана, на юге - через территорию Афганистана и на востоке - через территорию Китая.

Дальнейшее развитие этих коридоров требует совершенствования их инфраструктуры, прежде всего, создания транспортно-логистических центров. Терминалы будут обеспечены оборудованием для погрузки и разгрузки, а также контейнерными площадками, где будут осуществляться комплектование грузов и интермодальные перегрузки. Получат развитие экспедиторские компании, являющиеся операторами мультимодальных и интермодальных перевозок. Для логистической обработки грузов в логистических центрах будет создана современная производственно-техническая база.

Развитие рыночной экономики Таджикистана требует всестороннего расширения сети всех видов транспорта и совершенствования их перевозочной работы в соответствии с требованиями развития современной экономики.

В области автомобильного транспорта главным мероприятием является обеспечение круглогодичной автомобильной связи между городами и районами страны с выходом за рубеж. Предполагается завершение строительства и реконструкции следующих автомобильных дорог:

- Худжанд – Исфара - граница Кыргызской Республики;
- Исфара – граница Республики Узбекистан;
- Курган-Тюбе – Дусти – граница Афганистана;
- Нижний Пяндж – Кундуз – Пули Хумри – Мазори Шариф – Шибиргон – Маймана – Герат – Мешхед (в рамках сотрудничества по развитию трехсторонних отношений между персоязычными странами – Ираном, Афганистаном и Таджикистаном);

- проведение реконструктивных работ по повышению технической категорийности дорог в соответствии с перспективными параметрами грузо- и пассажиро-напряженности.

Совершенствование технологии перевозочного процесса требует рационализации структуры парка подвижного состава, активизации коммерческой деятельности автотранспортных предприятий (АТП), совершенствования взаимоотношений АТП с участниками перевозочного процесса, развития сети грузовых и пассажирских терминалов.

В области железнодорожного транспорта основными объектами нового строительства железнодорожных линий являются:

- Душанбе – Джиргаталь – Саритош (Кыргызстан);
- Худжанд – Адрасман – Истиклол;
- Пенджикент – Самарканд;
- Душанбе - Курган-Тюбе - Пяндж с сообщением до Кундуза (Афганистан) (принимаются меры по привлечению иностранных инвестиций для проектирования и строительства);
- Дж. Балхи – Нижний Пяндж – Кундуз – Мазори Шариф – Герат – Мешхед (в рамках сотрудничества по развитию трехсторонних отношений между Ираном, Афганистаном и Таджикистаном);
- Душанбе - Ашхабад через территорию Афганистана (в рамках сотрудничества по развитию трехсторонних отношений между Афганистаном, Таджикистаном и Туркменистаном).

В рамках разработанного проекта по строительству железной дороги между Таджикистаном и Туркменистаном через территорию Афганистана, в настоящее время проводятся работы по более подробному изучению ситуации и определению конкретных мероприятий по его скорейшей реализации.

Меморандум о взаимопонимании между Республикой Таджикистан, Исламской Республикой Афганистан и Туркменистаном был подписан 20 марта 2013 г. в г. Ашхабаде по реализации проекта строительства железной дороги “Таджикистан – Афганистан - Туркменистан” [11]. Согласно статьи № 2 упомянутого Меморандума о взаимопонимании, 18-19 апреля 2013 г. в г. Ашхабаде состоялось первое заседание Совместной Координационой группы по реализации проекта, в которой одобрен рабочий план Совместной Координационной группы и с Таджикской стороны предложен маршрут строительства железной дороги посредством Бешкент (Таджикистан) – Калдор – Хайратон - Исломпанджа (Афганистан) - Келиф (Туркменистан), протяжённостью около 160 км и стоимостью 240 млн. долл. США.

Со стороны Республики Таджикистан также создана Рабочая техническая группа из числа представителей Министерства транспорта (под руководством первого заместителя

министра транспорта), ГУП “Таджикская железная дорога” и ГУП “Научно-исследовательский и проектно-изыскательский институт”.

5-6 июня 2013 г. в г. Ашхабаде с участием Глав государств Таджикистана, Туркменистана, и Афганистана состоялась церемония заложения фундамента строительства железной дороги на территории Туркменистана.

15-19 июня 2013 г. в Исламской Республики Афганистан проведены двустороние встречи таджикских и афганских технических рабочих групп по участку Хайратон - Калдор. Выяснилось, что данный маршрут железной дороги будет пролегать по левому берегу реки Ому, протяжённостью около 42 км с различием высоты всего 15 метров. Расположение участка маршрута железной дороги, в частности, проходит по песчяно-болотистому месту, и растительность состоит в основном из кустарников.

Таким образом, в результате двусторонней встречи, стороны пришли к выводу, что в случае выполнения соответствующих задач, строительство железной дороги в упомянутом участке является целесообразным.

В соответствии с информацией Посольства Республики Таджикистан в Исламской Республики Афганистан, Советом министров Исламской Республики Афганистан принято решение о строительстве железной дороги по маршруту Бешкент (Таджикистан) – Калдор – Хайратон - Исломпанджа (Афганистан) - Келиф (Туркманистан).

25-28 августа 2013 г. в Туркменистане проведено заседание Совместной Координационной группы Таджикистана и Туркменистана. В ходе заседания была проведена двухсторонняя встреча между первым заместителем министра иностранных дел Таджикистана и Министром иностранных дел Туркменистана, где обсуждён вопрос реализации проекта железной дороги по маршруту Бешкент (Таджикистан) – Калдор – Хайратон - Исломпанджа (Афганистан) - Келиф (Туркменистан), и в результате Туркменская сторона отметила, что предложение Таджикской стороны будет изучено соответствующими ведомствами Туркменистана, а также Туркменская сторона должна будет обсудить данный вопрос с Афганской стороной.

20 сентября 2013 г. в Министерстве иностранных дел Республики Таджикистан было проведено очередное заседание таджикской Координационной группы. На заседании рассмотрен и согласован проект Повестки дня второго заседания Совместной Координационной Группы сторон.

17-18 декабря 2013 г. Туркменская и Афганская стороны в Кабуле провели двухсторонюю встречу по рассмотрению предложения Таджикской стороны, то есть строительства железной дороги по маршруту Бешкент – Калдор – Хайратон – Исломпанджа – Келиф и пришли к согласию по этому вопросу.

В настоящее время между сторонами согласовывается вопрос проведения очередного трехстороннего заседания Совместной Координационной группы и нахождения путей скорейшего завершения строительства данной дороги.

Таким образом, посредством уже созданных и вновь формируемых международных транзитных транспортных коридоров, получат дальнейшее развитие сотрудничество между регионами как внутри страны, так и с другими регионами и странами мира, с братским Туркменистаном в том числе.

ЛИТЕРАТУРА

1. Рауфи А. Транспорт в системе рыночной экономики. – Душанбе: «Ирфон», 2002. – - С. 29.
2. Там же. – С. 32.
3. Послание Президента Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан 16 апреля 2005 года. // Народная газета. – 2005. – 27 апр.
4. Материалы Министерства транспорта Таджикистана.
5. Там же.
6. Там же.
7. Послание Президента Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан 16 апреля 2005 года. // Народная газета. – 2005. – 27 апр.
8. Там же.
9. Материалы Министерства транспорта Таджикистана.
10. Там же.
11. Там же.

РОҲРАВҲОИ НАҚЛИЁТӢ ВА ҲАМКОРИИ БАЙНИ МИНТАҚАҲО

А. РАУФӢ,

доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, мудири шуъбаи Институти иқтисодиёт ва демографияи АИ ҶТ, профессори Донишгоҳи технологии Тоҷикистон.
734024, ҶумҳуриитТоҷикистон, ш. Душанбе, к. Айнӣ, 44,
тел.: (+ 992) 918 70 12 18; E-mail: eco_institute@mail.ru

Дар мақола марҳилаҳои ташаккулёбӣ ва рушди роҳравҳои нақлиётии транзитии байналмилалӣ ҳам дар дохили мамлакат ва ҳам дар беруни вай тадқиқ мешаванд, ки барои васеъ шудани ҳамкориҳои Тоҷикистон бо дигар мамлакатҳо ва минтақаҳои ҷаҳон имконият медиҳанд.

Механизмҳои бо тезӣ амалӣ кардани лоиҳаҳои кор карда шуда, оид ба сохтан ва ба истифода додани роҳҳои нави автомобилӣ ва оҳан кушода мешаавнд, ки барои васеъ кардани ҳамкориҳои Тоҷикистон ба дигар мамлакатҳо ва регионҳои ҷаҳон бо сабаби сохтани роҳравҳои нақлиётии транзитии байналмилалӣ заруранд.

Калидвожаҳо: *нақлиёт, ҳамкорӣ, минтақа, роҳрави нақлиётӣ, роҳи оҳан, роҳи автомобилӣ.*

TRANSPORT CORRIDORS AND COOPERATION BETWEEN REGIONS

A. RAUFI,
doctor of Economic Sciences, Professor, Head of Department of the Institute of Economics and Demography of the Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, Professor of Technological University of Tajikistan.
734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Ayni st.44,
ph.: (+ 992) 918 70 12 18; E-mail: eco_institute@mail.ru

The article examines the stages of formation and development of international transit corridors both within the country and beyond its borders, which create the possibility of expanding cooperation of Tajikistan with other countries and regions of the world.

The mechanism of rapid implementation of the developed projects for the construction and commissioning of new roads and railways, that are needed to expand Tajikistan's cooperation with other countries and regions of the world in connection with the establishment of new international transit corridors are stated in the article.

Keywords: *transport, cooperation, region, transport corridor, railway, highway.*

УДК 620.9

ЭНЕРГЕТИКАИ ТОҶИКИСТОН: ТАЪМИНИ РУШДИ УСТУВОРИ КИШВАР ВА ҲАМКОРИҲО ДАР МИНТАҚА

Ҷ. НАЗИРОВ,
сармутахассиси Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон
734064, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Шамсӣ 5/1,
тел.: (+992 37) 235-35-66

Дар мақола дастовардҳои рушди соҳаи энергетика ва таъмини истиқлолияти энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтаҒст. Таваҷҷуҳ ба натиҷаҳои амалигардии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар низоми энергетика дода шудаҒст.

Калидвожаҳо: *энергетика, истиқлолияти энергетикӣ, тавлиди нерӯи барқ, лоиҳаҳои энергетикӣ.*

Тавре дар суханрониҳояшон Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Ҷаноби Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон борҳо таъкид намудаанд, маҳз ба шарофати сулҳу ваҳдат ва суботи сиёсӣ мо ба марҳилаи нави зиндагӣ - давраи созандагию бунёдкорӣ қадам гузоштем. Ба хотири пойдории истиқлолияти воқеии мамлакат бунёди як силсила иншоотҳои тақдирсоз ва сохтмонҳои бузурги дорои аҳамияти умумидавлативу байналмилалиро идома додем, ки онҳо пешомади кишварро дар асри XXI муайян ва роҳнамоӣ менамоянд. Раванди татбиқи сиёсати дохиливу хориҷии давлат маъмулан дар доираи як сол маҳдуд карда намешавад, зеро ҳадафу вазифаҳои дар Паёмҳои Президенти муҳтарами Тоҷикистон иброзгардида моҳиятан барнома ва дурнамо ва ҳидоят барои даҳсолаҳо мебошанд.

Тоҷикистон ҳар хишти иморати муҳташами истиқлолиятро бо заҳматҳои гарон болои ҳам чидааст. Ва ин амри табиист, зеро бинёди давлати соҳибистиқлоли тоҷикон дар дунёи пурҳодисаи оғози ҳазорсолаи сеюм бояд тарҳу симои хосаи худро соҳиб гардад, таърихи гузаштаву тақдири ояндаи миллатро фаро гирад. Аз ҳама муҳимаш, дар кишвари мо сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдату ягонагии миллӣ, рӯҳияи сарҷамъии миллат ва созандагиву бунёдкорӣ ҳукмфармост, ки ин бешубҳа имконияти пешбурди амалҳои созандагиву бунёдкоронаро дар ҳамаи соҳаҳо фароҳам меоварад.

Ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ муваффақияти бузург ва дар навбати худ ифтихори ҳар яки мо шаҳрвандони Тоҷикистон мебошад. Маҳз дар даврони соҳибистиқлолӣ ва таҳти сиёсати созандаву бунёдкоронаи Роҳбари давлат, Пешвои

миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Тоҷикистон ба эъмори ҷомеаи демокративу ҳуқуқбунёд ва шаҳрвандиву озод оғоз намуда, дар ин давра ба муваффақиятҳои бузург дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла энергетика ноил гардид.

Маҳз бо шарофати Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва кӯшишу заҳматҳои бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти муҳтарами кишвар, имрӯз Тоҷикистони соҳибистиқлол дар ҷомеаи ҷаҳонӣ маъруфият пайдо карда, робитаҳои кишварамон бо кишварҳои ба мо дусту бародар дар минтақа ва ҷаҳон аз ҷумла, Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳуриҳои Исломии Эрон, Покистон, Афғонистон ва дигар кишварҳо, дар бахшҳои гуногун, аз ҷумла энергетика, бо ҷалби сармояи хоричӣ бо мақсади татбиқи лоиҳаҳои энергетикӣ вусъат ёфта, омили асосии таъмини Истиқлолияти энергетикӣ, рушди иқтисоди миллӣ ва беҳтар намудани зиндагии мардуми мамлакат ва таъмини аҳолӣ бо нерӯи барқ қадамҳои боз ҳам устувортар хоҳем гузошт.

Дар ин давра, дар соҳаи электроэнергетикаи ҷумҳурӣ 17 лоиҳаи давлатии сармоягузорӣ бо ҷалби зиёда аз 1,8 млрд. доллари ИМА татбиқ гардида, барои соҳа дастовардҳои мусбиро ба бор оварданд. Муҳимтарин дастовардҳои соҳа ин мавриди истифода қарор гирифтани иқтидорҳои нави тавлиди нерӯи барқ, ба монанди нерӯгоҳҳои барқи обии «Сангтӯда 1» (670 МВт), «Сангтӯда-2» (220 МВт), Маркази барқу гармидиҳии Душанбе 2 (100 МВт) ва нерӯгоҳҳои барқи обии хурд (30 МВт) бо иқтидори умумии 1020 МВт, сохтмони зеристгоҳҳои барқии 500 кВ «Душанбе-500», «Суғд-500», «Дастгоҳи тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии 500 кВ дар НБО-и Норак», хати интиқоли барқи 500 кВ «Ҷануб-Шимол» (ба масофаи 263,8 км), зеристгоҳҳои барқии 220 кВ «Лолазор», «Хатлон», «Айнӣ», «Шаҳристон», «Шаҳринав», «Дастгоҳи тақсимкунандаи пӯшидаи элегазии 220 кВ дар НБО-и Норак», хатҳои интиқоли барқи 220 кВ «Лолазор-Хатлон» (53,3 км) «Тоҷикистон-Афғонистон» (116 км), «Хуҷанд–Айнӣ» (83,2 км), «Қайроққум-Ашт» (74 км) ва «Геран-Румӣ» (78 км) ба масофаи умумии 407,5 км ба шумор мераванд.

Илова бар ин, дигар иншооти муҳими соҳа, ба монанди сохтмони Маркази барқу гармидиҳии Душанбе 2 (400 МВт), сохтмони хатҳои интиқоли барқи 220 кВ Қайроққум-Суғд», «Айнӣ-Рӯдакӣ», сохтмони хати интиқоли барқи 110 кВ «НБО -Хоруғ-НБО-Помир» сохтмони зеристгоҳҳои барқии «Геран-2» ва «Қайроққум», «Румӣ», «Бойғозӣ», пешбинӣ гардидаанд, ки ба истифода супориданашон ба давраи таҷлили ҷашни 25-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назар гирифта шуда аст.

Инчунин, мувофиқи нақша дар ояндаи наздик мавриди истифода қарор гирифтани дигар иншооти нави тавлиди нерӯи барқ, ба монанди НБО-и Себзор (10 МВт), таҷдиди нерӯгоҳҳои барқи обии «Норак», «Сарбанд», «Қайроққум» ва сохтмони хатҳои

интиқоли барқи 500 кВ дар ноҳияҳои тобеи марказ (200 км) ва CASA 1000 (252 км), барқарорсозии зеристигоҳҳои барқии 220/500 кВ «Равшан», ҷорӣ намудани низоми автоматии идоракунӣ ва назорати нерӯи барқ дар вилояти Суғд, Хатлон ва ноҳияҳои тобеи марказ пешбинӣ гардидааст.

Ба ҳамагон маълум аст, ки бе рушди соҳаи электроэнергетика рушду тараққии иқтисодиёти кишвар ғайриимкон аст. Беҳуда энергетикаро локомотив ва пешбарандаи иқтисодиёт номбар накардаанд.

Баҳри таъмини бемайлони аҳолии ҷумҳурӣ бо нерӯи арзону аз лиҳози экологӣ тозаи барқ, афзоиши иқтидорҳо ва ноил гардидан ба Истиқлолияти комили энергетикӣ давоми 25 соли соҳибистиқлолӣ сохтмону ба истифодадиҳии як қатор иншооти бузурги тавлидотии нерӯи барқ ба роҳ монда шуд, аз ҷумла:

- *Нерӯгоҳи барқи обии "Сангтӯда-1".* Бунёди ин нерӯгоҳ аз ҷиҳати сохту иқтидор ва манфиату аҳамият бешубҳа мавқеи аввалинро дар кишварамон соҳиб аст. Он дар силсилаи Нерӯгоҳҳои барқу обӣ дар дарёи Вахш нерӯгоҳи панҷум ба шумор рафта, 20 январи соли 2008, се моҳ пеш аз муҳлат агрегати якуми нерӯгоҳи мазкур мавриди истифода қарор дода шуда, 1-уми июли соли 2008 агрегати дуюм, 5-уми ноябри ҳамон сол агрегати сеюмаш ва 31-уми июли соли 2009 бошад, агрегати чоруми он бо иштироки бевоситаи Сарони олии ду кишвар - муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти ҳамонвақтаи Федератсияи Россия Д. Медведев расман ба истифода дода шуд.

- *Нерӯгоҳи барқи обии «Сангтӯда 2».* Дигар аз дастоварди бузург дар роҳи расидан ба истиқлолияти энергетикӣ ин мавриди истифода қарор додани нерӯгоҳи барқи обии "Сангтӯда – 2" ба шумор меравад, ки санги асоси он 20 –уми феврали соли 2006 гузошта шуда буд. Нерӯгоҳи мазкур бо харҷи 318,9 млн. доллари ИМА бунёд гардида, 5 сентябри соли 2011 агрегати якум ва 10 сентябри соли 2014 агрегати дуюми он бо иштироки Сарони олии Тоҷикистону Эрон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳасан Руҳонӣ расман ба истифода дода шуд.

- *Сохтмони навбати аввали Маркази барқу гармидиҳии Душанбе 2.* Моҳи августи соли 2012 бо ҶСК «ТВЕА»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой вобаста ба бунёди навбати аввали Маркази барқу гармидиҳии Душанбе 2 бо иқтидори 100 МВт шартнома ба имзо расид. Иншооти мазкур бо тавоноии истеҳсоли 100 МВт нерӯи барқ ва 67,95 Гкал энергияи гармӣ бо харҷи 178 миллион доллари америкоӣ бунёд гардида, агрегати якуми он моҳи январ ва агрегати дуюмаш бошад, моҳи сентябри соли 2014 бо иштироки бевоситаи Сарони ду кишвар Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой Си Ҷинпин расман мавриди истифодабарӣ қарор дода, ба сохтмони навбати дуюми ин иншооти муҳими энергетикӣ бо

иқтидори 2х150 МВт санги асос гузоштанд. Навбати дуюми Маркази барқу гармидиҳии Душанбе 2 бо тавоноии истеҳсоли 300 МВт нерӯи барқ ва 167,9 Гкал энергияи гармӣ бо харҷи 326 миллион доллари америкоӣ то охири соли 2016 бунёд хоҳад гардид.

- *НБО "Помир-1"*. Навбати якуми НБО ""Помир-1" (ду агрегат х 7 МВт) бо тавоноии 14 МВт соли 1994 ва соли 2005 бошад, навбати дуюми он бо тавоноии 14 МВт мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд.

Бо сохтмону ба истифодадиҳии иншооти тақдирсози миллат – НБО "Роғун" бо-иси таъмини боэътимоди тамоми мардуми шарифи диёри маҳбуб, ҳатто дар дурдастта-рин маҳаллаҳо бо нерӯи барқ мегардад.

Дар баробари ин, айни замон, вобаста ба татбиқи лоиҳаҳои «Сохтмони нерӯгоҳи барқи ҳароратии «Фон - Яғноб» ва сохтмони нерӯгоҳҳои барқи обии "Шӯроб", "Айнӣ", "Санобод", «Нуробод-1», «Нуробод-2» ва «Фондарё» корҳои таҳқиқотию ҷустуҷӯӣ идома доранд.

Илова бар ин, тибқи дастуру ҳидоятҳои бевоситаи Сарвари давлат, муҳтарам Ҷаноби Олӣ дар замони истиқлолият дар ҷумҳурӣ дар баробари сохта ба истифода додани иншооти азими энергетикӣ, дар доираи «Барномаи дарозмуддати бунёди силсилаи нерӯгоҳҳои хурди барқӣ дар давраи солҳои 2009-2020» дар якҷоягӣ бо вазорату идораҳои дахлдор ва сармоягузорони ватанӣ ва хориҷӣ оиди сохтмони НБО-и хурд корҳои муайяне ба сомон расонида шудааст. Аз ҷумла, 273 адад нерӯгоҳҳои барқи обии хурд бо иқтидорҳои аз 5 то 4300 кВт сохта ба истифода дода шудааст, ки иқтидори умумии онҳо 24 230 кВт-ро ташкил дода, корҳои сохтмонӣ ва лоиҳакашии 11 адад НБО-и хурд бо иқтидори умумии 12825 кВт ба роҳ монда шудааст.

Ҳамзамон, бо кӯмаку дастгирии бевоситаи ин Роҳбари дурандешу оқил, саховатманду ватанпараст ва шахси нақиб солҳои 2009-2013 2433 адад таҷҳизоти барқдиҳандаи офтобӣ ба оилаҳои камбизоат, муассисаҳои соҳаҳои тандурустию маориф ва дигар иншоотҳои муҳими хоҷагии халқи ноҳияҳои Варзоб, Ванҷ, Ишкошим, Рӯшон, Дарвоз, Шуғнон, Рошқалъа, Абдураҳмони Ҷомӣ, Фархор, Шӯрообод, Мурғоб, Балҷувон, Ховалинг, Айнӣ ва Куҳистони Мастчоҳ дастрас карда шудааст, ки иқтидори муқарраргардидаашон 88,7 кВт-ро ташкил медиҳад.

Бо дарназардошти ин, маврид ба зикр аст, ки барои боз ҳам беҳтар намудани соҳаи электроэнергетикаи кишвар ва пурра ноил гардидан ба Истиқлолияти воқеии энергетикӣ талошҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боризу баҳснопазир аст.

Маҳз кӯшишҳои ин роҳбари оқилу дурандеш буд, ки созмонҳои байналмилаллии молиявӣ барои беҳбудии иқтисодиёти ҷумҳурии тозаистиқлоли мо маблағгузорӣ менамоянд, ки соҳаи энергетика низ аз он истисно нест.

Тоҷикистон кишвари дорои захираҳои бузурги нерӯи обӣ буда, дар ҳолати истифодаи пурраи ин иқтидор дар ояндаи наздик метавонад ба давлатҳои ҳамсоя нерӯи барқро ба андозаи боз ҳам зиёд интиқол дода, вазъияти молиявии худро ба маротиб беҳ намояд. Дар даврони истиқлолияти давлатиамон дар баробари сохта ба истифода додани нерӯгоҳҳои обии барқӣ чандин хатҳои интиқоли барқи баландшиддат низ мавриди истифода қарор дода шуданд, ки баъди мавриди баҳрабардории онҳо боз як қадами устувор дар роҳи расидан ба ҳадафи стратегӣ – истиқлолияти энергетикии кишвар гузошта шуд. Чунончӣ:

- *Хати интиқоли барқи 500 кВ «Ҷануб Шимол»*. Моҳи майи соли 2006 байни ШСХК «Барқи Тоҷик» ва ҶСК «ТВЕА»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой вобаста ба бунёди хати интиқоли барқи 500 кВ «Ҷануб-Шимол» шартнома ба имзо расид. Хати интиқоли барқи 500 кВ «Ҷануб Шимол» ба масофаи 263,82 км ва ду адад зеристгоҳи барқии 500 кВ бо ҷалби 281,3 миллион доллари америкоӣ бунёд гардида, он 29 ноябри соли 2009 бо иштироки бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомали Раҳмон расман мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд. Дар натиҷаи татбиқи лоиҳа шабакаҳои барқии шимол бо шабакаҳои барқии ҷанубӣ пайваст гардида, низоми ягонаи энергетии кишвар таъсис дода шуд.

- *Хати интиқоли барқи 220 кВ «Лолазор-Хатлон».* Моҳи майи соли 2006 бо ҶСК «ТВЕА»-и Ҷумҳурии Халқии Хитой вобаста ба бунёди хати интиқоли барқи 220 кВ «Лолазор-Хатлон» шартнома ба имзо расид. Хати интиқоли барқи 220 кВ «Лолазор-Хатлон» ба масофаи 56,34 км ва ду адад зеристгоҳи барқии 220 кВ бо ҷалби 58,1 миллион доллари америкоӣ бунёд гардида, санаи 17 июни соли 2009 хати интиқоли барқи мазкур пеш аз муҳлат бо иштироки бевоситаи Президенти кишвар, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд. Дар натиҷаи татбиқи лоиҳа, таъминоти нерӯи барқ дар минтақаи Кӯлоб дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда шуда, шабакаҳои барқии мавҷудбуда аз серборӣ озод карда шуданд.

- *Хати интиқоли барқи 220 кВ «Тоҷикистон-Афғонистон».*Моҳи декабри соли 2008 бо ширкати ҳиндустонии КЕС вобаста ба бунёди хати интиқоли барқи 220 кВ «Тоҷикистон-Афғонистон» шартнома ба имзо расид. Татбиқи воқеии лоиҳа, моҳи январи соли 2010 оғоз гардида, сохтмони қисмати тоҷикистонии он ба масофаи 116 км моҳи феврали соли 2011 ба анҷом расид. Бо ба анҷом расидани корҳои сохтмонии қисмати афғонистонии лоиҳа, хати интиқоли барқи мазкур 27 октябри соли 2011 расман мавриди истифодабарӣ қарор дода шуд. Дар натиҷаи татбиқи лоиҳа низоми энергетикии кишвар ба низоми энергетикии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон пайваст гардида, барои содироти нерӯи барқ дар фасли тобистон ва пайдо намудани мавқеъ дар бозори минтақавии фурӯши нерӯи барқ заминаи мусоид фароҳам оварда шуд.

Дар баробари ин, барои интиқоли барқ дар мавсими тобистон аз ҷумҳуриҳои Тоҷикистон ва Қирғизистон ба Ҷумҳуриҳои Исломии Афғонистон ва Покистон татбиқи лоиҳаи Лоиҳаи минтақавии CASA – 1000 пешбинӣ гардидааст. Асосноккунии техникӣ-иқтисодии Лоиҳаи минтақавии CASA – 1000 аз ҷониби ширкати канадагии SNC Lavalin таҳия гардида, бо қарори Шӯрои байниҳукуматии Лоиҳаи минтақавии CASA – 1000 моҳи сентябри соли 2011 тасдиқ гардидааст. Татбиқи ин лоиҳа самти муҳими рушди ҳамкориҳои мо бо кишварҳои Қирғизистон ва Афғонистону Покистон дар соҳаи энергетика ба ҳисоб рафта, амалӣ гардидани ин ҳадаф имконият фароҳам меорад, ки Тоҷикистон баъд аз ба итмом расонидани сохтмони иқтидорҳои бузурги энергетикӣ таҳвилу содироти миқдори боз ҳам бештари нерӯи барқи изофагиро ба ин кишварҳо ва умуман ба минтақа пайдо менамояд.

Мувофиқи лоиҳа фурӯшандагони нерӯи барқ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Қирғизистон имкон пайдо менамоянд, ки дар давраи фаровонии нерӯи барқ аз моҳи апрел то моҳи октябр 5 млрд. кВт соат (аз ҷумла, тақрибан 3 млрд. кВт соат Тоҷикистон ва 2 млрд. кВт соат Қирғизистон) барқро ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон таҳвил.диҳанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои захираҳои бузурги барқароршавандаи гидроэнергетикӣ ва дигар захираҳои тавлидкунандаи нерӯи барқ мебошад, ки ҳангоми мавриди истифода қарор додани онҳо мамлакати мо натанҳо эҳтиёҷоти худиро бо нерӯи барқ пурра қонеъ мегардонад, инчунин имкон пайдо мекунад, ки содироти онро ба хориҷи кишвар ба роҳ монда, дар ин замина имконоти мусоидро барои рушди иқтисоди кишвар ва минтақа ба даст орад. Маълум аст, ки беҳтаргардии сатҳи зисту зиндагии мардум, рушди бонизоми соҳаҳои мухталифи кишвар дар замони муосир аз соҳаи энергетика вобастагии зич дорад. Танҳо он ҳангом мо бо дастовардҳои назаррасе дар ин соҳа дастёб мегардем, ки мутахассисони баландпоя дар ин соҳаи мазкур тарбият ёфта, саҳмгузор дар рушди устувори он гарданд. Махсус мебояд қайд намуд, ки ҳама сарҷамъу якдилона баҳри дар ҳаёт татбиқ намудани дастуру ҳидоятҳои бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки баҳри боз ҳам пешрафту тараққӣ, ободу нурафшон гардидани минтақа ва некуаҳволии мардуми шарифи тоҷику тоҷикистонӣ равона карда шудааст, кӯшишу ғайрат намоем, то ба дастовардҳои боз ҳам баланди меҳнатӣ ноил гардида, мақому мавқеи боз ҳам пурнуфузтарро дар арсаи ҷаҳонӣ пайдо намоем.

ЭНЕРГЕТИКА ТАДЖИКИСТАНА: ОБЕСПЕЧЕНИЕ УСТОЙЧИВОГО РАЗВИТИЯ СТРАНЫ И СОТРУДНИЧЕСТВА В РЕГИОНЕ

Дж. НАЗИРОВ,
главный специалист Министерства энергетики и водных ресурсов
Республики Таджикистан.
734064, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Шамси 5/1,
тел.: (+992 37) 235-35-66.

В статье анализируются достижения в развитии энергетики Республики Таджикистан. Даны оценки по реализации инвестиционных проектов в системе энергетики республики.

***Ключевые слова**: энергетика, энергетическая безопасность, генерация энергии, энергетические проекты*

ENERGY: SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN AND INTERNATIONAL COOPERATION IN THE REGION

J. NAZIROV,
chief specialist of the Ministry of Energy and Water
Resources of the Republic of Tajikistan.
734064, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Shamsi str. 5/1,
ph.: (+992 37) 235-35-66.

The article analyzes the achievements in the development of Energy of the Republic of Tajikistan. It is given the estimations for the implementation of investment projects in the energy system of the republic.

***Keywords**: energy, energy security, energy generation, energy projects.*

УДК 621.472

ТАҲҚИҚ ВА ТАТБИҚИ МАНБАЪҲОИ БАРҚАРОРШАВАНДАИ ЭНЕРГИЯ ДАР 25-СОЛИ ИСТИҚЛОЯТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН

М.И. ИЛОЛОВ,

академики АИ ҶТ, директори Маркази рушди
инноватсионии илм ва технологияҳои нави АИ ҶТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33,
тел.: (+99237) 221-83-90, E-mail: ilolov.mamadsho@gmail.com

Ҳ.М. АХМЕДОВ,

академики АИ ҶТ, муовини директори Маркази рушди
инноватсионии илм ва технологияҳои нави АИ ҶТ
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33,
тел.: (+99237) 221-35-67, E-mail: khakim48@mail.ru

Дар мақола доир ба таҳқиқ ва татбиқи манбаъҳои барқароршавандаи энергия (МБЭ) дар 25- соли Истиқлояти Давлатии Тоҷикистон маълумоти зарурӣ дода шудааст. Натиҷаи таҳқиқи захираҳои МБЭ, неруи умумӣ, техникӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ мақсаднок арзёбӣ гардиданд. Имконияти истифодаи МБЭ дар Тоҷикистон, аз ҷумла энергияи офтоб, шамол, гидроэнергетикаи хурд, геотермалӣ ва биомасса нишон дода шудааст. Хамчунин, нишон дода шудааст, ки ҳиссаи МБЭ дар сохтори истеъмолии энергетикии Тоҷикистон алҳол 0.06%-ро ташкил медиҳад ва аз ҳама навъҳои МБЭ – гидроэнергетикаи хурд, гармитаъминкунии офтобӣ ва энергияи биомасса васеъ истифода шуда метавонад.

Калидвожаҳо: *энергия, манбаъи барқароршаванда, тавоноӣ, мегаватт, сӯзишвории шартӣ, фотоэлектрикӣ коллекторҳои офтобӣ, неругоҳи шамолӣ, неругоҳӣ обӣ, геотермалӣ.*

Майлу рағбати зиёде, ки якбора дар охири асри гузашта ва ибтидои асри нав нисбат ба манбаҳои барқароршавандаи энергия (энергияи офтоб, энергияи шамол, гидроэнергетика, энергетикаи геотермалӣ, сӯзишвории моеъ ва газшакл аз маҳсулоти растанӣ) ба вуҷуд омад, тасодуфӣ нест. Сабаби якуми ин оғоз гардидани «буҳрони энергетикӣ» дар миёнаи солҳои 70-уми асри XX аст, ки дар натиҷа нархҳои ҷаҳонӣ ба нафт танҳо дар чаҳор сол 15 маротиба афзоиш ёфтанд. Сабаби дуюм, ба маҳдуд будан ва

коҳиш ёфтани захираҳои маъданӣ (нафт, газ, ангиштсанг) алоқаманд аст, ки онҳо заминаи асосии тамоми энергетикаи ҷаҳонӣ мебошанд. Дар натиҷа дар назди инсоният вазифаи муҳиме пеш омад, ки ин захираҳоро оқилона истифода кунад ва ҳамчунин манбаъҳои дигари алтернативии барқароршавандаи энергияро ҷустуҷӯ намояд. Сабаби сеюми афзоиши майлу рағбат ба *манбаъҳои барқароршавандаи энергия* аз он вобаста аст, ки маҳз сӯзондани сӯзишвории маъданӣ боиси зиёд гардидани газҳои парникӣ гардидааст, ки ин дар навбати худ ба гармшавии глобалии иқлим бо оқибатҳои манфӣ оварда мерасонад.

Динамикаи истеъмоли энергия ва нишондиҳандаҳои экологии бо гази карбон заҳролудшавиро таҳлил намуда, дорандаи Ҷоизаи Нобелӣ, академик Н.Н. Семёнов навиштааст: «Истифодаи босуръати захираҳои сӯзишвории маъмулӣ ва зиёд шудани гази карбон дар фазо дар оянда масъалаи бунёди захираи нави энергетикаи ҷаҳониро дар назди инсоният пеш мегузорад. Замони бунёди ин захира хеле кам аст ва ба назарам тақрибан 100 солро дар бар мегирад»[1].

Айни ҳол амнияти глобалии энергетикӣ ва рушди сиёсати зиддибуҳронии энергетикӣ аз масъалаҳои хеле муҳим ба шумор меравад.

Дар айни замон технологигардонии истифодаи *манбаъҳои барқароршавандаи энергия* бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла табдили мустақими энергияи офтоб ба энергияи электрикӣ (неруи барқ), сохтани таҷҳизоти гуногуни тепломеханикӣ, ҳамчунин системаҳои конверсияи офтоб ба сӯзишворӣ мавриди амал қарор дорад. Конверсияи энергияи офтоб ба сӯзишворӣ босуръат рушд карда, ба омили муҳими энергетикӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва экологӣ табдил ёфта истодааст. Ба вуҷуд овардани сӯзишвории биологӣ ва таъсиси саноати ин сӯзишворӣ ба дараҷаи назаррас ба таъмини энергетикии нақлиёт равона карда шудааст. Майлу рағбати афзоянда ба ин навъи сӯзишворӣ ба он алоқаманд аст, ки энергетикаи нақлиёт як бахши васеъ ва ҳассоси иқтисодиёти муосир мебошад. Ба эҳтиёҷоти нақлиёт аллакай қариб 40%-и захираҳои энергетикии ҷаҳонӣ харҷ мешаванд ва афзоиш дар ин самт 45-50% пешбинӣ мегардад. Дар айни замон талаботи нақлиёт ба андозаи 95% ба воситаи карбогидридҳои нафт қонеъ гардонида мешавад.

Тоҷикистон барои дастрас намудани гази табиӣ ва нафт аз хориҷи кишвар имкониятҳои хеле маҳдуд дорад. Дар мамлакат захираҳои назарраси ангишт мавҷуд аст, вале онҳо аз сабаби набудани роҳҳои хуб дар ноҳияҳои кӯҳсор ва таҷҳизоти муосир барои дарёфти он дар ҳаҷми начандон калон истифода мешаванд. Дар айни замон барои Тоҷикистон беҳтарин алтернатива барои энергетикаи анъанавӣ истифодаи *манбаъҳои барқароршавандаи энергия* мебошад.

Дар солҳои Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Барномаи комплексӣ ва мақсадноки истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар Тоҷикистон барои солҳои 2007-2015» қабул гардидаанд.

Қонуни мазкур муносибатҳои ҳуқуқиеро, ки байни мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар соҳаҳои истифодаи пурсамар ва афзалиятноки манбаъҳои барқароршавандаи энергия ба миён меояд, танзим намуда, асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва иқтисодии сарфаҷӯии беш аз пеши энергия, ҳифзи муҳити зист, кам кардани таъсири номатлубро ба иқлим, сарфаю сариштаи манбаъҳои барқароршавандаи энергияро барои наслҳои оянда муайян менамояд.

Ҳамчунин бо мақсади гузаштан ба роҳи инноватсионии илм, истифодаи самараноки коркардҳои илмию технологӣ ва ихтироот, татбиқи технологияҳои нав дар истеҳсолот, ҷустуҷӯи манбаъҳои ғайрибуҷетии маблағгузории коркардҳои илмӣ ва таҳияи равияҳои афзалиятноки рушди илм бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 августи соли 2011 таҳти №394 дар назди Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Муассисаи давлатии илмии «Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нав» таъсис дода шудааст, ки он дар самти «коркард ва ба вуҷуд овардани технологияҳои инноватсионии истеҳсол, истеъмол ва сарфаи энергия дар асоси захираҳои энергетикии офтобӣ, шамолӣ, биологӣ ва геотермалӣ, пешниҳоди тавсияҳо оид ба татбиқи амалии ин технологияҳо ва тиҷоратигардонии онҳо» таҳқиқот мебарад.

Дар натиҷаи амалӣ гаштани Барномаи мақсадноки истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия намунаҳои системаҳои ояндадори энергетикаи барқароршаванда коркард ва таҳқиқ шуда, дар асоси онҳо дастгоҳҳои намоишӣ ва таҷрибавӣ ҷиҳати истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия (МБЭ) сохта шудаанд. Барои сохтани ҷузвҳои асосии дастгоҳҳои обгармкунаки офтобӣ (коллекторҳои офтобӣ) дар асоси ашё ва маводи худӣ заминаи истеҳсолӣ ба вуҷуд оварда шудааст. Нашри китобу брошюраҳо, варақаҳои таблиғотиву иттилоотӣ ва дастурамалҳо дар бораи истифодаи МБЭ ва дастгоҳҳои энергетикаи барқароршаванда, гузаронидани тренингҳо ва омӯзонидани табақаҳои гуногуни аҳолии мамлакат доир ба имконияти истифодаи васеъ ва оқилонаи дастгоҳҳои энергетикаи барқароршаванда бо намоиш додани таҷҳизотҳои амалкунанда, ки дар доираи Барномаи мазкур сохта шудаанд, барои баланд гаштани сатҳи дониш ва малакаи аҳолии кишвар дар соҳаи энергетикаи барқароршаванда мусоидат хоҳад намуд [2-4].

Олимони Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон захираҳои *манбаъҳои барқароршавандаи энергия*ро таҳқиқ намуда, нерӯи умумӣ, техникӣ ва аз ҷиҳати иқтисодӣ мақсадноки онҳоро дар Тоҷикистон арзёбӣ карданд [4].

Бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонии истифодаи энергетикаи барқароршаванда, зариб (коэффисиент)-ҳои табдилдиҳии энергияи офтобӣ, масоҳатҳои батареяҳои офтобӣ барои кор ба як шахс ва миқдори аҳолии Тоҷикистон тавоноии умумии имконпазири энергияи офтобӣ дар Тоҷикистон ба 2620 МВт, неруи техникӣ ба 1494 МВт, неруи аз ҷиҳати иқтисодӣ мақсаднок ба 545.2 МВт (1.49 млн. т.с.ш./сол) арзёбӣ гардидаст [4].

Дар айни замон аҳамияти энергияи офтобӣ барои соҳаи иҷтимоию маишӣ хеле бузург аст. Афзалиятҳои калони энергияи офтобӣ дар ин бахш аз набудани зарурати рушди хатҳои интиқоли неруи барқ, ба таври зуд ҷорӣ кардан ва ба истеъмолкунандагони инфиродӣ нигаронида шудани он иборат мебошад.

Бо дарназардошти он ки масоҳати умумии ҷойгиршавии нерӯгоҳҳои барқии шамолӣ (НБШ) 10%-и марзи ҳамвори ҷумҳуриро ташкил дода метавонад ва ба эътибор гирифтани таҷрибаи мамлакатҳои мутараққӣ оид ба он ки масоҳати хоси ҷойгиркунии НБШ ба 260 м²/кВт баробар аст, муқаррар шудааст, ки неруи техникии энергетикаи шамолии Тоҷикистон 3852.7 МВт (10.12 млн. т.с.ш./сол)-ро ташкил медиҳад [4].

Асоси энергетикаи Тоҷикистонро гидроэнергия ташкил медиҳад. Омӯзиши мунтазами захираҳои гидроэнергетикии Тоҷикистон аз солҳои 30-уми асри гузашта оғоз гардида буд. Соли 1933 захираҳои имконпазири дарёҳои Тоҷикистон ба андозаи 11.5 млн. кВт арзёбӣ гардида буд. Зимни тартиб додани кадастри энергияи обии Иттиҳоди Шӯравӣ дар соли 1934 ин рақам то 26.8 млн. кВт зиёд карда шуд. Минбаъд ба таҳлили муфассали ин масъала Шуъбаи осиёимиёнагии институти «Гидропроект»-и ба номи С.Я. Жукаи Вазорати энергетикаи Иттиҳоди Шӯравӣ ва Шуъбаи тоҷикистонии илмию таҳқиқотии энергетикаи Сарэнергетикаи Тоҷикистон (Таджикглавэнерго) машғул шуданд. Захираҳои ниҳоии имконпазири неруи гидроэнергетикии Тоҷикистон чунин арзёбӣ шудааст: иқтидори миёнаи солона – 60167 МВт; энергияи миёнаи солона – 527.06 ТВт. соат [5].

Захираҳои энергетикии гидроэнергетикаи хурди Тоҷикистон чунин арзёбӣ шудааст: иқтидори имконпазир – 21057.0 МВт; иқтидори саноатӣ – 6813 МВт ва иқтидори иқтисодӣ – 6813 МВт [5]. Маҳз нисбат ба гидроэнегетикаи хурд дар ҷумҳурӣ ба таври муътадил ҳамаи шартҳои таъминкунандаи рушди бомувафаққияти он иҷро мешаванд. Муҳимтар аз ҳама дарёҳои хурд дар тамоми марзи ҷумҳурӣ амалан мунтазамона

тақсим шуда, дорои захираи бузург мебошанд. Ин имкон медиҳад, ки дар Тоҷикистон сохтмони неругоҳҳои хурди барқии обӣ ба таври васеъ ба роҳ монда шавад.

Таҷрибаи мамлакатҳои дигар нишон медиҳад, ки обҳои гармро, агар ҳарорати онҳо на камтар аз 250^{0}С, ҳатто 300^{0}С бошад, барои истеҳсоли неруи барқ истифода кардан мумкин аст.

Барои гармитаъминкунӣ манбаъҳои обҳои гармро бо ҳарорати бештар аз 60^{0}С истифода кардан мумкин аст. Дебити умумии 8 адад чунин манбаъҳо дар Тоҷикистон баробари 20.25 л/с аст.

Манбаъҳои боқимондаро танҳо барои таъминкунӣ бо оби гарм истифода бурдан мумкин аст.

Захираҳои неруҳои имконпазири 28 адад манбаъҳои маълуми геотермалии Тоҷикистон ба 151 млн. кВт. соат баробар аст, ки ин мувофиқ ба иқтидори 17.2 МВт аст [4].

Дар Тоҷикистон истеҳсол ва коркарди зироатҳои кишоварзии барои соҳаи энергетика пурсамар, монанди бед, ҷуворимакка, сафедор (ар-ар) ва найшакар вуҷуд надорад. Масалан, дар баъзе мамлакатҳо истифодаи найшакар то 40% талаботи истеҳсолотро ба сӯзишворӣ таъмин менамояд. Ҳамчунин интизор будан душвор аст, ки дар ояндаи наздик дар мамлакат парвариши васеи зироатҳои махсуси техникӣ барои коркарди техникӣ ба роҳ монда мешавад. Бинобар ин ба сифати маҳсулоти хоси барои сӯзишвории биологии ҷумҳурӣ айни ҳол зарур аст танҳо ба захираҳои мавҷуда бояд такя кард. Ба ин гуна захираҳо партовҳои ҳайвонот ва паранда, партовҳои пахтапарварӣ (ғӯзапоя), партовҳои кишоварзӣ (пояҳои картошка, баргҳои офтобпараст, топинамбур ва дарахтон, қамиш), ҳамчунин қисман чӯби ҷангалҳои мавҷуда мансубанд.

Бо дарназардошти саршумори ҳайвони калон ва хурди шохдор, парранда, партовҳои растанипарварӣ, захираҳои энергетикии биомасса дар Тоҷикистон ба андозаи 1614 МВт арзёбӣ карда мешавад [4].

Ҳамин тариқ, захираҳои *манбаъҳои барқароршавандаи энергия* бо чунин бузургиҳо арзёбӣ карда мешаванд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1

*Захираҳои МБЭ дар Тоҷикистон, млн. т.с.ш. дар як сол**

Захираҳо	*Неруи умумӣ*	*Неруи техникӣ*
179.2	*107.4*	*107.4*
62.7	*20.3*	*20.3*
4790.6	*3.92*	*1.49*
4.25	*4.25*	*1.12*
163	*10.12*	*5.06*
0.045	*0.045*	*0.045*
5199.795	*38.635*	*28.015*

**Арзёбии муаллифон*

Имкониятҳои истифодаи захираҳои энергетики барқароршаванда дар Тоҷикистон.

Энергияи офтобӣ.Дар айни замон муҳимтарин самтҳои истифодаи амалии энергияи офтобӣ барои Тоҷикистон инҳо мебошанд:

- ба даст овардани неруи барқ бо роҳи табдилдиҳии мустақими энергияи офтобӣ бо усулҳои фотоэлектрикӣ ва термодинамикӣ;

- бо гармӣ ва сардӣ таъмин намудани истеъмолкунандагони инфиродии объектҳои манзилию коммуналӣ ва саноатӣ.

Дар Тоҷикистон намунаҳои таҷрибавии обгармкунакҳои гуногунсохт, хушкгардонак ва ошпазакҳои офтобӣ, гармхонаҳои офтобӣ сохта шудаанд [6].

Таҷрибаи муайяни кор оид ба татбиқи энергияи офтоб барои гарм кардани гармхонаҳо, хушк кардани пахта ва меваҳо мавҷуд аст [7]. Аз тарафи олимони Институти физика ва техникаи ба номи С.У. Умарови Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳосил кардани парда (пленка)-ҳои тунуки гетеросохторҳо дар асоси нимноқилҳои органикӣ ва ғайриорганикӣ барои сохтани таҷҳизоти самарабахши табдилдиҳии энергияи офтоб ба неруи барқ (энергияи электрикӣ) ва таҷҳизоти дигари техни-

каи электронӣ, ҳамчунин сохтани фотоҷузъиёт барои табдилдиҳии тобиш (радиатсия)-и офтобӣ ба неруи барқ таҳқиқот гузаронида, натиҷаҳои назаррас ба даст оварда шудаанд.

Дар асоси сохторҳои гибридӣ (моддаи органикӣ дар Si ва GaAs) фотоҷузъиёт бо коэффисиенти кори фоиданоки 3-10% ва қосидак (датчик)-ҳои фотоэлектрикӣ (барои диапазони 100-1000 мм) сохта шудаанд.

Ҷузъиёти офтобӣ, пойгоҳи офтобии фотоэлектрикӣ, ошпазакҳои офтобӣ, таҷҳизоти офтобии обгармкунанда ва биогазӣ коркард, тайёр ва таҳқиқ карда шудаанд, ки дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калони амалӣ доранд.

Нишондиҳандаҳои иқтидорӣ ва самаранокии кори модулҳои фотоэлекрикӣ дар давоми рӯз ва фаслҳои гуногуни сол омӯхта шудаанд. Схемаи пайваст кардани пойгоҳи фотоэлектрикӣ ба шабакаи барқии амалкунанда пешниҳод шудааст.

Аз тарафи олимони Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон обгармкунаки офтобии сода бо коллектори ҳамворӣ дар асоси алюминии Корхонаи алюминии Тоҷик коркард шудааст [8-9]. Нишон дода шудааст, ки ҳарорати миёнаи максималии об ба 56,8^{0}С баробар буда, самаранокии дастгоҳ дар зимистон – 32%, тобистон – 53%, баҳору тирамоҳ 41%-ро ташкил медиҳад.

Бо усули мониторинги ҳарорат дар дохил ва беруни модели амалкунандаи «Хонаи офтобӣ» саҳми манбаи нофаъоли гармии радиатсияи офтоб, ки тариқи тиреза барои гарм кардани «Хонаи офтобӣ» ворид мешавад, дар фасли зимистон муайян карда шудааст [10]. Нишон дода шудааст, ки ҷамъи моҳонаи радиатсияе, ки аз тариқи равзанаи модел ворид мешавад, 3706.8 Вт. соатро дар моҳи январ ва 4015.1 Вт. соатро дар моҳи феврал ташкил медиҳад.

Дастгоҳи гибриди офтобии навъи «модул-коллектори фотоволти» коркард шудааст [11]. Дастгоҳи мазкур ба туфайли дар як тана васл намудани модул ва коллектор имкон медиҳад, ки самаранокии миёнаи модули фотоэлектрикӣ, коллектори обӣ ва ҳавоӣ дар шароити табиӣ баланд гардад ва энергияи электрикӣ, гармӣ барои гарм кардани бино ва об бо талафи кам ба даст оварда шаванд.

Дар асоси гетеросохтори ҳаҷмии нимноқилҳои органикии фталосианини мис (CuPc) ва фталосианини бе металл (H_2Pc) элементи фотоэлектрикӣ (фотоэлемент) коркард ва таҳқиқ шудааст. Спектри фурӯбарии фотоэлементи ITO/CuPc-H_2Pc/Al дарозии мавҷро дар фосилаи 200-850 нм фаро мегирад, ки онро барои коркарди асбобҳои фотоэлектрикӣ истифода кардан мумкин аст.

Бо дастгирии молиявии ташкилотҳои байналмилалӣ дар солҳои охир лоиҳаҳои зиёди грантӣ оид ба насби НБО-ҳои хурди автономӣ, неругоҳҳои офтобии фотоэлектрикӣ, дастгоҳҳои энергетикии шамолӣ, дастгоҳҳои офтобии обгармкунанда, ошпазакҳои офтобӣ ва дастгоҳҳои биогазӣ асосан барои истиқоматкунандагони деҳоти алоҳидаи кӯҳӣ ичро карда шудаанд. Азбаски талаботи зиёдтарини энергетикӣ дар фасли тобистон ба радиатсияи зиёдтарини офтобӣ мувофиқ меояд, пас хунуккунӣ низ самти ояндадори истифодаи энергияи офтобӣ мебошад. Вобаста ба ин дар Тоҷикистон энергияи офтобро барои ҳосил кардани хунукӣ дар яхдонҳои офтобӣ, хунуккунии анборҳои сабзавот, биноҳои саноатӣ ва аҳолинишин истифода кардан мумкин аст. Вале ҳоло дар ин самт дар Тоҷикистон корҳо рушд накардааст.

Ғайр аз ин, дар Тоҷикистон вобаста ба гаронии неругоҳҳои офтобии фотоэлектрикӣ ва консентраторҳои энергияи офтобӣ ҳосил кардани неруи барқ бо роҳи табдилдиҳии мустақими энергияи офтобӣ бо усулҳои фотоэлектрикӣ ва термодинамикӣ ҳоло дар бахши манзилию коммуналӣ ва саноатии иқтисодиёт татбиқи васеи амалӣ наёфтааст. Таҷрибаи истифодаи неругоҳҳои офтобии фотоэлектрикии дорои тавоноии аз 0.15 кВт то 5 кВт аз тарафи истеъмолкунандагони алоҳида, аз ҷумла дар байни аҳолӣ дар пойгоҳҳои обуҳавосанҷӣ ва зилзиласанҷӣ дар Интернет-марказҳо ва синфҳои компютерӣ мавҷуд аст.

Ҳамчунин, Ҷамъияти саҳҳомии шакли кушодаи «Системавтоматика» бо дастгирии молиявии Иттиҳоди Аврупо, Ташкилоти Миллали Муттаҳид, Ҳукумати Япония, Бонки рушди Осиё, Сафоратхонаи ИМА ба васл намудан ва хизматрасонии дастгоҳҳои энергетикаи барқароршаванда дар қаламрави ҷумҳурӣ машғул аст.

Аз ҷумла, аз тарафи ҷамъияти мазкур тайи солҳои охир системаҳои офтобии тавлиди барқ дар Маркази тиббии ҷумҳуриявии «Қараболо» (бо тавоноии 120 кВт), Маркази тиббии гинекологии ш. Душанбе (таваллудхонаи №1 бо тавоноии 40 кВт), дар боми бинои Вазорати энергетика ва захираҳои оби Тоҷикистон (бо тавоноии 15 кВт), дар бинои истиқоматии 13 ошёна дар ш. Душанбе (бо тавоноии 15 кВт), дар боми Маҷмааи спортии Бонки миллии Тоҷикистон (бо тавоноии 5 кВт) ва дар муассисаву ташкилотҳои гуногуни ҷумҳурӣ системаҳои офтобии тавоноиаш гуногун барои истеҳсол кардани оби гарм васл намуда, ба истифода дода шудаанд.

Дар давраи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи хоҷагиҳое, ки энергияи офтобро барои парвариши гул, сабзавот, кабудӣ, лимӯ ва дигар маҳсулоти кишоварзӣ тавассути гармхонаҳои офтобӣ истифода мебаранд, хело зиёд гардидааст. Ҳоло дар аксарияти ноҳияҳои ҷумҳурӣ хоҷагиҳои деҳқонӣ аз технологияҳои парвариши маҳсулоти кишоварзӣ дар гармхонаҳои офтобӣ васеъ истифода бурда, аҳолии кишвар-

ро, хусусан дар фасли тирамоҳу зимистон ва баҳор бо сабзавоти тару тоза, лимӯ, кабудӣ ва ғайра таъмин карда, қисман ба хориҷи кишвар низ содир менамоянд.

Вале барои парвариш ва ба даст овардани ҳосили баланди маҳсулот, ки ба бозор таъсир расонад, бояд гармхонаҳои аҳамияти саноатидошта сохта шаванд.

Ҳол дар ҷумҳурӣ дар вилоятҳои Суғд, Хатлон, дар ноҳияи Ҳисор маҷмааи чунин гармхонаҳо сохта шудаанд. Вале шумораи онҳо хело каманд. Аз рӯи маълумоти Сари-дораи растанипарварии Вазорати кишоварзии Тоҷикистон дар гармхонаҳои доимо-амалкунанда то моҳи феврали соли 2013 154 тонна помидор, 74,0 тонна – бодиринг ва 113 тонна дигар намуди сабзавот парвариш карда шудааст.

Энергияи шамол. Самаранокии кори нерӯгоҳҳои шамолӣ дар моҳи июл - 55%, дар моҳи январ – 100%-ро ташкил медиҳад. Варианти муносиби истифодаи энергияи шамол ва офтоб дастгоҳи дар як система ҷамъкардашудаи энергетикаи шамолӣ ва офтобии фотоэлектрикӣ мебошад. Ба ин монанд системаҳои гибридӣ маҳсулнокии самарабах-штари неруи барқро нисбат ба дастгоҳҳои алоҳидаи шамолӣ ва фотоэлектрикӣ таъмин менамояд.

Бо дарназардошти он ки дар марзи Тоҷикистон дар моҳҳои тирамоҳу зимистон (ноябр-март) суръати миёнаи шамол дар ағбаҳои Анзоб, Шаҳристон, Хабуробод, дар маҳалҳои аҳолинишини Хуҷанд, Файзобод, Шӯробод, Ховалинг, Қайроққум ва пиряхи Федченко дар баландии 10 м аз сатҳи замин 5 м/с-ро ташкил медиҳад, истифодаи си-стемаҳои ҷамъкардашуда (гибридӣ), ки аз неругоҳи энергетикаи шамолии хурд ва неру-гоҳи офтобии фотоэлектрикӣ иборат аст, барои ҳосил кардани неруи барқ дар маҳалҳои ишорашуда мувофиқи мақсад аст ва аз нигоҳи иқтисодӣ фоидаовар мебошад.

Истифодаи энергияи шамол дар Тоҷикистон дар айни замон дар марҳилаи оғоз қарор дорад. Аз соли 2009 сохтмони 4 неругоҳи энергетикаи шамолӣ бо иқтидори ҳар яке 20 кВт дар ҷануб ва шимоли мамлакат шурӯъ шудааст.

Гидроэнергетикаи хурд. Дар соли 1953 дар ҷумҳурӣ 53 НБО-и хурд бо иқтидори умумии 12 МВт кор мекарданд. То ба истифода додани НБО-и Норак ва пайваст кар-дани системаи энергетикии Тоҷикистон ба системаи ягонаи энергетикии Иттиҳоди Шӯравӣ дар ҷумҳурӣ 69 НБО-и хурд бо иқтидори умумии 32 МВт мавриди истифода қарор доштанд.

Бо дарназардошти нақши НБО-и хурд дар таъмини энергетикии ноҳияҳои дуре, ки дар онҳо норасоии энергия вуҷуд дорад, ҳамчунин бо дарназардошти аҳамиятнок буда-ни сохтмони НБО-и хурд Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори аз 2 феврали соли

2009 таҳти №73 «Барномаи дарозмуддати сохтмони НБО-и хурд дар давраи солҳои 2009-2020»-ро қабул намуд.

То аввали соли 2013 дар мамлакат 181 НБО-и хурд бо тавоноии умумии 15180 кВт сохтаву мавриди истифода қарор дода шуданд.

Татбиқи пурраи Барномаи зикршуда имкон медиҳад, ки дар ҳудуди Тоҷикистон 70 НБО-и хурд бо иқтидори имконпазирии 79578 кВт ва энергияи потенсиалии 479211 МВт. соат сохта, мавриди истифода қарор дода шавад.

Олимони Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АИ ҶТ нишон додаанд [12-13], ки истифодаи самараноки захираҳои гидроэнергетикаи хурди Тоҷикистон, аз ҷумла тавассути сохтани микро-НБО ва мини- НБО бо иқтидори аз 1 кВт то 1000 кВт дар маҳалҳои дур аз хати интиқоли барқ дар кӯҳистон имкон медиҳад:

- *истифодаи захираҳои табии кӯҳҳо фаъол гардонида шавад;*
- *шароити зисти аҳолии маҳаллӣ беҳтар гардад;*
- *истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва коркарди он афзун карда шавад;*
- *неруи рекратсионии ҳудудҳои кӯҳистон васеъ ва пурра истифода гардад;*
- *таъсири антропогенӣ коҳиш дода шуда, экологияи муҳити зист беҳтар шавад;*
- *рушди иқтисодиёт, пеш аз ҳама соҳибкории хурд дар ин маҳалҳо таъмин карда шавад;*
- *тахассуси мутахассисони маҳаллӣ дар соҳаи сохтмон ва истифодаи микро-НБО ва мини- НБО баланд бардошта шавад.*

Энергияи геотермалӣ. Обҳои гарм (термалӣ) дар Тоҷикистон асосан барои мақсадҳои табобатӣ истифода мешаванд. Маълумтарин манбаъҳои обҳои гарм натанҳо дар ҷумҳурӣ, балки берун аз ҳудуди он Хоҷа Оби Гарм, Обигарм, Гармчашма, Шоҳамбарӣ ва Ҳавотоғ мебошанд. Дар ин манбаъҳо осоишгоҳҳо ва табобатгоҳҳо сохта шудаанд. Олимони Институти биологии Помири АИ ҶТ дар шароити баландкӯҳ оид ба истифодаи гармии обҳои геотермалӣ барои парвариши зироатҳои сабзавотӣ, намудҳои нодир ва маҳвшавандаи растаниҳо, ҳамчунин парвариши обсабзҳо дар гармхонаҳои пардагӣ таҷрибаҳо гузаронидаанд.

Дар ҳудуди стансияи Агроэкологии Хелондеҳи Институти биологии Помир ба номи Х.Ю. Юсуфбекови АИ ҶТ дар баландии 3600 м аз сатҳи баҳр дар заминаи обҳои гарми зеризаминӣ гармхонаи масоҳати умумиаш 312 метри мураббаъ фаъолият мекунад. Дар ин мавзеъ дар давраи тирамоҳу зимистон коркарди технологияи парвариши зироатҳои сабзавотӣ ва гулҳою растаниҳои ороишӣ ба роҳ монда шудааст.

Олимони Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АИ ҶТ дар мисоли қитъаи «Ҷиландӣ» модели математикии динамикаи манбаҳои геотермалии энергияро пешниҳод карда, усулҳои ададии масъалаи сеченакаи геотермалиро коркард намуданд, ки онро барои таҳлили раванди истифодаи захираҳои геотермалӣ татбиқ намудан мумкин аст.

Захираҳои имконпазири энергияи геотермалиро, ки барои ташкили хоҷагидорӣ бо истифодаи гармӣ, гармирасонии шаҳракҳо ва осоишгоҳҳои Тоҷикистон таъйин гардидаанд, 15 манбаъ аз 128 манбаъи маълумтарин соҳиб мебошанд.

Ҳамаи манбаъҳои обҳои гарми маъданӣ (термоминералӣ)-и Тоҷикистон обҳои артезианӣ мебошанд ва ба сатҳи замин бо таъсири фишорсанҷи пйезометрӣ (ҳаратӣ) мебароянд. Аз манбаъҳои обҳои гарми Помир Гармчашма аҳамияти махсусро соҳиб аст. Ин манбаъ дар баландии 2770 м аз сатҳи замин воқеъ гашта, ҳарорати зиёдтарини об дар он 60^0С мебошад. Дебити умумии манбаъ 518.4 $м^3$/шабонарӯз мебошад.

Дебити умумии 33 манбаи термалии Тоҷикистон ҳамагӣ 174.25 л/сония аст, ки аз онҳо дар Помир 60.63 л/сонияро ташкил медиҳад.

Дар осоишгоҳҳои Хоҷа Оби Гарм ва Обигарм гармии манбаъҳои термалӣ барои гарм кардани маҷмӯи манзилии ин осоишгоҳҳо истифода бурда мешавад.

Энергияи биомасса. Дар Тоҷикистон таҷрибаи сохтан ва истифодаи дастгоҳҳои биогазӣ вуҷуд дорад ва имрӯз дар як қатор хоҷагиҳои хусусӣ ва деҳқонии ноҳияҳои Ваҳдат, Рӯдакӣ, Рашт, Ҷиргатол, Муъминобод, Шӯробод, Ховалинг, Шаҳритус ва ноҳияҳои дигари ҷумҳурӣ дастгоҳҳои биогазӣ бо иқтидори аз 1 $м^3$ то 25 $м^3$ биогаз дар як шабонарӯз сохта, мавриди истифода қарор дода шудаанд [14]. Ҳамчунин, таҷрибаи ҳосил кардани биоэтанол аз ҷуворимаккаи «таъйиноти саноатӣ», топинамбур [15], сӯзишвории биологии газшакл аз растании обӣ – эйхорния низ мавҷуд аст [16]. Вале татбиқи васеи ингуна технологияҳо алҳол шурӯъ нагардидааст.

Тавре аз ҷадвали 1 дида мешавад, гарчанде ҳиссаи *манбаъҳои барқароршавандаи энергия* дар энергетикаи умумӣ метавонад назаррас бошад, вале истифодаи он дар Тоҷикистон, (ба истиснои НБО-и хурд), амалан ҳоло васеъ ба роҳ монда нашудааст (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2

Ҳиссаи манбаҳои гуногуни энергия дар сохтори истеъмоли энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон [17]

Манбаи энергия	Ҳисса, бо %					
	1991	1995*	2000*	2005*	2010*	2014*
Электроэнергия**	36,33	29,81	32,43	32,58	34,63	29,08
Маҳсулоти нафтӣ ***	21,56	17,23	17,55	22,58	17,22	22,80
Газ табиӣ	18,44	33,30	24,00	21,19	20,47	18,55
Гази моеъ	1,35	1,40	1,51	1,33	1,56	1,60
Ангишт	17,58	18,26	19,23	17,57	20,57	22,49
Кокс (хушк)	0,09	-	0,10	0,09	0,10	0,09
Ҳезум	4,65	-	5,18	4,66	5,42	5,33
МБЭ(танҳо неругоҳҳои хурди обӣ)	-	-	-	-	0,03 (маълумоти соли 2012)	0,06

*Бе дарназардошти сектори хусусӣ; **Истифодаи дохилӣ – ҳамагӣ (дар секторҳо), аз ҷумла: саноат, сохтмон, кишоварзӣ, нақлиёт, соҳаи дигар, аҳолӣ, талафот, фарқият; *** Бензин, керосин, сӯзишвории дизелӣ, сӯзишвории тайиноти хизматӣ- маишӣ (мазут).

Дар айни замон дар Тоҷикистон аз ҳама навъҳои манбаъҳои барқароршавандаи энергия: гидроэнергетикаи хурд, гармитаъминкунии офтобӣ ва энергияи биомасса васеъ истифода шуда метавонанд.

Дар баробари ин барои рушди васеи энергетикаи барқароршаванда дар ҷумҳурӣ зарур аст, ки як қатор мушкилиҳо, аз ҷумла монеаҳои зерин бартараф карда шаванд:

- *набудани механизми самараноки ҳавасмандгардонӣ ва рушди манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва ҷалби инвеститсия дар ин бахш;*
- *нархҳои арзон ба неруи барқ ва ҳомилони анъанавии энергия (нафт, газ, ҳезум, ангишт) дар ҷумҳурӣ;*

- *муҷаҳҳазии ками бозор бо ҷузъиёт, мавод, таҷҳизот ва дастгоҳҳои муосири офтобӣ ва шамолӣ;*

- *арзиши нисбатан баланди таҷҳизот ва дастгоҳҳои энергетикаи барқароршаванда барои истеъмолкунандаи тоҷик;*

- *нокифоя будани иттилооти зарурӣ дар байни аҳолӣ оид ба дониш ва таҷрибаҳои истифодабарии дастгоҳҳои энергетикаи барқароршаванда;*

- *набудани таҳқиқоти маркетинги бозори молҳо ва хизматрасониҳо ба таҷҳизот ва дастгоҳҳои энергетикаи барқароршаванда.*

Айни замон корҳо ҷиҳати истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар системаи Вазорати энергетика ва саноати ҶТ, Вазорати маорифи ҶТ, Вазорати кишоварзии ҶТ, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ширкати саҳомии ҳолдингии «Барқи Тоҷик» ва Академияи илмҳои ҶТ ба роҳ монда шудаанд.

Дар Тоҷикистон ба тарғибу ташвиқи зарурияти истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва манфиати он барои иқтисодиёти кишвар ва баланд бардоштани шароити иҷтимоиву манзилии аҳолӣ ба ғайр аз кормандони вазорату идораҳои зикргардида, инчунин зиёда аз 30 ташкилотҳои ғайридавлатӣ низ машғул мебошанд.

Ҳамчунин, дар самти таҳқиқ ва татбиқи МБЭ Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АИ ҶТ бо Марказҳои илмии байналмилалӣ, аз ҷумла Донишгоҳи миллии техникии Афина (Юнон), Институти илми бунёдӣ ва амалии ш. Топпи (Покистон), Институти манбаҳои нави энергияи АИ Ҷумҳурии Халқии Хитой, Институти масъалаҳои оби Академияи илмҳои миллии Қирғизистон, Институти масъалаҳои бозор ва технологияҳои информатсионии АИ Федератсияи Россия ва Институти математика ва механикаи Академияи илмҳои миллии Озарбойҷон ҳамкориҳои судманди илмӣ-техникӣ дошта, тайи солҳои охир чанде аз лоиҳаҳои техникиро дар самти мазкур амалӣ намудааст.

Дар доираи Барномаи қолабии Иттиҳоди Аврупо оид ба илм, технология ва инноватсия Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АИ ҶТ шомили Консортсиуми IncoNet CA мебошад. Консортсиуми номбурда якчанд муассисаи илмӣ-таҳқиқотиро аз мамлакатҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо дарбар мегирад. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти IncoNet CA масоили энергия мебошад. Дар ҳамкорӣ бо олимони Олмон, Лаҳистон, Юнон, Қазоқистон ва Итолиё таҳқиқоти муштарак ба нақша гирифта шудааст, ки он ба омӯзиши маводҳои нави истеҳсоли энергия (кремнии офтобӣ) ва коркарди технологияҳои нави истифодаи он вобаста мебошад.

Ба тайёр намудани кадрҳои тахассусӣ дар соҳаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия дар Тоҷикистон кафедраҳо ва озмоишгоҳҳои манбаи барқароршавандаи энергия дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ машғул ҳастанд. Савияи донишро аз рӯи ихтисос инчунин дар Маркази таҳқиқ ва татбиқи манбаҳои барқароршавандаи энергияи назди Институти физика ва техникаи ба номи С.У.Умарови АИ ҶТ ва Маркази рушди инноватсионии илм ва технологияҳои нави АИ ҶТ баланд бардоштан мумкин аст.

Дар солҳои Истиқлолияти давлатии Чумҳурии Тоҷикистон Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи энергетика», «Дар бораи сарфаи энергия», «Дар бораи ҳифзи табиат», «Дар бораи канданиҳои зеризаминӣ», «Дар бораи истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия» ва Барномаи комплексӣ ва мақсадноки истифодаи васеи манбаҳои барқароршавандаи энергия дар Тоҷикистон барои солҳои 2007-2015» қабул карда шуданд.

Ҳамин тариқ, дар 25 соли Иститиқлолияти давлатии Чумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи давлатӣ заминаи меъёриву ҳуқуқии муосир дар соҳаи энергетика муҳайё карда шудааст. Ҳамчунин заминаи зарурии моддӣ ва илмӣ-техникӣ дар соҳаи таҳқиқ ва татбиқи манбаъҳои барқароршавандаи энергия гузошта шудааст. Самаранок амалӣ намудани қонунҳо ва Барномаҳои қабулшуда доир ба истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва дастовардҳои олимони соҳа ба ҳалли маҷмӯи масъалаҳои асосии илмӣ ва техникӣ дар соҳаи энергетика, аз ҷумла энергетикаи барқароршаванда, ташкили заминаи истеҳсолотӣ ва инфрасохтор барои истифодаи васеъи манбаъҳои барқароршавандаи энергия ва ҷалби онҳо барои пурра намудани тавозуни энергетикии мамлакат ва расидан ба яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар – истиқлолияти энергетикӣ мусоидат хоҳад кард.

АДАБИЁТ

1. Семенов Н.Н. Избр. труды. Т. 4. М.: Наука. 2006. 310 с.
2. Ахмедов Х.М., Каримов Х.С. Солнечная электроэнергетика. Душанбе, Дониш, 2007, 179 с.
3. Каримов Х.С., Ахмедов Х.М. Солнечная теплоэнергетика. Душанбе, Дониш, 2008, 156 с.
4. Петров Г.Н., Ахмедов Х.М., Кабутов К., Каримов Х.С. Ресурсы возобновляемых источников энергии в Таджикистане «Известия АН РТ. Отд. физ.-мат., хим., геол. и техн. наук», 2009, №2, с.101-111, №3 с. 82-92.

5. Абдуллоева Ф.С., Бакатин Г.Н. и др. Гидроэнергетические ресурсы Таджикской ССР.-Л: Недра, 1965, 658 с.

6. Кабутов К., Ахмедов Х.М., Каримов Х.С. и др. Низкопотенциальная солнечная водонагревательная установка. Изв. АН РТ. Отд. физ.-мат., хим., геол. и техн. наук, 2008, №2 с. 80-84.

7. Лавриненко П.Н., Кабилов З.А. Возможности использования солнечной энергии в Таджикистане. – Обзор.инф. – Душанбе, 1980.

8. Каримов Х.С., Ахмедов Х.М., Сафаралиев Н. Двухконтурная солнечная водонагревательная установка на основе первичного алюминия. Изв. АН РТ. Отд. физ. мат. хим. геол. и техн. наук, 2013, №4, с. 131-137.

9. Ахмедов Х.М., Обидов Ф.У., Маркаев А.Г., Исмоилов Р.А. Солнечная водонагревательная установка. Малый патент Республики Таджикистан. №TJ 721, 2015.

10. Салиев М.Р., Ахмедов Х.М., Назаров Р.Р. Исследование пассивных тепловых и радиационных потоков путём мониторинга температуры воздуха внутри и снаружи модели «Солнечного дома». Докл. АН РТ. 2015, Т. 58, №7, с. 594-601.

11. Каримов Х.С., Ахмедов Х.М., Ахмед Н. ва диг. Коллектори офтобии гибридӣ. Нахустпатенти Ҷумхурии Тоҷикистон. №TJ 751, 2016.

12. Петров Г.Н., Ахмедов Х.М. Малая гидроэнергетика Таджикистана. Душанбе. Дониш, 2010. 148 с.

13. Ахмедов Х.М., Петров Г.Н., Каримов Х.С. Малая гидроэнергетика и возможности использования мини- и микроГЭС в горных территориях Таджикистана Изв. АН РТ. Отд. физ-мат. хим. и геолог. наук, 2010, №1, с. 100-109.

14. Ахмедов Х.М., Каримов Х.С. Возможности получения и использования биогаза в Таджикистане. Второе изд. – Душанбе: Дониш, 2008, 50 с.

15. Партоев Қ.П., Сайдалиев Н., Ясинов Ш.. Аҳамияти топинамбур дар таъмини озуқаворӣ ва сӯзишворӣ дар Тоҷикистон. – Душанбе, 2016, 167 с.

16. Дочернее предприятие Закрытого Акционерного общества «Фон-дарё».

17. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015, 466 с.

ИССЛЕДОВАНИЯ И ИСПОЛЬЗОВАНИЕ ВОЗОБНОВЛЯЕМЫХ ИСТОЧНИКОВ ЭНЕРГИИ ЗА 25 ЛЕТ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ ТАДЖИКИСТАНА

М.И. ИЛОЛОВ,
академик АН РТ, директор Центра инновационного развития науки и новых технологий АН РТ
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33,
тел.: (+99237) 221-83-90, E-mail: ilolov.mamadsho@gmail.com

Х.М. АХМЕДОВ,
академик АН РТ, заместитель директора Центра инноватционного развития науки и новых технологий АН РТ
734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 33,
тел.: (+99237) 221-35-67, E-mail: khakim48@mail.ru

В статье представлена необходимая информация об исследовании и использовании возобновляемых источников энергии (ВИЭ) за 25-лет Государственной Независимости Таджикистана. Дана оценка общему, техническому и экономически целесобразному потенциалу ресурсов ВИЭ. Показана возможность использования энергии солнца, ветра, малой гидроэнергии, геотермальной энгергии и энергии биомассы в Таджикистане. Установлено, что доля использования ВИЭ в потребительской энергетической структуре на сегодня составляет – 0.06% и среди всех видов ВИЭ в Таджикистане широко могут быть использоваться малая гидроэнергетика, солнечная энергия для обогрева и энергия биомассы.

Ключевые слова: *энергия, возобновляемые источники, мощность, мегаватт, условное топливо, фотоэлектрический, солнечные коллекторы, ветровая электростанция, гидроэлектростанция, геотермальный*

INVESTIGATIONS AND UTILIZATION OF RENEWABLE ENERGY RESOURCES DURING 25 YEARS OF STATE INDEPENDENCE OF TAJIKISTAN

M.I. ILOLOV,
academician of AS of RT, Director of the Center for Inovative Development
of science and new technologies of the AS of RT,
734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, 33 Rudaki ave,
ph.: (+99237) 221-83-90, E-mail: ilolov.mamadsho@gmail.com

KH.M. AKHMEDOV,
academician of AS of RT, Deputy director of the Center for Inovative
Development of science and new technologies of the AS of RT,
734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, 33 Rudaki ave,
ph.: (+99237) 221-35-67, E-mail: khakim48@mail.ru

In the paper it is presented necessary information about investigation and utilization of renewable energy resources (RER) during 25-years of state independence of Tajikistan. It was estimated total , technical and economically reasonable potential of RER. It was shown potentialities of utilization of solar, wind, low power hydro , geothermal and biomass energies in Tajikistan. It was found that at present only 0.06% energy which is used in Tajikistan was produced by RER . In Tajikistan low power hydropower resources , solar energy for heating and energy of biomass can be used in wide scale.

Keywords: *energy, renewable energy resources, power, megawatt, conventional fuel, photoelectric, solar collectors, with power plants, hydropower plants, geothermal.*

УДК 332.1:913 (575.1)

ДАСТОВАРДҲОИ РУШДИ СОҲИБКОРӢ ДАР СОЛҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

Ф.М. МУМИНОВА,
номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини директори Маркази тадқиқоти
стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 40,
тел.: (+992 37) 2-27-81-97; (+992)907-72-18-80;
E-mail: FMuminova@mts.tj

Дар мақола таваҷҷуҳи асосӣ ба муаррифии дастовардҳои рушди кишвар дар давраи истиқлолияти давлатӣ тамаркуз ёфтааст. Дар ин иртибот, раванди рушди соҳибкорӣ ҳамчун муҳаррики фаъолияти иқтисодӣ арзёбӣ шудааст.

Калидвожаҳо: *ислоҳоти иқтисодӣ, афзалиятҳои стратегии кишвар, фаъолияти соҳибкорӣ, бахши хусусӣ.*

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳидояти Президенти кишвар дар шароити ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ роҳи гузариши низоми идораи иқтисоди кишварро ба асоси муносибатҳои навини бозорӣ интихоб намуд. Ҳануз соли 1996 Президенти кишварамон чунин изҳор дошта буд: «Ислоҳоти куллии иқтисодӣ дар Тоҷикистон роҳи бебозгашт аст.»[1]

Ҳамакнун аз қуллаҳои баланди дастовардҳои 25 соли гузаштаи соҳибистиқлолии Тоҷикистон метавон гуфт, ки бо вуҷуди ҷой доштани бисёр мушкилоту монеаҳо дар таъмини рушд, дар натиҷаи бунёди таҳкурсии устувори рушди иҷтимоию иқтисодӣ; фароҳам овардани шароити рушд: таъмини истиқлолияти энергетикию амнияти озуқаворӣ ва баровардани кишвар аз бунбасти иртиботӣ ҳамчун афзалиятҳои стратегӣ, кишвар ба дастовардҳои муҳим ноил гардидааст.

Ба мақсади пешгирии таназзули иқтисодиёт аз давраи аввали истиқлолияти давлатӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба татбиқи Барномаи ислоҳоти иқтисодӣ барои солҳои 1995 - 2000 шурӯъ намуд, ки онро барномаҳои иқтисодии муборизо бо камбизоатӣ ва таъмини рушди устувор иваз намуданд. Бо қабул ва татбиқи Стратегияи миллии рушд, силсилаи барномаҳои рушди соҳаҳои гуногун ва ислоҳоти сохторӣ ҳамчун заминаи устувор барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ амалӣ шуданд.

Озод намудани нархҳо, тиҷорати хориҷӣ ва амалиёти асъорӣ дар аввали солҳои 90-ум, инчунин, ғайридавлатикунонӣ ва хусусигардонии моликият пояҳои ибтидоии иқти-

соди бозориро эҷод карданд. Ва дар солҳои оянда низ ислоҳоти сохторӣ ва ниҳодӣ ба шаклгирии инфрасохтори бозорӣ, ташаккули шабакаи васеи бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои маблағгузории хурд, пешбурди сиёсати андозию буҷетӣ ва пулию қарзӣ, механизмҳои иқтисодиёти боз бо иштироки васеи ҷумҳурӣ дар тақсимоти байналхалқии меҳнат, мусоидат намуданд.

Бояд қайд намуд, ки фаъолият дар самти дастрасӣ ба Ҳадафҳои рушди ҳазорсола (ҲРҲ) бевосита ба низоми барномарезии кишвар ворид шудааст, ҳамгироии фаъолият дар доираи бахшҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва ниҳодӣ таъмин гардидааст, ки воситаи муҳими самаранокии рушд буда, ба сурати умум дар дастовардҳои муҳими кишвар нақши худро гузоштааст.

Расми 1.

Воридсозии ҲРҲ ба санадҳои барномавии кишвар



Расми 2

Дастовардҳои рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон дар давраи истиқлолияти давлатӣ



Дар натиҷа дар Тоҷикистон заминаи зарурии суботи макроиқтисодӣ барои рушди соҳибкорию сармоягузорӣ фароҳам оварда шуд:

- таҳия ва рушди асосҳои меъёрию ҳуқуқии иқтисоди бозаргонӣ, аз ҷумла дар самти хусусигардонии моликият, ҳифзи моликияти хусусӣ, ташкил ва танзими корхонаю муассисаҳои ғайридавлатӣ, ташаккули муҳити рақобат ва фаъолияти зидди инҳисорӣ таъмин гардид;
- сатҳи таваррум (аз 1310% дар соли 1992 то 6% дар соли 2015) ва касри буҷети давлатӣ (аз қариб 30% то 0,5% нисбат ба ММД) паст гардид;
- бахши молиявии кишвар бо 17 бонки сатҳи дуюм, ки аз онҳо 6 бонки хориҷӣ, 1 ташкилоти ғайрибонкии қарзӣ, 140 ташкилоти маблағгузории хурд, 18 ширкати суғуртавӣ, 12 ширкати лизингӣ, Агентии суғуртаи пасандозҳои бонкӣ, шабакаи нуқтаҳои мубодила ва ломбардҳо ва 5 иттифоқи қарзӣ мебошанд, фаъолият менамояд. Дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ аз 0,3 млрд. сомонӣ дар соли 2000 (17,4% ММД), то ба 15,7 млрд. сомонӣ дар соли 2015 (33% ММД) расидааст;
- аксарияти бахшу соҳаҳо ва минтақаҳои кишвар ба барномарезӣ доир ба арзёбии имконияту захираҳо фаро гирифта шудаанд. Дар ин иртибот, ҳоло 122 барномаи давлатӣ мавриди амал қарор гирифтааст.

Дар маҷмӯъ, бояд қайд намуд, ки ҳоло ҳаҷми ММД, истеҳсоли маҳсулоти кишоварзию саноатӣ аз сатҳи соли 1991 зиёдтар аст.

Диаграммаи 1

Тағйирот дар ММД ва ҳаҷми истеҳсолот аз рӯйи соҳаҳо, % нисбат ба соли 1991



Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳои худ қайд карда буданд, ки «Муҳайё намудани шароити беҳтари зиндагӣ барои сокинони кишвар ҳадафи олитарини фаъолияти Президент ва Ҳукумати Тоҷикистон мебошад»[2]. Таҳлил низ нишон медиҳад, ки суръати миёнасолонаи афзоиши ММД ба ҳар сари аҳолӣ аз суръати ҳисоби миёнаи солонаи афзоиши аҳолии кишвар зиёдтар буда, аз болоравии сатҳи зиндагии аҳолӣ гувоҳӣ медиҳад.

Диаграммаи 2

Суръати миёнаи солонаи афзоиш, %



Манбаҳои асосии рушди иқтисодӣ аз амалисозии ислоҳоти иқтисодӣ, аз ҷумла дар самти дастгирии рушди соҳибкорӣ ва бахши хусусӣ иборат аст.

Аз оғози ислоҳоти иқтисодӣ дастгирии рушди соҳибкорӣ асоси ташаккули иқтисоди бозориро ташкил дод. Дар натиҷа дар давоми бист соли охир нақши соҳибкорӣ дар иқтисодиёт хеле устувор гардид:

- ҳиссаи бахши хусусӣ дар ММД аз 15% то 67% афзуд;
- ҳиссаи бахши ғайридавлатӣ дар истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ аз 3,2% то ба 57,3% баланд гардид;

- шумораи корхонаҳои хурд қариб ду маротиба зиёдтар шуд. Дар онҳо ҳоло на камтар аз 2% аҳолии қобили меҳнат кор мекунанд ва даромад аз фурӯши маҳсулоти онҳо ба 12,1% ММД баробар аст;
- ҳиссаи шуғл дар бахши хусусӣ дар ҳаҷми умумии шуғли аҳолӣ аз 32% то ба 64% афзуд;
- шумораи шаҳрвандоне, ки бо фаъолияти инфиродии меҳнатӣ машғуланд (аз рӯйи шумораи шаҳодатнома ва патентҳои додашуда) беш аз 11 маротиба зиёд шудааст. Ҳоло чунин фаъолият на камтар аз 4,5% аҳолии синну соли қобили кор бударо бо шуғл таъмин менамояд;
- ҳиссаи корҳонаҳои хусусӣ, ҷамъиятҳои саҳҳомӣ ва хоҷагиҳои деҳқонӣ дар маблағгузорӣ ба сармояи асосӣ аз 1% то 31% афзуд.

Ба дастгирии рушди соҳибкорӣ, аз он ҷумла соҳибкории истеҳсолӣ, таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда мешавад. Барои ин мониторинги тафтишот ва имтиёзҳои андозӣ ҷорӣ карда шуданд. Дар натиҷа барои зиёд кардани шумораи ҷойҳои корӣ, васеъгардонии манбаи андоз, афзоиши даромад ва таъмини истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир шароит фароҳам меояд. Дар ин самт, зимни таъсиси Фонди дастгирии лоиҳаҳои соҳибкорӣ, мусоидат ба ташаккулёбӣ ва таҳкими шарикии давлат ва бахши хусусӣ, таваҷҷуҳи асосӣ ба дастгирии соҳибкории хурду миёнае, ки дар соҳаҳои афзалиятнок фаъолият мекунанд, зоҳир карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки агар дар солҳои 2000 нақши соҳибкорони хурд бештар дар соҳаҳои савдо, хӯроки умумӣ, хизматрасонӣ назаррас бошад, пас, дар солҳои охир на камтар аз 25% корхонаҳои хурд дар бахши асосии иқтисод фаъолият мекунанд, ки ин натиҷаи дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ мебошад.

Бо шарофати ислоҳоти иқтисодӣ, дар баҳодиҳии байналмилалӣ, аз ҷумла дар арзёбии «Пешбурди соҳибкорӣ», ки аз тарафи Бонки ҷаҳонӣ роҳандозӣ мешавад, дар давоми солҳои 2010-2016 мавқеи Тоҷикистон дар маҷмӯъ, 20 зина болотар рафта, ҷумҳурӣ се маротиба дар радифи 10 кишвари ислоҳотгари ҷаҳон қарор гирифт.

Бояд қайд намуд, ки бахши хусусӣ ва соҳибкорӣ барои ташаккули синфи миёнаи ҷомеа заминаи муҳим фароҳам меоварад. Бо такя ба натиҷаҳои тадқиқоти

Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сатҳи синфи миёна на пасттар аз 22,2% мебошад [3]. Дар баробари ин, қисми зиёди табақа ва қишрҳои гуногуни ҷомеа (90,6% пурсидашудагон) новобаста аз нишондиҳандаҳои шомил будан ба синфи миёна, худро аз рӯйи худайниятдиҳӣ (самоидентификация) ва мақоми худ дар ҷомеа, ба синфи миёна мутаалиқ медонанд, ки ин тамоил нишондиҳандаи руҳияи умедворкунанда ва боварӣ ба ояндаи рушду равнақи кишвар мебошад. Аз рӯйи натиҷаҳои тадқиқоти мазкур 8,5% пурсидашудагон худро шомили табақаи синфи миёнаи зинаи баланд, 56,3%- синфи миёна ва 25,8% - синфи миёнаи зинаи паст ҳисоб намудаанд. Маълум аст, ки намояндаи классикии ин синф аз нуқтаи назари иҷтимоию иқтисодӣ устувор буда метавонад ва ҳамчун сармоягузор, андозсупорандаи асосӣ ва таҳкимбахши ҷараёнҳои ҷамъиятӣ – сиёсӣ муаррифӣ гардад. Таъмин ва нигаҳдории суботи рушд дар ҷумҳурӣ зарурати устуворгардонии ҷараёни афзоиши синфи миёнаро тақозо мекунад.

Рушди минбаъдаи иқтисодиёти Тоҷикистон аз самаранок истифода бурдани имконият ва нерую иқтидорҳои кишвар, баланд бардоштани қобилияти рақобатнокии молистеҳсолкунандагони ватанӣ вобаста аст.

Президенти кишвар дар суханронии худ қайд намуданд, ки «Мо ба рушди соҳибкориву сармоягузорӣ дар иқтисодиёт афзалияти бештар медиҳем, зеро таъсири мусбати он барои пешрафти тамоми соҳаҳо, ғанигардонии буҷети давлатӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши даромади аҳолӣ хеле муҳим мебошад»[4].

Барои гузариш ба суръати баланди рушди шуғл ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар ҷанбаҳои гуногуни сиёсат зарур аст, ки ба ташаккули ҷойҳои кории бо арзиши иловашудаи баландтар тавассути густариши бахши хусусии ба рақобат тобовар мусоидат намуд.

Шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ на танҳо баёнгари сатҳи муҳими татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ, балки *саҳмгузор ва натиҷагирандаи рушди кишвар низ* мебошанд. Зеро, дар сатҳи минтақавӣ на танҳо мушкилоту интизориҳои мардум бештар аён мегардад, балки самаранокии истифодаи имконияту иқтидорҳо метавонад беҳтар таъмин карда шавад. Дар натиҷа омили минтақавии рушди кишвар муҳаррики муҳими фароҳамоварии шароити мусоид барои инкишофи қуввaҳои истеҳсолкунанда ва сатҳи баландтари зиндагонӣ мебошад.

Дар ин раванд нигоҳ доштани таносуб дар байни *стратегияи «баробарсозӣ» ва «дастгирии рушд»-и* минтақаҳо муҳим аст.

Аз ин лиҳоз вусъатдиҳии ҷараёнҳои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақаҳои кишвар муҳим арзёбӣ мегардад.

Ояндабинии равандҳои демографӣ то соли 2020 дар миқёси минтақаҳои кишвар нишон медиҳад, ки:

- шумораи захираҳои меҳнатӣ ба ҳисоби миёнасолона ба андозаи 98,7 ҳаз. нафар, аз ҷумла дар деҳот 71 ҳазор нафар меафзояд;
- шумораи захираҳои меҳнатӣ дар вилояти Хатлон бо суръати нисбатан баланд меафзояд ва ҳар сол тахминан барои 41,1 ҳазор нафар талабот ба таҳсилоти касбӣ ва ҷойҳои корӣ меафзояд.

Диаграммаи 3

Афзоиши миёнасолонаи шумораи захираҳои меҳнатӣ дар минтақаҳои кишвар дар давоми солҳои 2013 - 2020, ҳазор нафар



Афзоиши захираҳои меҳнатӣ «равзанаи имкониятҳо» - ро барои афзудани сармояи инсон бунёд менамояд.

Рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар минтақаҳо воситаи муҳими ҳалли масъалаҳои шуғлу даромад мебошад. Бинобар ин, таваҷҷуҳи бештар зоҳир кардан ба:

- афзун гардонидани масъулият ва ҷавобгарии роҳбарони минтақаҳо нисбати ба ҷалби сармоя ва рушди соҳибкорӣ, таҳияи механизми ҷавобгарӣ дар баробари фаъолияти ғайрисамаранок дар ин самт; омода намудани низоми миллии таҳия ва

баррасии рейтинги ҷалби сармоя дар миқёси минтақаҳои кишвар; такмили махзани ягонаи иттилоотӣ барои сармоягузорон ва соҳибкорон; таҳкими иқтидори Марказҳои ноҳиявии рушди соҳибкорӣ ба воситаи таҳияи бизнес-нақшаҳо, ташкил ва пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ зимни таваҷҷуҳ ба масъалаҳои андозбандӣ, дастрасӣ ва идораи маблағҳои қарзӣ; таҳия ва баррасии васеъи Роҳнамои сармоягузорӣ (инвестиционный гид) дар миқёси минтақаҳои кишварро муҳим мешуморем.

Ба назари мо, фақат бо фаъолияти дастаҷамъии мақомоту идораҳо ва соҳибкорон тамоюлоти инкишофи муносибатҳои соҳибкориро ба ҳайси дурнамо муқаррар намуда, афзоиши самараноки фаъолияти соҳибкориро ҳамчун бахши калидии иқтисодиёт таъмин кардан мумкин аст.

АДАБИЁТ

1. Аз суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муносибати 40-солагии аз худкунии дашти Дилварзин, 26 ноябри соли 1996.
2. Аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 20 январи соли 2016.
3. Эзоҳ: тадқиқоти сотсиологии мазкур дар соли 2013 баргузор шуда буд. Ба тадқиқот 1250 мусоҳиб аз 16 шаҳру ноҳияҳои кишвар фаро гирифта шуда буданд.
4. Аз суханронӣ дар Шӯрои миллии рушди назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 21 июни соли 2016.

ДОСТИЖЕНИЯ В РАЗВИТИИ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА ЗА ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

Ф.М. МУМИНОВА,

кандидат экономических наук, заместитель директора Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан

734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки 40,

тел.: (+992 37) 2-27-81-97; (+992)907-72-18-80,

E-mail: FMuminova@mts.tj

В выступлении акценты сфокусированы на поставку достижений развития страны в период государственной независимости. В этом аспекте оценены процессы развития предпринимательства как локомотив экономической активности.

Ключевые слова: *экономические реформы, стратегические приоритеты страны, предпринимательская деятельность, частный сектор.*

ACHIEVEMENTS IN THE DEVELOPMENT OF BUSINESS FOR THE YEARS OF INDEPENDENCE

F.M. MUMINOVA,
PhD of economy, deputy director of the Center for Strategic Studies under the President of the Republic of Tajikistan,
734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki ave. 40,
ph.: (992 37) 227 81-97 (992) 907 72 18 80,
E-mail: FMuminova@mts.tj

In his speech, the accents are focused on the delivery of the achievements of the country's development in the period of independence. In this aspect, evaluated the process of development of entrepreneurship as an engine of economic activity.

Keywords: *economic reforms, the strategic priorities of the country, business activity, the private sector.*

УДК 330.341.2.

БАХШИ ХУСУСИИ СОҲИБКОРӢ: МОҲИЯТ, ХУСУСИЯТ ВА РОҲҲОИ ИНКИШОФИ ОН ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

В. ҲАБИБОВ,
доктори илми иқтисодӣ,
профессори кафедраи иқтисод ва ташкили бизнеси
Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон,
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2,
тел.: 934-44-41-05; E-mail: Skhabibov.CC@mail.ru

М.Ҷ. ҶАМШЕДОВ,
номзади илми иқтисод,
дотсенти кафедраи иқтисоди ҷаҳонии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
734055, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ 1/2,
тел.: 935-21-53-53; E-mail: mahmadnazar_54@mail.ru

Дар мақола фаъолият ва рушди бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна дар соҳаҳои саноату кишоварзӣ, афзалиятҳо, мушкилот ва роҳҳои асосии рушди иқтисодӣ дар шароити муосир мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифтаast. Дар ҷараёни таҳлили масоили мазкур ба омӯзиши санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ташкилӣ-иқтисодӣ ва механизми дастгирии давлатии соҳибкорӣ, ки бевосита тайи солҳои соҳибистиқлолии кишвар бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул гардиданд ва нақши муассир доранд, таваҷҷуҳи махсус дода шудаast.

Калидвожаҳо: *бахши хусусӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, соҳибкории хурд ва миёна, сармоягузорӣ, буҷети умумидавлатӣ, фонди дастгирии соҳибкорӣ, қарзҳои имтиёзнок, андоз, ҳамкории бахши хусусӣ бо давлат.*

Бахши хусусӣ дар сиёсати нави иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон самти муҳим ва афзалиятноки иқтисоди миллӣ маҳсуб меёбад. Бинобар ин, Ҳукума-

ти кишвар аз солҳои аввали гузаштан ба муносибатҳои иқтисоди бозорӣ, хусусан ба густариши бахши соҳибкории хусусӣ, аз ҷумла суръат бахшидан ба фаъолияти соҳибкории хурд ва миёна аҳамияти аввалиндараҷа медиҳад.

Дар ин росто, Ҳукумати Тоҷикистон бо мақсади ба вуҷуд овардани муҳити мусоид ба хотири таъмини рушди босуботи фаъолияти соҳибкорӣ як қатор чораю тадбирҳои судманд таҳия намуда, онҳоро пайгирона дар амал татбиқ намуд, ки барои фароҳам сохтани муҳити зарурӣ на танҳо барои рушди соҳибкорӣ замина гузошт, балки ба тараққиёти қиёсан босуръати фаъолияти озоди иқтисодӣ мусоидат намуд. Дар ин давра қонунҳои зиёд, санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ, ташкилӣ-иқтисодӣ, барномаҳои дастгирии давлатии соҳибкорӣ дар ҶТ маҳз бо ташаббус ва дастгирии бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд. Дар заминаи татбиқи амалии ин чорабиниҳои сатҳи давлатӣ ва маҳаллӣ рушди бемайлон ва суръатноки фаъолияти соҳибкории хусусӣ яке аз самтҳои асосию ояндадори рушди иқтисоди миллӣ эътироф гардид.

Барномаи дастгирии давлатии рушди соҳибкорӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020 ҳуҷҷати муҳими мусоидаткунада барои таъмини фаъолияти самарабахши субъектҳои соҳибкорӣ заминаи воқеӣ мегузорад. Дар се соли аввали татбиқи он (солҳои 2012-2014) ҳолати қонунгузорӣ оид ба соҳибкорӣ, хусусан механизми дастгирии соҳибкории истеҳсолӣ хеле беҳтар гардид, истеҳсолот ва равандҳои технологӣ мавриди истифода қарор гирифта таҷдид шуданд, ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ дар заминаи ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ ба роҳ монда шуд. Дар Тоҷикистон расман Хазинаи дастгирии соҳибкорӣ таъсис дода шуд, ки он аз ҳисоби буҷети давлатӣ маблағи мутлақи 133 миллион сомониро ташкил медиҳад. Маблағи он бояд то соли 2020 ба як миллиард сомонӣ расонида шавад.

Ҳоло аз ҳисоби ин хазинаи давлатӣ ба 117 субъектҳои соҳибкорӣ бо фоизи пасту дастрас дар ҳаҷми зиёда аз 95 миллион сомонӣ қарзҳои имтиёзноки дарозмуддат ҷудо шудааст, ки 47 шаҳру ноҳияҳои мамлакатро дарбар мегирад. Таҳлили иттилооти расмии оморӣ вазни қиёсии бахши хусусӣ дар ММД соли 2014 ба ҳисоби миёна 67 фоизро ташкил дод. Имрӯзҳо бахши хусусии мамлакат 65 фоизи аҳолии фаъоли иқтисодиро бо ҷойҳои корӣ таъмин менамояд.

Тадбирҳои андешидашуда дар бобати танзими муҳити сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ имкон доданд, ки нишондиҳандаҳои иқтисодӣ дар кишвар тибқи арзёбиҳои байналмилалӣ то андозае беҳтар гарданд, Тоҷикистон дар соли 2015 бори сеюм ба қатори даҳ кишвари барандаи ислоҳот ворид шавад, илова бар ин, дар 10 соли охир аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ ба иқтисодиёти мамлакат беш аз 5 миллиард доллари амрикоӣ сармояи хориҷӣ ҷалб карда шуд, ки асосан ба соҳаҳои энергетика, нақлиёт ва роҳсозӣ, саноату кишоварзӣ, рушди деҳот, алоқа, молия ва бонкдорӣ равона гардиданд [1].

Бо вуҷуди ин, аз баромади Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Формуми байналмилалии сармоягузорӣ таҳти унвони «Саҳми соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ дар рушди устувор», ки 14 октябри соли 2015 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, таҳлили ҳамаҷонибаи фаъолияти соҳибкорӣ ва сармоягузории хориҷиро фаро гирифт ва хусусан, аз Паёми навбатии Сардори давлат аз 23 январи соли 2015 ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеояд, ки дар қатори дастовардҳо, боз монеаҳо ва камбудиҳои ҷиддӣ низ дар фаъолияти соҳибкорӣ мушоҳида мегарданд. Аз ҷумла, бақайдгирии давлатии соҳибкорӣ, ҷараёни қатъ намудани фаъолияти соҳибкорӣ, риоя нагардидани баъзе муқаррароти Кодекси амалкунандаи андоз нисбат ба сиёсати маъмурикунонии андоз (гарчанде дар он барои пешрафти соҳибкории хурду миёна беш аз 240 номгӯй имтиёзу сабукиҳо пешбинӣ гардидаанд), мураккабии тартиби андозбандӣ, пешпардохти маблағҳои андоз, дастгирии соҳибкорон ба воситаҳои қарзӣ, беҳад баланд ва дастнорасии сатҳи фоизи қарзи бонкҳои тиҷоратии кишвар ва асосан дар шакли кӯтоҳмуддат пешкаш кардани қарзҳо ба соҳибкорони истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ, дар асл то ҳол фаъолият накардани низоми бонкдории исломӣ, тақвият бахшидан ба рушди соҳибкории хурду миёна ва зиёд намудани воридоти технологияи муосир, васеъ намудани номгӯи техникаву таҷҳизоти технологии ба таври имтиёзнок воридшаванда, барои дастгирии соҳибкорӣ ба танзим даровардани санҷишҳои мақомоти санҷишгар ва пешгирӣ намудани санҷишҳои беасос ва ғ. таъсир мерасонанд. Бо ин мақсад ҳарчанд ки соли 2015 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор» дар таҳрири нав ба тасвиб расид, дар маҷмӯъ қонунгузорӣ дар ин самт тартиби мушаххасро муқаррар кардааст, лекин то

ҳанӯз баъзан дахолати беасос ба фаъолияти соҳибкорон ва гузаронидани санҷишҳои ғайринавбатӣ ва такрорӣ тибқи дархости мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти ваколатдор мушоҳида мешавад – таъкидан изҳор дошт, Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар Форуми байналмилалии сармоягузорӣ [1].

Саҳми соҳибкории истеҳсолии хусусӣ дар ҳаллу фасли масъалаҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ муттаассифона, ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ намебошад, зеро, соҳибкорон барои пешбурди ин фаъолият ба хавфу хатарҳои гуногун дучор гардида, ҳавасмандӣ надоранд. Фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ ба сабук кардани речаи андозбандӣ, ба даст овардани қарзҳои дар ҳақиқат имтиёзнок, бахусус дар сепанҷ соли фаъолияташон, таъмини мустақилият ва озодии фаъолияти соҳибкорӣ, истифода нашудани маблағҳои давлатӣ ҳамчун дастгирӣ аз ҳисоби буҷети давлат ва дигар хазинаҳои махсусгардонидашудаи миллӣ, хориҷӣ ва ғ. имрӯз беш аз пеш ниёз дорад.

Аз ин рӯ, барои раҳоӣ аз ин мушкилиҳо ва сари вақт амалӣ намудани Барномаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба бахши хусусӣ тавсияҳои зеринро пешниҳод менамоем:

1.Барои босуръат ва босубот пеш бурдани соҳибкории хусусӣ корҳои зерин аҳамияти муҳим доранд:

- Таҳия ва такмил додани ҳолати қонунгузорӣ ва омода намудани санадҳои нави меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар бахши дастгирӣ ва танзими давлатӣ маҳз барои бахши хусусӣ;
- Озодии ҳақиқии соҳибкории хусусии истеҳсолӣ бояд ҷавобгӯ ба талаботи ҷаҳонӣ дар тамоми қаламрави Тоҷикистон ҷавобгӯ бошад ва ҳуқуқу манфиатҳои соҳибкорон ба таври қонунӣ аз тарафи давлат ҳифз гардад. Ин гуна амал хусусан барои соҳибкории хурд, хурдтарин ва соҳибкории инфиродӣ таъмин карда шавад, дар ин бобат ҳар гуна монеаҳои маъмурӣ, фишороварӣ ба фаъолияти соҳибкорон манъ карда шуда, шахсони ваколатдори давлатие, ки ба ин кор ба таври ғаразнок даст мезананд, ба ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноӣ кашида шаванд, ин тадбир танҳо бо роҳи қонунӣ ба тариқи қарори судӣ ҳаллу фасл карда шавад;

- Санҷишҳо аз ҷониби мақомоти прокуратура, вазорати корҳои дохилӣ, агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бе далелҳои ҷиддӣ қатъ карда шавад;
- Ҳамкории самарабахши давлат бо бахши хусусӣ ба таври назаррас ба роҳ монда шавад, барои ин чораю тадбирҳои иловагиро роҳандозӣ кардан зарурат дорад, истифодаи самараноки захираҳои иқтисодии камёфти кишвар замин, об, ҷангал, канданиҳои фоиданок, захираҳои меҳнатӣ, маблағҳои буҷети давлат ва сектори хусусӣ дар соҳаи истеҳсолот бо мақсади истифодаи дастовардҳои илму техника, навовариҳо ва технологияҳои инноватсионӣ бояд афзалият дода шавад, фаълияти соҳибкорон ба ин раванд сафарабар ва ҳавасманд карда шаванд.

2. Низоми таҳия кардан ва дастрас намудани иттилооти зарурии бозорӣ барои соҳибкорон, аз ҷумла соҳибкорони хусусӣ дар тамоми қаламрави Тоҷикистон дар асоси омӯхтани таҷрибаи пешқадами кишварҳои пешрафтаи дуру наздики хориҷӣ ба роҳ монда шавад.

Қобили зикр аст, ки дар марҳилаи аввали истиқлолият Ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон ба мушкилоти мухталифи иқтисодию сиёсӣ ва фарҳангӣ рӯ ба рӯ гардида, дар самти ташкил ва фаъолияти самараноки илм низ масоили ҳалталаби зиёде ба миён омаданд. Бо назардошти ин, аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ аз рӯзҳои аввали фаъолияташ, дар баробари амалӣ намудани тадбирҳои муҳим дар самти ба эътидол овардани вазъи сиёсии кишвар ва хомӯш сохтани ҷанги шаҳрвандӣ, барои барқарор кардани фаъолияти сохтору мақомоти фалаҷгардидаи ҳокимияти давлатӣ, аз ҷумла, ҷиҳати таҳким бахшидан ва давра ба давра фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ чораҳои судманд андешида шуд.

Албатта, дар замоне ки дар минтақаҳои ҷудогонаи ҷумҳурӣ даргириҳо идома доштанд ва мардум ҳанӯз пурра ба ҳаёти осоишта нагузашта буд, мушкилоти иҷтимоӣ ва набудани амнияти комил фаъолияти пурра ва самараноки сохторҳои давлатӣ, аз ҷумла муассисаҳои илмиро низ халалдор месохт. Ба замми ин, маоши ночизи кормандони илму макотиби олӣ барои таъмини рӯзгор басанда набуд ва теъдоди зиёди кормандони соҳаи мазкур маҷбур буданд, ки барои таъмини рӯзгор ба шаклҳои дигари фаъолият машғул шаванд. Имкониятҳои буҷети давлатӣ бошад, хеле маҳдуд буд ва муассисаҳои илмӣ, ки манбаи дигари даромад надоштанд ва танҳо аз ҳисоби давлат фаъолият менамуданд, дар ҳолати хеле хароб қарор гирифтанд. Аз нооромиҳо истифода бурда, баъзе гурӯҳҳо ба торочу ғорати амволи муассисаҳои илмӣ низ даст мезаданд, ки ин боиси боз ҳам харобтар гардидани пояи илмӣ-техникии соҳаи номбурда мегардид ва бояд зикр намуд, ки ҳолати мавҷуда, дар мадди аввал, пажӯҳишгоҳҳои соҳаи илмҳои дақикро дар вазъияти ногувор қарор дод. Ҳатто то солҳои 1997-1998 кормандони пажӯҳишгоҳҳои илмӣ-тадқиқотии воқеъ дар шаҳраки академии шаҳри Душанбе бо тарсу ҳарос ба кор ҳозир мешуданд. Зеро ин муассисаҳо на як бору ду бор ҳадафи ғорат ва кормандони онҳо мавриди истинтоқи силоҳбадастон қарор гирифта буданд.

Дар марҳилаи аввали Истиқлолияти давлатӣ барои ҷумҳурии ҷавони Тоҷикистон зарурияти таъсиси сохторҳои дахлдор ҷиҳати ташкил ва идораи фаъолияти илмӣ ба миён омада буд. Бо ин мақсад марҳила ба марҳила як силсила амру фармонҳои Президент, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарору фармошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расиданд, ки барои ташкилу тавсеа, идора ва истифодаи самараноки илм ва захираи зеҳнии ҷумҳурӣ дар шароити истиқлолият мусоидат намуданд. Аз он ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника”

(1998), Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон” (2002) ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, “Дар бораи Шӯрои ҳамоҳангсозии корҳои илмию тадқиқотӣ дар соҳаи илмҳои табиатшиносӣ, техникӣ, тиббӣ, гуманитарӣ ва ҷамъиятӣ” аз 18 июли соли 1996 таҳти №331, “Дар бораи таъсиси Комиссияи аттестатсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба аттестатсияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии тахассуси олӣ” аз 1 сентябри соли 1997 таҳти №395, “Дар бораи Консепсияи сиёсати давлатии илмию техникии Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 15 марти соли 1999 таҳти №87, “Дар бораи тасдиқ намудани тартиби аккредитатсияи давлатии муассисаҳои илмӣ” аз 3 феврали соли 2000 таҳти №54 аз қабили он тадбирҳои муҳими давлатӣ маҳсуб мешаванд, ки дар низоми идора ва рушди илм нақши муассир гузоштанд.

Қобили қайд аст, ки қабул гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии номбурда барои марҳилаи аввали ислоҳоти соҳаи илм дар ҷумҳурӣ, ки то соли 2000-умро дар бар мегирад, дар самти ташкил ва идоракунии илм ва муассисаҳои илмӣ, ҳамоҳангсозии мавзӯъҳои илмию тадқиқотие, ки аз ҳисоби давлат маблағгузорӣ шуда, дар муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва кафедраҳои мактабҳои олӣ ба анҷом расонда мешуданд, низоми нави маблағгузории соҳаи илм, аз аттестатсия гузаронидани кадрҳои илмӣ ва илмию педагогии тахассуси олӣ, ки дар кишварҳои гуногун рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ ҳимоя намудаанд, тартиби аз аккредитатсияи давлатӣ гузаронидани муассисаҳои илмӣ ва инчунин, консепсияи сиёсати давлатӣ барои рушди минбаъдаи илму техника дар шароити истиқлолият мусоидат намуданд. Дар заминаи ин санадҳо муассисаҳои илмию тадқиқотӣ ва мактабҳои олӣ тадричан ба равандҳои нав мутобиқ гардида, барои рушди устувор ва пешрафти мамлакат дар самтҳои мухталифи ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангии ҷумҳурӣ саҳми худро гузоштанд.

Бояд тазаккур дод, ки баъди солҳои 2000-ум дар сиёсати давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм ва маориф марҳалаи тозае оғоз гардид. Вобаста ба дигаргуниҳое, ки ҳаёти сиёсӣ ва иқтисодию иҷтимоии мамлакатро фаро гирифтанд, барои руши илм ва маорифу фарҳанг низ фазои мусоид пайдо гардид. Ҳукумати ҷумҳурӣ оид ба рушди соҳаи маънавиёти шаҳрвандон сиёсати пайгирона ва босуботро амалӣ намуда, дар ин давра қарору фармоишҳое қабул намуд, ки онҳо талаботи иқтисодӣ ва иҷтимоии ҷумҳуриро дар назди илм ба миён мегузоштанд.

Баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ ва канда шудани риштаҳои ҳамкориҳо дар самти илм ва тарбияи кадрҳои илмӣ, пеш аз ҳама, илмҳои дақиқ ва экспериментӣ дар ҳолати ногувор қарор гирифтанд. Зеро то ин дам муассисаҳои илмӣ ва кафедраҳои мактабҳои олии ҷумҳурӣ бо марказҳои бузурги илмии шаҳрҳои Маскаву Ленинград, Киеву Минск, мактаби дар ҷаҳон шуҳратманди математикҳои Новосибирск ва ғайраҳо дар самти тадқиқотҳои муштарак ва тарбияи кадрҳо ҳамкорӣ доштанд, ки ин ҳамкориҳо бо гузашти вақт қисман заиф ва қисман қатъ гардиданд.

Вобаста ба зарурати пешомада, бо супориши Ҳукумат "Барномаи рушди илмҳои дақиқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2005-2008" таҳия гардид, ки он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2003 таҳти № 571 тасдиқ карда шуд.

Бояд зикр кард, ки миллати тоҷик дар таърихи фаҳанги ҷаҳонӣ бо илму фалсафа ва дастовардҳои зиёд дар самти илмҳои дақиқ ва табиатшиносӣ мақоми хосса дорад. Лекин бояд иқрор шуд, ки айни замон барои рушд ва ба натиҷаҳои дилхоҳ ноил гардидани соҳаи илмҳои табиатшиносӣ ва дақиқ на ҳамаи озмоишгоҳҳо ва марказҳои тадқиқотӣ шароити мусоид доранд. Академияи илмҳо ва дигар муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ тибқи қарорҳои дар боло зикргардидаи Ҳукумат вазифадор мегарданд, ки барои бо таҷҳизоти зарурӣ таъмин намудани озмоишгоҳҳои дар ихтиёр доштаашон чораҳои судманд андешанд. Зеро равандҳои муосири ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулоти муосири илму техника ва технология талаботро ба ихтирооти тоза, ба мутахассисони варзидаю дорои малакаи баланди касбибуда афзунтар менамояд. Амалӣ гардидани ин қарорҳо, пеш аз ҳама, ба фаро гирифтани шаҳрвандон, махсусан ҷавонони кишвар бо донишҳои амиқу дақиқи техникӣ, ба пурқувват гардидани неруи техникию технологии кишвар мусоидат хоҳад кард.

Дар ин давра қарорҳои дигари Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикстон аз қабили "Дар бораи Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои солҳои 2007-2015" аз 1 августи соли 2006 таҳти №362, "Дар бораи тасдиқи қоидаҳои ташаккул, экспертиза, тасдиқ, маблағгузорӣ ва иҷрои барномаву лоиҳаҳои илмӣ ва илмию техникӣ, ки аз буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон маблағгузорӣ мешаванд" аз 2 декабри соли 2006 таҳти №525, "Дар бораи тасдиқи Номгӯи самтҳои афзалиятдоштаи тадқиқоти илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2007-2009" аз 30 июни соли 2007 таҳти №333, "Дар бораи тасдиқи Тадбирҳои дастгирии тараққиёти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015" аз 31 декабри соли 2008 таҳти №661, "Дар бораи тасдиқи Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020" аз 30 апрели соли 2011 таҳти №227 ва ғайраҳо қабул гардиданд, ки ҳар яки он барои ин марҳилаи рушди илм дар ҷумҳурӣ хеле саривақтӣ, бамаврид ва барои рушду нумӯи илм муфид буданд.

Мушкилоти дигаре, ки имрӯз на танҳо ҷумҳурии мо, балки ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, ин буҳрони фарогири иқтисодиву молиявӣ ва таъсири манфии он ба кулли кишварҳои олам мебошад. Чунин вазъият Ҳукумати ҷумҳуриро водор намуд, ки бо дарки амиқи таъсири манфии ин буҳрон ба ҳаёти ҷомеа барномаи тадбирҳои аз нигоҳи илмӣ асосноки пешгирии ҳаддалимкони оқибатҳои ногувори онро таҳия намояд ва ҷиҳати татбиқи пайгиронаи он саъю талош варзад. Бо ин мақсад қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон -"Дар бораи тасдиқи Барномаи

комплексии мақсадноки истифодаи васеи манбаъҳои барқароршавандаи энергия, амсоли энергияи дарёҳои хурд, офтоб, шамол, биомасса, энергияи манбаъҳои зеризаминӣ барои солҳои 2007-2015” аз 2 феврали соли 2007 таҳти № 41 таҳия ва қабул гардид, ки масъалаҳои сарфаю сариштакории захираҳои об, барқу газ, истифодаи самараноки имкониятҳои молиявии давлат ва соҳибкорони ватанӣ ба хотири рушди истеҳсолот, фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ ва пешбурди соҳаҳои асосии иқтисодиёт, бахусус бахшҳои энергетика, саноат ва кишоварзӣ бо мақсади таъмини амнияти энергетикӣ ва озуқавории кишвар аз ҷумлаи самтҳое мебошанд, ки меҳвари асосии тадбирҳои Барномаи тасдиқгардидаро ташкил медиҳанд. Татбиқи ҳадафҳои муҳимтарини ин Барнома, бешак, иштироки фаъол ва сафарбар кардани неруи зеҳнии кишвар, ҳамгироӣ ва муттаҳид намудани потенсиали илмии тамоми муассисаҳои илмии ҷумҳуриро тақозо мекунад. Албатта, бе мавҷудияти заминаи зарурии кадрӣ ва ҳамоҳангию фаъолияти муштараки илмӣ амалӣ гардидани ҳар гуна барномаҳои илмӣ ва технологияҳои наву рақобатпазир ғайриимкон аст.

Бояд таъкид намуд, ки яке аз мушкилоти рушди илм ва тарбия намудани кадрҳои илмӣ ин ҳамоҳангсозии фаъолияти мактабҳои олӣ ва пажӯҳишгоҳҳои илмию тадқиқотӣ, алоқамандӣ ва пайвасткунии илм ба истеҳсолот ба шумор меравад, ки маҳз бо дарки амиқи ҳамин зарурат қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - “Дар бораи тасдиқи Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015” аз 2 июли соли 2009 таҳти №371 таҳия ва тасдиқ гардид. Зимни тарбияи кадрҳо ва корҳои муштараки илмию тадқиқотӣ ҳамкории зичи Академияи илмҳо, академияҳо ва пажӯҳишгоҳҳои тадқиқотии соҳавӣ бо кафедраҳои макотиби олӣ бояд ба роҳ монда шавад. Бояд ёдовар шуд, ки роҳандозии ин гуна ҳамкориҳо бештар дар самти илмҳои табиатшиносию фанҳои дақиқ муфидтар буда, барои истифодаи самараноки донишҷӯёну аспирантон ва дигар муҳаққиқон аз имкониятҳои моддию техникии озмоишгоҳҳо кумак хоҳад кард. Маҳз муттаҳид намудани неруи илмӣ ва кадрии ин муассисаҳо метавонад дар ҳалли мушкилоти дар ин самт вуҷуддошта мусоидат намояд.

Ба хотири ба вуҷуд овардани заминаи мусоиди ҳамгироии илм ва муассисаҳои олии таълимӣ, инчунин таъмини озмоишгоҳҳои мактабҳои таҳсилоти ҳамагонӣ бо таҷҳизоти замонавӣ ва дар ин замина, ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои тарбияи кадрҳои ҷавони илмӣ аз ҷониби Ҳукумат соли 2010-ум «Соли маориф ва фарҳанги техникӣ» эълон карда шуд. Ҷиҳати иҷрои қарори мазкур, мактабҳои олӣ вазифадор гардиданд, ки дар ҳамкорӣ бо дигар муассисаҳои илмӣ ва

истеҳсолӣ пойгоҳҳои технологӣ ва марказҳои илмию таҳқиқотии инноватсионӣ таъсис дода, истеҳсоли маҳсулоти қобили рақобатро ба роҳ монанд.

Дар шароити имрӯзаи рушди босуръати илм ва техникаву технология ҳар як давлат неруи зеҳнии ҷомеаро ба кашфиёту ихтирооти нав ва тавсеаи соҳаҳои гуногуни истеҳсолӣ равона месозад. Чунин муносибат ба фаъолияти инноватсионии соҳаҳои илму маориф такони ҷиддӣ бахшида, дар навбати худ ба рушди иқтисодиёти миллӣ ва баланд шудани сатҳу сифати зиндагии мардум мусоидат менамояд. Рӯзгори имрӯза, робитаҳои сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии замони муосир аз ҳар фард талаб мекунанд, ки барои рушди инноватсионӣ ва рақобатпазирии кишвари худ бо донишҳои замонавӣ мусаллаҳ гардад, зеро омӯзиш ва татбиқи донишҳои наву замонавӣ шарти муҳими таъмини рушди бемайлони ҷомеа маҳсуб мешавад. Маҳз тибқи ҳамин талабот ва ҷиҳати таъмин намудани тамоми соҳаҳои иқтисоди миллӣ, хусусан соҳаи истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо технологияи наву замонавӣ “Барномаи татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ дар истеҳсолоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015” қабул гардид, ки он бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 октябри соли 2009 таҳти №574 тасдиқ гардид.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки солҳои охир дар ин самт корҳои муайян ба анҷом расида, чандин корхонаҳои нави саноатии ҷавобгӯи меъёрҳои ҷаҳонӣ ба фаъолият оғоз намуданд. Имрӯз дар ҷумҳурӣ раванди бунёд, таҷдид ва азнавсозии корхонаҳои хурду миёна ва азими саноатӣ идома доранд ва ин амал масъулони соҳаро водор месозад, ки барои тарбияи мутахассисони лаёқатманд тадбирҳои судманд андешанд. Ҳамзамон бояд ёдовар шуд, ки Тоҷикистон дорои сарватҳои зиёди табиӣ мебошад, вале то ҳанӯз коркарди қисми зиёди онҳо ба роҳ монда нашудааст. Аз ин рӯ, дар қарори мазкури Ҳукумат ба рушди ҳамаҷонибаи соҳаи саноат, афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ, сифату рақобатпазирӣ ва содироти он мутобиқи талаботи бозори дохиливу хориҷӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст.

Мавриди зикр аст, ки тӯли 25 соли истиқлолият вазъи илм ва муассисаҳои илмӣ, мактабҳои олӣ ва кормандони соҳаи илм бакуллӣ тағйир ёфт. Он мушкилоте, ки имрӯз дар соҳаи илм вуҷуд доранд, аз солҳои аввали истиқлолият тафовути ҷиддӣ доранд. Ҳоло илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи нави тараққиёт қарор дорад. Аз солҳои 2010-ум ин тараф, тибқи дастуру супоришҳои Сарвари давлат ва санадҳое, ки аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ба тасвиб расидаанд, барои илм ва муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ фазои мусоиди корӣ ва эҷодӣ фароҳам омад. Аз ҷониби Ҳукумат тасдиқ гардидани Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология барои соли 2011-2015 ҳуҷҷати асосии раҳнамо барои фаъолияти

муассисаҳои илмӣ- тадқиқотӣ ба шумор меравад. Дар заминаи ин ҳуҷҷати муҳим ва ҷиҳати иҷрои бевоситаи он, солҳои охир аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ барномаҳои зерин, аз қабили Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015, Тадбирҳо оид ба дастгирии рушди илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015, Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015, Барномаи татбиқи дастовардҳои илмию техникӣ дар истеҳсолоти саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи солҳои 2010-2015 ва Барномаи рушди илмҳои табиатшиносӣ, математикиву техникӣ барои солҳои 2010-2020 тасдиқ гардиданд, ки иҷрои ҳар кадоми он, амалӣ гардидани стратегияи мазкур ва мақсаду маромии ин ҳуҷҷати муҳимро дар самтҳои муқаррарнамудаи давлат таъмин менамояд.

Дар замони истиқлолият, вобаста ба талаботи соҳаҳои мухталифи ҳаёти иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷумҳурӣ миқдори муассисаҳову марказҳои илмӣ, мактабҳои олӣ ва мутаносибан, теъдоди кормандони соҳаи илм афзоиш ёфт. Бояд ёдовар шуд, ки дар арафаи пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ (то соли 1990) дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар маҷмӯъ, 58 муассисаи илмӣ-тадқиқотӣ, филиалҳои онҳо ва мактабҳои олӣ ба фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ машғул буданд. Чунин теъдоди муассисаҳо ва кормандони илмӣ барои қонеъ намудани талаботи ҷумҳурӣ ба масъалаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва тарбияи кадрҳои илмӣ дар шароити мавҷуда (яъне дар замони шӯравӣ) басанда буд. Зеро равияҳо ва проблемаҳои зиёде буданд, ки таҳқиқи онҳо ба таври мутамарказ аз ҷониби институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва марказҳои бузурги илмии Шӯравӣ анҷом дода мешуданд ва ҷумҳуриҳои бародар низ аз натиҷаҳои ин тадқиқотҳо баҳравар мешуданд. Вале шикасти Шӯравӣ ҷумҳуриҳои мустақилро водор намуд, ки ба ҳамаи мушкилоти мавҷуда дар такя бо имкониятҳои илмӣ ва захираҳои зеҳнии худ мустақиман машғул гардида, барои ҳаллу фасли онҳо чораҷӯӣ намоянд.

Аз ин рӯ, замони истиқлолият дар назди илм ва муассисаҳои илмӣ-тадқиқотии ҷумҳурӣ ҳалли масъалаҳои муҳимро ба миён гузошт, ки барои ин заминаи бузурги илмӣ ва зеҳнӣ зарур буд. Барои дар тамоми самтҳои илм ба роҳ мондани таҳқиқотҳо зарурати ҷалби теъдоди зиёди олимону мутахассисон ва таъсиси муассисаҳои нави илмӣ-тадқиқотӣ пеш омад. Аз ин рӯ, ҷиҳати ба роҳ мондани омӯзиш ва таҳқиқи ҳамаҷонибаи самтҳои мухталифи ҳаёти иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодию фарҳангии ҷумҳурӣ дар шароити истиқлолият ва дар робита ба ин, ба вуҷуд овардани заминаи устувор барои тарбияи кадрҳои илмӣ ва илмӣ-педагогӣ барои таъмин намудани муассисаҳои илмӣ-тадқиқотӣ ва мактабҳои олӣ, аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ ислоҳоти давра ба давраи сохтори идораи илм ва таъсиси муассисаҳои нави илмӣ, марказҳои илмию тадқиқотӣ ва мактабҳои олӣ амалӣ карда шуд.

Ҳукумати ҷумҳурӣ дар мадди аввал ба ислоҳоти сохтори идораи илм таваҷҷуҳ намуда, дар ин самт корҳои муайянро ба анҷом расонд. Бо назардошти нақши муҳими хоҷагии қишлоқ дар ҳаёти иқтисодию иҷтимоии кишвар Ҳукумати ҷумҳурӣ аз рӯзҳои аввали истиқлолият ба масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи мушкилоти соҳаи мазкур, ташкили дуруст ва истифодаи самараноки захираҳои он, татбиқи дастовардҳои илм дар соҳаи мазкур таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд. Бо дарназардошти зарурати таҳқиқи самтҳои мухталифи хоҷагии қишлоқи ҷумҳурӣ, татбиқи дастовардҳои илму технологияи муосир дар соҳаи мазкур Академияи илмҳои кишоварзии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ба сохтори Академияи илмҳои кишоварзӣ 6 пажӯҳишгоҳи илмӣ-тадқиқотӣ, Маркази миллии ҷумҳуриявии захираҳои генетикӣ, Корхонаи илмию истеҳсолии “Доруҳои биологӣ” ва Пойгоҳи илмию таҳқиқотии кишоварзии Помир шомиланд. Имрӯз Академияи мазкур банақшагирӣ, ҳамоҳангсозӣ, инкишофи таҳқиқоти бунёдӣ ва амалӣ дар соҳаи кишоварзӣ, тайёр намудани кадрҳои баландихтисоси илмиро таъмин менамояд.

Маҳз ба хотири омӯзиш ва таҳқиқи масъалаҳои таълиму тарбия, гузаронидан ва ҳамоҳанг сохтани таҳқиқоти илмӣ доир ба педагогикаи умумӣ, назария ва методикаи таълими забонҳои тоҷикӣ ва русӣ, назария ва методикаи таълим дар самтҳои дигар бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2002 таҳти №482 Академияи илмҳои педагогии назди Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Дар назди академияи мазкур Институти илмию таҳқиқотии рушди маориф, Институти такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони маориф, Маркази омӯзиши таърихи маориф ва Маркази технологияи иттилоотӣ амал менамоянд.

Роҳбарияти давлату ҳукумат дар баробари масоили таълиму тарбия, ба вазъи солимии мардум ва ҳифзи он таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамояд, зеро барои давлату ҷомеа миллати солим ҳамеша дар ҷойи аввал қарор дорад. Бо назардошти вазъи мавҷудаи санитарию эпидемиологӣ ва пешгирии бемориҳо дар минтақаҳои ҷумҳурӣ ва бо мақсади таъмини ҳамоҳангсозии фаъолияти сохторҳои илмиву тадқиқотии соҳаи тандурустӣ, рушди тадқиқоти илмии бунёдӣ ва амалӣ дар соҳаи тиб, татбиқи дастовардҳои илми муосир ва усулҳои нави ташхису табобат, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2009 таҳти №494 Академияи илмҳои тибби назди Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷкистон таъсис дода шуд. Академияи мазкур дар сохтори худ 3 институти илмию тадқиқотӣ ва 9 маркази илмии Вазорати тандурустиро муттаҳид месозад. Таъсиси ин муассисаи илмӣ дар замони истиқлолият барои таъмини дастрасии мардум ба хизматрасонии босифат ва муосири тиббӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои пешқадам дар амалияи соҳаи тандурустӣ ва таҳкими нуфузу эътибори илми ватанӣ мусоидат хоҳад кард.

Ҳамин тариқ, сиёсати созанда ва мақсадноки Роҳбари давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳалли мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоию фарҳангӣ дар даврони Истиқлолияти давлатӣ барои рушду тавсеаи донишҳои илмӣ, такмили низоми идораи илм, тарбияи кадрҳои илмӣ ва илмию педагогӣ, таҳким бахшидани пояи моддию техникии муассисаҳои илмӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти илм ва фаъолияти илмӣ-тадқиқотӣ мусоидат намуд. Бояд тазаккур дод, ки татбиқи сиёсати давлатии соҳаи илм ва илму техника, ҳамзамон барои дастрасӣ ва ширкати ҷомеаи илмии Тоҷикистон дар ҳалли масоили ҳаётан муҳими ҷумҳурӣ ва проблемаҳои глобалии замони муосир имкониятҳои мусоид муҳайё хоҳад кард.

АДАБИЁТ

1.Илм дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.//Маҷӯаи оморӣ.-Душанбе, 2005.

2.Ҳисобот оид ба фаъолияти Академияи илмҳо дар соли 2015.-Душанбе, 2015.

3.Курбанов А.Ш. Илм ва низоми идораи он дар сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе, “Ирфон”, 2014.

4.Қурбонов А.Ш. Амнияти зеҳнӣ ва истиқлолияти давлатӣ–Душанбе, “Ирфон”, 2016.

5.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи илм ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника”. -Душанбе, 1998.

6.Научно-технический потенциал Республики Таджикистан в 2014 году./Аналитический сборник. Выпуск 10. –Душанбе, 2015.

7.Научные учреждения и научные кадры, дошкольные, внешкольные, культурно-просветительные учреждения и печать Таджикской ССР в одинацатой пятилетке./Статистический сборник. –Душанбе, 1986.

8.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (ш. Душанбе, 20 январи соли 2016).

ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНЫЙ ПОТЕНЦИАЛ РЕСПУБЛИКИ И РЕШЕНИЕ ПРОБЛЕМЫ НАУКИ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

А. Ш. КУРБОНОВ,
доктор философских наук, начальник Управления анализа социальных проблем Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан.
734025, Республика Таджикистан, Душанбе, пр. Рудаки 40,
тел.: (+992 37) 227 67 57, (+992) 988 65 00 49

С приобретением государственной независимости и вхождения Республики Таджикистана в новый исторический этап, перед государством и таджикским народом встала важная историческая задача – построения цивилизованного и современного государства, отвечающий интересам народа и страны. Одна из важных задач в этом направлении – это создание благоприятной атмосферы для развития науки и современной технологии, подготовки кадров и управления сфер науки и образования в новых условиях. Необходимо отметить, что успешная и эффективная политика Президента страны Правительства Республики Таджикистан способствуют развитию сфер науки и современной технологии, и сегодня в этой отрасли происходят новые и серьёзные изменения, что рассматривается и анализируется в данной статье.

***Ключевые слова**: научно – техническая политика, инновация, современная технология, фундаментальные и прикладные исследования, научная экспертиза, приоритетные научные школы, международное научное сотрудничество.*

INTELLECTUAL POTENTIAL OF TAJIKISTAN AND RESOLVING SCIENCE'S ISSUES DURING INDEPENDENT

A. SH. QURBONOV,
doctor of philosophy sciences, Head of Department of Social Issue
Analysis at Center for Strategic Researches under the President of Tajikistan
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki aven. 40,
ph.: (+992 37) 227 67 57, (+992) 988 650049

With the obtaining the state independence of Tajikistan and entering a new historical stage, the State and the Tajik nation got important historical task - to build a civilized and modern State that meets the interests of the Nation and the country. One of the most important tasks in this area - is to create a favorable atmosphere for the development of science and modern technology, training and management of science and education in the new environment. It should be noted that a successful and efficient policy of the President and Government contribute to the development of science and modern technology, and today there are new and serious changes in this area, which is reviewed and analyzed in this article.

***Keywords:** scientific-technical policy, innovation, modern technology, basic and applied research, scientific expertise, priority scientific schools, international scientific cooperation.*

УДК 338.46.

РУШДИ МАОРИФ ВА ИЛМ ДАР ЗЕРИ ПАРЧАМИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ВА ОРМОНҲОИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Р.М. МИРБОБОЕВ,
номзади илмҳои иқтисод, муовини аввали Вазири маориф
ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе,
хиёбони академикҳо Раҷабовҳо 3,
тел.: (+992 37) 2-21-20-31.

Дар мақола дастовардҳои рушди низоми маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтаст. Гузориши раванди инкишоф ва масъалагузории рушди таҳсилот дар ҳамаи сатҳҳо таъмин шудаст.

Калидвожаҳо: *маориф, таҳсилот, муассисаҳои таълимӣ, маблағгузории соҳаи маориф.*

Пас аз ба даст овардани истиқлолият Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ эълон гардида, дар назди хеш мақсад гузошт, ки барои ҳар як сокини кишвар шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам орад. Аз ин рӯ, ҳаллу фасли тадриҷии масъалаҳои ҳаёти иҷтимоии кишвар яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати дохилии давлат қарор гирифт. Дар ин самт корҳои назаррас анҷом ёфта, қариб нисфи буҷети давлатӣ мунтазам барои рушди соҳаҳои иҷтимоӣ, махсусан маориф ва илм, тандурустӣ, ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани сифат ва сатҳи зиндагии шаҳрвандон бо роҳи зиёд намудани музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ, нафақа ва стипендия равона карда шуд.

Хушбахтона, дар зарфи 25 сол дар самти иҷтимоӣ, қабл аз ҳама, вазъи таълиму тарбия ва низоми илму маориф дар мамлакат рӯ ба беҳбудӣ ниҳод. Дар ин давра ба заминаи меъёрии ҳуқуқии таҳсилоти томактабӣ ва миёнаи умумӣ таҳким бахшида шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде таҳия ва тасдиқ карда шуд. Аз ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи таълиму тарбияи томактабӣ”

қабул гардида, барномаҳои зиёди давлатӣ мавриди иҷро қарор дода шуд. Имрӯз шумораи кӯдакистонҳо дар ҷумҳурӣ ба 578 адад расида, миқдори кӯдакони ба таълиму тарбия фарогирифташуда ба 92024 нафар расидааст. Масъалаи таъминоти кадрӣ низ дар муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ тадриҷан ҳалли худро ёфта исто-дааст.

Дар замони истиқлолият дар ҷумҳурӣ шумораи муассисаҳои таҳсилоти умумӣ 657 адад зиёд гардида, тибқи тадбирҳои андешидашудаи Ҳукумати кишвар 158 муассисаи таҳсилоти ибтидоӣ ба муассисаҳои таҳсилоти умумии асосӣ ва 57 муассисаи таҳсилоти умумии асосӣ ба миёнаи умумӣ табдил дода шуданд ва ба ин васила масъалаи аз таҳсил дур мондани хонандагон асосан ҳалли худро ёфт.

Бояд таъкид намуд, ки дар замони пеш аз истиқлол дар кишвар ягон мактаби типи нав, хусусӣ ва ғайридавлатӣ амал намекард. Имрӯз бошад, дар ҷумҳурӣ 151 муассисаи типпи нав, аз ҷумла 83 гимназия ва 68 литсей фаъолият менамояд. Ҳамчунин, дар ин давра 9 мактаби Президентӣ барои хонандагони болаёқат бунёд ва мавриди истифода қарор дода шуд, ки беҳтарин шароитҳои таълимандӯзӣ дар онҳо муҳайё карда шудааст.

Соли 1991 теъдоди муассисаҳои интернатӣ дар кишвар 41-то буд. Айни замон 77 мактаб-интернат амал карда, 12175 нафар хонанда дар онҳо таҳсил менамояд. Дар қиёс ба соли 1991 теъдоди хонандагони муассисаҳои интернатӣ 8575 нафар зиёд шудааст, ки аз ғамхориҳои давлат ва Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Сарвари хирадманди он нисбат ба мардуми ҷумҳурӣ шаҳодат медиҳад.

Бо мақсади таъмини муассисаҳои таҳсилоти умумии ҷумҳурӣ бо кадрҳои соҳибихтисос Қоидаи баргардонидани маблағҳои буҷетӣ аз ҳисоби мутахассисони ҷавон, ки тибқи роҳхат ба ҷои кор ҳозир нашудаанд, таҳия карда шуд. Дар натиҷаи амалӣ гардидани ҳуҷҷати меъёрии ҳуқуқии зикршуда нарасидани омӯзгорон дар ҷумҳурӣ ба тадриҷ кам гардид. Аз ҷумла, агар соли 2005 нарасидани омӯзгорон дар ҷумҳурӣ зиёда аз 11 ҳазор нафарро ташкил медод, ин рақам ба ҳолати моҳи майи соли 2016 ҳамагӣ 282 нафар мебошад.

Ибтидо аз соли 2016 бори аввал дар таърихи маорифи кишвар таҳияи стандартҳои фаннӣ бо дарназардошти таълими салоҳиятнок шуруъ карда шуд.

Дар солҳои охир барномаи компютеркунонии муассисаҳои таълимӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди дастгирӣ қарор гирифта, муассисаҳои таълимӣ бо 53556 компютер таъмин шудаанд, ки 1 компютер ба 13,5 хонанда рост омада, иҷрои ин барнома 110,8 %-ро ташкил дод.

Ҳамзамон, дар ҷумҳурӣ 83 Марказ оид ба тарбияи беруназмактабӣ барқарор шуда, ибтидо аз соли хониши 2016-2017 маблағгузории онҳо пурра аз ҳисоби буҷети давлатӣ сурат мегирад.

Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 Консепсияи миллии таҳсилоти фарогир - инклюзивӣ тасдиқ гардид, ки барои таъмини ҳуқуқҳои баробари кӯдакони имконияташон маҳдуд ба гирифтани таҳсилот мусоидат менамояд.

Дар ҷумҳурӣ аз соли 2007 Маркази ҷумҳурияии дарёфт ва рушди истеъдодҳо таъсис ёфта, дар тамоми вилоят, шаҳр ва ноҳияҳои ҷумҳурӣ чунин марказҳо ба фаъолият шурӯъ намуданд. Натиҷаи фаъолияти онҳо хонандагони болаёқати кишвар дар озмуну олимпиадаҳои байналхалқии фаннӣ мунтазам иштирок намуда, сазовори ҷойҳои намоён гардиданд.

Мавриди таъкид аст, ки дар ин муддат аз ҷониби Вазорати маориф ва илм доир ба раванди низоми таълиму тарбия ислоҳоти зиёде пешниҳоду роҳандозӣ гардида, дар ин раванд аҳли маорифи кишвар, аз ҷумла олимону омӯзгорон ва зиёиёни пешқадами кишвар муташаккилона ширкат варзиданд ва баҳри амалӣ гардидани ин иқдомот саъйу талошҳои зиёде карданд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки бо қабул гардидани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи масъулияти падару модар дар тарбияи фарзанд” аксарияти мардуми кишвар ҳам дар рушду устувор гардидани низоми таълиму тарбия ва илму маориф иштирок намуда, барои беҳтар гадидани ин самти афзалиятноки сиёсати давлату ҳукумат саҳми арзандаи худро гузоштанд.

Дар давраи истиқлолияти давлатӣ дар қаламрави ҷумҳурӣ аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгзорӣ 2254 бинои муассисаи таълимӣ ва бинои иловагӣ дар назди муассисаҳои таълимӣ барои 474103 ҷойи нишаст бо маблағи умумии 2 млрд. 316 млн. 259 ҳазор сомонӣ сохта ба истифода дода шудааст.

Аз ҳисоби маблағҳои буҷети ҷумҳурӣ азнавсозии бинои Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино, сохтмони бинои таълимӣ дар назди Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, сохтмони навбати дуюми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва хобгоҳи он, азнавсозии бинои филиали Донишгоҳи давлатии Москва ба номи М. Ломоносов дар шаҳри Душанбе, сохтмони хобгоҳҳо дар назди Донишгоҳи давлатии ба номи М.Назаршоев дар шаҳри Хоруғ, сохтмони филиали Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ дар ноҳияи Рашт, Сохтмони бинои маъмурии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рӯдакӣ ва чанд рӯз қабл сохтмони бинои нави таълимии Донишгоҳи славянии Тоҷикистон-Россия анҷом ёфта, мавриди истифода қарор гирифтанд.

Илова ба ин, сохтмони навбатии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, сохтмони Донишгоҳ ва хонаи истиқоматӣ барои омӯзгорон дар ноҳияи Данғара, сохтмони Донишкадаи исломии Тоҷикистон ба номи Имоми Аъзам-Абуҳанифа дар шаҳри Душанбе ва сохтмони бинои иловагии таълимии Донишкадаи забонҳо ба номи С. Улуғзода дар шаҳри Душанбе идома дорад.

Дар даврони Истиқлолият аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои баланд бардоштани мақоми омӯзгор ва дастгирии соҳаи маориф тамоми чораҳои зарурӣ андешида шуданд. Тасдиқи ин гуфтаҳо дар он дида мешавад, ки музди миёнаи меҳнати кормандони соҳаи маориф соли 2010 ба 279 сомонӣ ва дар соли 2014 ба 699 сомонӣ баробар шуд, ки ин нисбат ба нишондиҳандаи соли 2000 63,5 маротиба зиёд аст.

Дар замони Истиқлолияти мамлакат дар бахши иқтисод ва молияи соҳаи маориф ислоҳоти зиёде гузаронида шуда, ноил шудан ба дастовардҳои назаррас муяссар гардид. Яке аз ислоҳоти муваффақи ин соҳа дар солҳои охир ба маблаггузории меъёрӣ ё худ сарикасӣ гузаронидани муассисаҳои таҳсилоти умумии кишвар мебошад. Ин низоми нави маблаггузорӣ тақсимоти шаффофу боадолатонаи маблағҳои буҷетӣ ва самаранок истифода бурдани онҳоро таъмин менамояд. Чунин низом дар муассисаҳои таҳсилоти давлатии томактабӣ низ ҷорӣ карда шуда истодааст.

Маблағгузори соҳаи маориф дар маҷмуъ дар се панҷсолаи даврони Истиқлолият ба таври зайл рушд кардааст: соли 2000 ба андозаи 11 млн. 973 ҳазор сомонӣ, соли 2005 ба андозаи 25 млн. 307 ҳазор сомонӣ ва соли 2015 ба андозаи 2 миллиарду 918 милиону 639 ҳазор сомонӣ. Ин нишондиҳанда далели он аст, ки давлат ва ҳукумати мамлакат барои рушду инкишофи рӯзафзуни маорифи кишвар тамоми имкониятҳоро истифода мебаранд, то ки сатҳи таълиму тарбия ва донишандӯзию забономӯзии хонандагон беҳтар гардида, вазъи иҷтимоии омӯзгорону устодон хубтар гардад.

Яке аз зинаҳои муҳим ва асосии таҳсилот ва тайёр кардани касбҳои коргарӣ зинаи таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ ба шумор меравад, ки дар давраи соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ нақши хоса пайдо намуд. Бо вуҷуди ҳамагуна мушкилиҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ дар ҷумҳурӣ шумораи муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбӣ ва донишҷӯён сол аз сол афзуда истодааст. Имрӯз дар кишвар корҳои зиёде анҷом дода шуда, дар ин муддат коллеҷҳову омӯзишгоҳҳои нав таъсис ёфта, шумораи онҳо ба 66 адад расид. Аз ин теъдод 12 адади он хусусӣ буда, шароити мусоиди таълимӣ дар онҳо фароҳам оварда шудааст.

Дар натиҷаи тадбирҳое, ки аз ҷониби Ҳукумати мамлакат мунтазам амалӣ мегарданд, дар кишвар таҳсилоти олии касбӣ низ бомаром рушд мекунад. Шумораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва филиалҳои онҳо дар даврони истиқлол ба маротиб афзуда, аз 13 муассисаи таҳсилоти олии касбии соли 1991 ҳоло ба 39 адад расидааст.

Илова бар ин, дар кишварамон тӯли солҳои охир таъсис додани филиали муассисаҳои бонуфузи таълимии давлатҳои пешрафта, бахусус дар самти рушди ихтисосҳои техникӣ ривоҷ дорад. Айни замон дар мамлакати мо филиалҳои Донишгоҳи давлатии Москва ба номи Ломоносов, Донишкадаи хӯла ва пӯлоди Москва, Донишкадаи энергетикии Москва, инчунин факултети муштараки Украинаву Тоҷикистон дар Донишгоҳи технологии Тоҷикистон ва факултети муҳандисиву техникии Донишгоҳи миллии техникии Беларус дар Донишгоҳи техникии ба номи академик Муҳаммад Осимӣ фаъолият доранд.

Теъдоди донишҷӯёни мактабҳои олии кишвар агар то замони истиқлолият 69 ҳазор нафарро ташкил карда бошад, имрӯз ин рақам ба зиёда аз 184 ҳазор нафар

баробар шудааст. Ҳамаи ин далели равшани сол ба сол бештар ба таълим ҷалб гардидани ҷавонон мебошад. Дар баробари ин, бо ташкили «Маркази барномаҳои байнамилалӣ дар соҳаи маориф» ва стипендияи байналмилалии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - «Дурахшандагон» аз соли 2009 инҷониб зиёда аз 30 ҳазор донишҷӯён дар хориҷи кишвар ба таҳсил фаро гирифта шуданд.

Бо мақсади суръат бахшидан ба воридсозии меъёрҳои таҳсилоти олии сатҳи байналмилалӣ, вусъати мубодилаи донишҷӯёну омӯзгорон миёни муассисаҳои таълимӣ ва ба рақобати бозори меҳнат омода намудани мутахассисон дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар низоми кредитии таҳсилот ва таҳсилоти бисёрзинагии бакалавриат, магистратура, докторантура аз рӯи ихтисос ҷорӣ карда шуд. Умед аст, ки дар таъсиси постдокторантура низ мутахассисони мо муваффақ хоҳанд шуд.

Ҳамзамон, ҷорӣ намудани усулҳои инноватсионӣ дар самти қабули довталабон ба макотиби олӣ, ки тавассути имтиҳонҳои марказонидашуда дар Маркази миллии тестӣ сурат мегирад, пеш аз ҳама, ҳамчун василаи асосии баланд бардоштани сифати таҳсилот ва мониторинги он, арзёбии объективонаву одилонаи дониши довталабон ва паст кардани сатҳи коррупсия дар соҳаи маориф эътироф гардид.

Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки ҳамчун дастоварди шоистаи даврони истиқлолият дар соҳаи маориф ба имзо расид, Конвенсия оид ба эътирофи тахассусҳои мансуб ба таҳсилоти олӣ дар минтақаи Аврупо ё худ конвенсияи Лиссабон ба шумор меравад. Ҳуҷҷати мазкур эътирофи таҳсилоти олии касбии кишвари мо дар бозори таҳсилот ва меҳнати Аврупо буда, барои ворид шудани соҳаи маорифи кишвар ба фазои ягонаи таҳсилоти ҷаҳонӣ шароити мусоид фароҳам месозад.

Дар маҷмуъ дар даврони истиқлолият масъалаҳои дар низоми таҳсилот ҷорӣ намудани меъёрҳои муосири таълиму тарбия, тайёр кардани мутахассисони баландихтисосу соҳибмаърифат ва ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнати дохиливу хориҷӣ ва барои ворид гардидани принсипи салоҳиятнокии касбӣ дар раванди таҳсилот ҳамаи захираву имкониятҳо сафарбар гардиданд.

Фаъолияти илмию инноватсионӣ дар даврони истиқлолият тибқи талаботи ҷаҳони муосир ба роҳ монда шуда, зина ба зина дар кишвар як қатор комёбиҳо ба

даст омаданд. Дар ин самт қабл аз ҳама пояи меъёрии ҳуқуқии фаъолияти илмию инноватсионӣ хеле таҳким ёфт. Бо ин мақсад бори аввал дар таърихи ҷумҳурӣ қонун «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника» дар соли 1998 қабул гардида, ба он дар солҳои 2007, 2008 ва 2013 тағйироту иловаҳои зарурӣ ворид карда шуданд ва аз 18 марти соли 2015 бошад, ин қонун дар таҳрири нав қабул гардид.

Ибтидо аз соли 2006 дар кишвар амалисозии як қатор стратегия ва барномаҳои давлатӣ оғоз гардид, ки барои рушди илм, аз ҷумла илми донишгоҳӣ мусоидат намуд. Инҳо Барномаи ҳамгироии илм ва таҳсилоти олӣ, Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи илм ва технология, Тадбирҳои дастгирии тараққиёти илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва инсоншиносӣ, Барномаи тайёр кардани кадрҳои илмӣ ва амсоли он мебошанд. Ин санадҳои қабулгардида ҳамчунин барои коркард ва татбиқи технологияҳо дар истеҳсолот мусоидат намуданд.

Истиқлолияти давлатӣ барои таҳқиқоти илмӣ дар муассисаҳои соҳаи мориф имконияти бештаре фароҳам оварда, бо ин мақсад маблағҳо аз ҳисоби буҷети давлатӣ ҷудо гардиданд. Дар ин самт Академияи таҳсилоти Тоҷикистон дар соли 2002 таъсис ёфта, Пажӯҳишгоҳи рушди маориф фаъолияти худро таҷдид намуд. Ҳамзамон, аз ҳисоби буҷети ҷумҳурӣ фондҳои махсуси рушди илм таъсис ёфтанд, ки ҳоло дар доираи маблағузории онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зиёда за 100 мавзӯи илмӣ таҳқиқ шуда истодааст.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол ба тарбияи кадрҳои илмию педагогӣ ҳам таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шуд. Бояд таъкид намуд, ки дар арафаи ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатӣ ба анҷом расонидани иҷрои “Барномаи тайёр намудани кадрҳои илмӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2015” як айёнияти беҳтарин оид ба рушди илми донишгоҳӣ аст. Таҳлили ҳолати иҷрои ин барнома нишон дод, ки дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ нисбат ба соли 1991 шумораи докторони илм зиёда аз ду маротиба афзуда аст.

Албатта, ин шумора наметавонад моро қаноат кунонад. Вале ҳамаи ин нишона аз он аст, ки барои тарбияи кадрҳои илмию педагогӣ дар ҷумҳурӣ бо вуҷуди мавҷудияти мушкилоти зиёд дар солҳои истиқлолият тамоми чораҳои зарурӣ андешида шуданд ва боиси хушнудист, ки дар ниҳояти кор асосҳои нахустини низоми

миллии омода кардани чунин кадрҳо низ гузошта шуданд. Бо ин мақсад Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 августи соли 2014 дар бораи таъсиси Муассисаи давлатии "Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба имзо расид ва ибтидо аз 1 сентябри соли 2015 бори аввал дар таърихи ҷумҳурӣ қабул ба докторантура аз рӯи ихтисос шурӯъ гардида, зиёда аз 150 нафар олими ҷавон ба ин низоми таҳсил фаро гирифта шуд.

Дар маҷмуъ, дар замони Истиқлолияти давлатӣ соҳаи маориф ва илм симои худро ба куллӣ тағйир дода, низоми муайянеро ба даст овард. Ҳамаи ин зери парчами Ваҳдати миллӣ ва ормонҳои Истиқлолияти давлатӣ рушд кард ва тамоми дастовардҳои назарраси мо дар ин ҷода аз баракати соҳибистиқлолӣ ва сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад.

РАЗВИТИЕ СИСТЕМЫ ОБРАЗОВАНИЯ И НАУКИ В ПЕРИОД ОБЕСПЕЧЕНИЯ НАЦИОНАЛЬНОГО ЕДИНСТВА И ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

Р.М. МИРБОБОЕВ

кандидат экономических наук, первый заместитель Министра
образования и науки Республики Таджикистан
734025. Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. акад. Раджабовых 3,
тел.: (+992 37) 2-21-20-31.

В статье анализируются достижения в обеспечении развития системы образования и науки Республики Таджикистан. Осуществлена постановка процесса развития и финансирования процесса обучения на всех ступенях системы образования.

Ключевые слова: *образование, обучение, образовательные учреждения, финансирование системы образования.*

DEVELOPMENT OF EDUCATION AND SCIENCE SYSTEM IN THE PERIOD ENSURING OF NATIONAL UNITY AND STATE INDEPENDENCE

R.M. MIRBOBOEV,
candidate of economical sciences,
first deputy Minister of aducation and science of the Republic of Tajikistan,
734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, aven. acad. Rajabovs 3,
ph.:. (+992 37) 2-21-20-31

The article analyzes the achievements in ensuring the development of education and science of the Republic of Tajikistan. Implemented the production process development and financing of the learning process at all levels of the education system.

Keywords: *education, training, educational institutions, educational funding.*

К СВЕДЕНИЮ АВТОРОВ

В Вестнике Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан **«Таджикистан и современный мир»** печатаются статьи в области экономики, политологии, культуры, безопасности, экологии, социологии, которые являются результатами научно-исследовательских работ Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан и других организаций.

Редколлегия журнала обращает внимание авторов на необходимость при направлении статьи в редколлегию строго соблюдать следующие правила:

1. Статьи принимаются по рекомендации главного редактора Вестника или его заместителей.

2. Текст статьи представляется редакционной коллегии в виде файла на съемном диске и бумажном носителе должны быть подготовлены в текстовом редакторе **MS Word, шрифт Times New Roman 12 пт** для статей на русском и таджикском языках. Для компьютеров с **Windows XP** и любой версией **МС Офис** необходимо использовать клавиатурный редактор **Keyman.** Интервал между строками – 1,5. Все листы рукописи должны быть пронумерованы.

3. Размер статьи не должен превышать 10 стр. компьютерного текста, включая текст, таблицы, список литературы (не более 15 источников), рисунки, число которых не должно превышать 6.

4. Рисунки, диаграммы и фотографии прилагаются отдельно в формате той программы, в которой они выполнены. Диаграммы в формате Excel, рисунки и фотографии в формате JPEG.

Оформление статьи:

1. Титульная страница статьи должна содержать: УДК, Ф.И.О. автора(ов) (полностью), ученая степень и (или) звание, должность, название учреждения(ий), в котором выполнена представленная статья, адреса (почтовый и электронный), номера телефонов, полное название специальности.

2. Сокращение слов, имен, названий не допускается, за исключением общепринятых сокращений мер, физических, химических и математических величин, терминов и т.д.

3. Ссылки на цитируемую литературу даются в тексте статьи в квадратных скобках, например: [1], [1, 3–5]. Список литературы приводится общим списком (под заголовком «Литература») в порядке упоминания в тексте и оформляется следующим образом:

Для книг: фамилия и инициалы автора, полное название книги, том или выпуск, место издания, издательство, год издания, номер страницы или общее количество страниц. Для периодических изданий: фамилия и инициалы автора,

название статьи, название издания, год и номер издания, номер страницы или первая и последняя страницы статьи.

Например:

1. Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. (Методическое руководство). – Душанбе: Авесто, 2009.–С. 8.
2. Френсис Фукуяма. Неясность национального интереса// Независимая газета. 1992, 16 октября. -С.3-5.

К статье прилагается резюме на русском, английском и таджикском языках (не менее 5 строк) и ключевые слова (3–10).

Редколлегия оставляет за собой право производить сокращения и редакционные изменения рукописей, рекомендовать статьи к депонированию. Рукописи, не отвечающие настоящим правилам, редколлегией не принимаются.

Текст присылаемой рукописи является окончательным, должен быть тщательно подготовлен, выверен, без исправлений и подписан автором(ами).

Образцы оформления можно найти на сайте ЦСИ (www.mts.tj) в разделе Вестники ЦСИ.

Примечание: *Позиции авторов и редакционной коллегии могут не совпадать. За правильное использование источников фактов и цифр ответственность несут авторы.*

Адрес редакции: 734 025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 40
Тел.: (+992 37) 221-11-00, (+992 37) 221-16-36
Факс: (+992 37) 221-11-00
E-mail: info@mts.tj

ҶДММ «ЭР-граф».
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев, 218.
Тел.: (+992 37) 233-17-17. E-mail: r-graph@mail.ru

Ба матбаа 15.03.2016 таҳвил гардид. Чопаш 28.03.2016
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 70х100 $^{1}/_{8}$.
Ҷузъи чопии шартӣ 13,5. Адади нашр 150 нусха.
Супориши № ___. Нархаш шартномавӣ.

Дар матбааи ҶДММ «Андалеб-Р» ба табъ расидааст.
734036, ш. Душанбе, кӯчаи Р. Набиев 218.
E-mail: andaleb.r@mail.ru